# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

АПРЕЛ-ИЮНИ 2019

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Раҳматшо Сайисмонов**, коршинос
**Беҳзод Ҷӯраев**, бонкдор
**Бозоралӣ Бекматов**, коршинос
**Айёмуддин Азизов**, иқтисодчӣ

ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ: РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ 63

ПРИОРИТЕТЫ НОВАЦИЙ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ О ЗАЛОГЕ ДВИЖИМОГО ИМУЩЕСТВА 47

ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ ВА АФКОРИ МАРДУМ 52

БОЗОРИ ҚАРЗҲОИ БОНКӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОН 68

## Бояд суботи молиявии кишвар таъмин гардида, фишангҳои пулию қарзӣ самаранок истифода ва механизмҳои таъсирбахшии онҳо ҷорӣ карда шаванд

Мавзӯи асосӣ дар саҳ. 5



«Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряхҳои азим, обҳои шифобаш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошад»

*Эмомалӣ Раҳмон*



СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ 2018 YEAR OF TOURISM DEVELOPMENT AND FOLK CRAFTS 2018



# 2019–2021
# “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

# ДАР ИН ШУМОРА:»


**3**

**ПРЕЗИДЕНТ: ДАР СОҲАҲОИ ИҚТИСОДУ МОЛИЯ ВА БОНКДОРӢ КАМБУДИВУ МУШКИЛОТИ . . .**

Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, . . .

**61**

**WORLD BANK ENDORSES NEW COUNTRY PARTNERSHIP FRAMEWORK FOR TAJIKISTAN**

Tajikistan aims to achieve sustained economic growth, boost exports, and create more and better jobs for its citizens, through …

**25**

**НИЗОМНОМА “ОИД БА ТАШКИЛИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ”**

Низомнома “Оид ба ташкили реҷаи махсуси танзим” (минбаъд – Низомнома) мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон …





**17** **НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ҶИҲАТИ ИҶРОИ ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**63**

**ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ: РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ**

Вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба мустаҳкамии интизоми молиявии субъектҳои хоҷагидор, коҳиш додани саркашӣ аз андоз ва беҳтар намудани шаффофияти …

**42**

**ГУРӮҲИ КОРӢ ВА УСУЛҲОИ ТАНЗИМИ СИЁСАТИ ФОИЗИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ**

Яке аз камбудиҳои ҷиддие, ки ҳангоми гузаронидани тадқиқот аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ошкор гардид, ин, метавон гуфт, умуман вуҷуд надоштани сиёсати фоизӣ …

**74** **ИНТЕРНЕТБАНКИНГ ДАР ТОҶИКИСТОН**






**47**

**ПРИОРИТЕТЫ НОВАЦИЙ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ О ЗАЛОГЕ ДВИЖИМОГО ИМУЩЕСТВА...**

Кредитные организации, осуществляя непосредственное кредитование реального сектора экономики, прежде всего, заинтересованы в проведении активных операций и быстрой оборачиваемости кредитных ресурсов. При этом их естественным …

**79**

**БМТ ВА ЧОРАБИНИҲОИ ОММАВӢ-ВАРЗИШӢ**

Бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии . .

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:»




**52** ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ ВА АФКОРИ МАРДУМ





**68**

**БОЗОРИ ҚАРЗҲОИ БОНКӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОН**


Дар замоне, ки бухрони иқтисодию молиявӣ қариб тамоми мамлакатҳоро фаро гирифта, сол аз сол зоҳиршавии он хусусиятҳои навро ба худ касб намуда истодааст, ҳолати бозорҳои молиявӣ, бахусус бозори қарзҳои бонкиро дар вазъи ногувор ва номуайянӣ қарор медиҳад, омӯзишу тадқиқи …




**44**

**БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ**


Дар ибтидо месазад зикр намуд, ки дар умум институти бонкдорӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти молиявии ҷомеа арзи ҳастӣ менамояд. Маҳозан ин созмонро ба корде ташбеҳ додан мумкин аст, ки метавон онро барои забҳи ҳайвонот ба манфиати инсонҳо истифода …


**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
2 (85) Апрел-июн, 2019



**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**



**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҷ.Нурмаҳмадзода
**Аъзои Шӯрои машваратӣ:**
Ҷ.Нуралиев, Ф.Ҳамрализода, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов
Мутахассиси дараҷаи 1: Л.Имомова



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.



Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.



Теъдоди нашр: 382 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Хувайдуллоев, 113.



## Дар соҳаҳои иқтисоду молия ва бонкдорӣ камбудиву мушкилоти зиёде ҷой доранд, ки андешидани чораҳои дахлдорро тақозо менамоянд

Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо. Душанбе, 10 майи соли 2019

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мақсади мулоқоти имрӯза бо шумо – кормандони соҳаҳои молия, бонкдорӣ, андоз, гумрук ва сармоягузорӣ баррасии фаъолияти сохторҳои марбута ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот ва вазифаҳое мебошад, ки иҷрои онҳо барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллии мо зарур шуморида мешавад.

Бояд таъкид намоям, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем.

Ҳарчанд ки тайи 10 соли охир суръати миёнаи рушди иқтисодӣ дар сатҳи беш аз 7 фоиз таъмин гардида истодааст, вале сифати он моро қонеъ карда наметавонад. Вобаста ба ин, дар соҳаҳои иқтисоду молия ва бонкдорӣ камбудиву мушкилоти зиёде ҷой доранд, ки андешидани чораҳои дахлдорро тақозо менамоянд.

Вобаста ба роҳҳои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва расидан ба нишондиҳандаҳои дар барномаву нақшаҳои давлатӣ пешбинишуда дар паёмҳои Президент ба Маҷлиси Олӣ ва дар маҷлисҳои Ҳукумат масъулин пайваста барои ислоҳи камбудиву мушкилоти мавҷуда вазифадор карда мешаванд.

Аммо якчанд масъалаи муҳим, алалхусус, ҷараёни нокифояи татбиқи ислоҳоти идораи молияи давлатӣ ва таъмин намудани суботи молиявӣ дар кишвар, номукаммалии низоми маъмурикунонии андоз, афзоиши номувозинатӣ ва иҷрои сифатноки қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва муфлисшавии чор бонки кишвар ва дигар масъалаҳо, аз ҷумла ба тақозои замона мувофиқат надоштани сатҳи касбияти кадрҳои бахши иқтисодӣ, яъне соҳаҳои молия, буҷету андоз ва пулию қарзӣ боиси ташвиши ҷиддӣ гардидаанд.

Низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳимми рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд. Бо ин мақсад, ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишвар ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ оғоз гардида, асосҳои меъёрии ҳуқуқии низоми молияи кишвар тадриҷан такмил дода шуданд. Дар натиҷаи таъмин гардидани рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва ислоҳоти бомароми идораи молияи давлатӣ дар даҳ соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 6 миллиард сомонии соли 2009 ба 23,8 миллиард сомонӣ дар соли 2019 расонида шуд, яъне 4 баробар зиёд гардид. Инчунин, дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ин давра 19,1 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 8,6 миллиард сомонӣ грант ва 10,5



миллиард сомонӣ маблағҳои қарз аз худ карда шудаанд. Дар соҳаи молия стратегияҳои идоракунии молияи давлатӣ ва қарзи давлатӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ татбиқ шуда истодаанд.

Дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 бо мақсади баланд бардоштани қобилияти рақобати низоми молиявӣ, пешрафти инфрасохтори он, таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таҳким бахшидан ба иқтидори кадрӣ дар ин самт ва такмили минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши молиявӣ чораҳои мушаххас пешбинӣ гардидаанд. Ноил шудан ба ин мақсадҳо аз роҳбарият ва мутахассисону кормандони бахшҳои иқтисодиёт, молия ва бонк маҳорати касбӣ ва масъулияти баландро тақозо менамояд. Тибқи талаботи Стратегияи амалишудаистодаи идоракунии молияи давлатӣ банақшагирии хароҷоти давлатӣ барои се сол ҷорӣ гардид ва дар ин замина нақшаҳои кутоҳмуддат бо нақшаҳои миёнамуҳлат мувофиқ гардонида шуданд.

Дар доираи ислоҳоти самтҳои алоҳидаи идоракунии молияи давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва тақсимоту истифодаи мақсаднoки онҳо таҳияву татбиқи буҷети давлатӣ дар асоси барнома роҳандозӣ шуда истодааст. Аммо фаъолияти сохтору мақомоти марбута дар ин самт ҳанӯз нокифоя буда, амалияи ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ ҳам дар сатҳи вазорату идораҳои алоҳида ва ҳам аз ҷониби Вазорати молия андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.

Вазорати молия бояд дар самти татбиқи самараноки ислоҳот доир ба низоми идоракунии молияи давлатӣ бо дарназардошти таъмин намудани самаранокӣ, мақсаднокӣ, шаффофият ва назорату арзёбӣ чораҳои зарурӣ андешида, дар самти риояи интизоми давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва масъулияти кормандон ва пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ низоми идораи вазоратро тавсеа бахшад. Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки вобаста ба қабули буҷети давлатӣ аз рӯи барномаҳои соҳавӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул карда шаванд. Муосиргардонии низоми идоракунии молияи давлатӣ тақозо менамояд, ки дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ ва назорати қисмҳои даромаду хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ технологияҳои рақамӣ ҷорӣ карда шаванд. Чунин иқдом имконият медиҳад, ки буҷети давлатӣ дар ҳамаи зинаҳо дуруст ба нақша гирифта шавад.

Бинобар ин, ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки дар ду соли минбаъда низоми иттилоотии идораи молияи давлатӣ ва татбиқи технологияҳои рақамиро дар ҳамаи зинаҳои буҷети давлатӣ ва дар сатҳи маҳалҳо пурра татбиқ карда, оид ба иҷрои корҳо дар ин самт ба Ҳукумати мамлакат мунтазам ҳисобот пешниҳод намояд. Дар баробари ин, бояд иқтидори низоми молиявии кишвар тавассути самаранок ба роҳ мондани ҷараёни банақшагирии он, ташаккули захираҳои зарурӣ барои кам кардани таъсири омилҳои манфии берунӣ (алалхусус, захираҳои фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт) ва тибқи меъёрҳои мавҷуда нигоҳ доштани мувозинати қисмҳои даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ таъмин карда шавад.

Самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисоди миллӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, инчунин, таъмини амнияти давлат равона карда шудаанд. Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли 2018 ба зиёда аз 24 мил-



лиард сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2009 4,2 баробар зиёд мебошад. Дар баробари ин, ки буҷети давлатӣ хусусияти иҷтимоӣ дорад, дар давраи солҳои 2009-2018 барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва амнияти озуқаворӣ 47 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки ба 35 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар ин давра баробар мебошад.

Қисми асосии ин маблағҳо ба комплекси сӯзишвориву энергетикӣ (26 миллиард сомонӣ) ва нақлиёту коммуникатсия (8 миллиард сомонӣ) рост меояд. Вобаста ба ин, Вазорати молияро зарур аст, ки ҷиҳати муносибгардонии хароҷоти буҷети давлатӣ самаранокӣ ва мақсаднокии истифодаи маблағҳои аз ҳисоби буҷет ба соҳаҳои гуногун ва ташкилоту муассисаҳо ҷудогардидаро арзёбӣ намуда, мониторинги доимиро дар ин самт ба роҳ монад.

Илова бар ин, барои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" ҷиҳати гузаштани муассисаҳо ва корхонаҳои азими давлатӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, гузаронидани аудити ҳатмии ҳарсола ва нашри ҳисоботи молиявиро дар воситаҳои ахбори омма таъмин намоянд. Махсусан, масъалаҳои идоракунӣ ва фаъолияти молиявии корхонаҳои давлатӣ андешидани чораҳои қатъӣ ва саривақтиро тақозо менамоянд.

Гарчанде Стратегияи идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020 татбиқ шуда истодааст, вале то ҳанӯз корхонаҳои азими давлатӣ бо сабаби зиёд гардидани уҳдадориҳо ва зарари ҷамъшудаи онҳо ҳамчун сарчашмаи хавфи асосии фискалӣ барои давлат боқӣ мемонанд.

Илова бар ин, дар соли 2018 ба маблағи умумии 67,5 миллион сомонӣ таъмин нагардидани нақшаи андозҳои танзимшаванда аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ба иҷрои сифатноки нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ таъсири манфӣ расонид. Бо вуҷуди иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2018 ду намуди андоз ба маблағи 420 миллион сомонӣ, аз ҷумла андоз аз даромад 8,3 миллион сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашуда 411 миллион сомонӣ иҷро нагардид. Дар ин давра 6 шаҳру ноҳия аз рӯи ҳаҷми умумии даромад уҳдадориҳои андозии худро дар назди буҷет таъмин накардааст.

Бинобар ин, Вазорати молия бояд татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷетро таъмин намуда, якҷо бо Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои саривақтии даромадҳои буҷет тадбирҳои зарурӣ андешад. Бояд гуфт, ки таъмин намудани самаранокии низоми имтиёзҳои пешбинишуда ба сифатнокии молияи давлатӣ таъсир мерасонад. Имрӯз барои фаъолияти соҳибкорӣ қариб 100 номгӯи имтиёзҳо пешбинӣ шудааст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизм ва мӯҳлати пешниҳоди имтиёзҳо ва ҳамзамон бо ин, омори онҳо ба танзим даровarда нашуда, аз ҷониби аксарияти вазорату идораҳо ҳисобот оид ба имтиёзҳои амалкунанда ва татбиқшуда ба таври дахлдор пеш бурда намешавад.

Аз ин рӯ, ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳо санади меъёрии ҳуқуқиро оид ба тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокии имтиёзҳо таҳия ва ба Ҳукумати кишвар манзур намояд. Мукаммал гардонидани механизми пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ имкон медиҳад, ки қисми даромаду хароҷоти буҷет дуруст ба нақша гирифта, дар ҷараёни буҷетикунонӣ омилҳои коррупсионӣ



бартараф карда шаванд.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар даҳ соли охир аз ҷониби кормандони Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук беш аз 700 қонунвайронкунӣ, ҷинояти коррупсионӣ ва ҷинояти иқтисодии хусусияти коррупсионидошта содир карда шудааст, ки аз нисф зиёди онҳо бо суиистифода ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, сохтакорӣ ва гирифтани пора вобастагӣ доранд. Қисми бештари камбудиҳои ошкоршуда кам ҳисоб кардани маблағ ва рӯйпӯш намудани андозу пардохтҳои ҳатмӣ мебошад. Дар ин давра аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук 190 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозу пардохтҳои ҳатмӣ ошкор карда шудааст. Дар даҳ соли охир аз 45 миллион сомонӣ зарари молиявии аз ҷониби Агентӣ дар низоми молияи кишвар ошкоршуда 39 миллион ба шуъбаҳои хазинадории мақомоти молия дар маҳалҳо ва аз 119 миллион сомонӣ зарарӣ молиявии дар низоми андози кишвар ошкоршуда 118 миллион сомонӣ ба раёсатҳо ва нозироти андоз дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо рост меояд, ки ин хеле ташвишовар аст. Агар соли 2009 дар зерсохторҳои Кумитаи андоз ба маблағи 1,5 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуда бошад, пас танҳо соли 2018 ин маблағ 27 миллион сомониро ташкил кардааст. Дар давраи зикршуда нисбат ба 500 нафар кормандони соҳаҳои молия, андоз ва гумрук чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ гардида, 57 нафар аз вазифа озод карда шудаанд.

Тайи солҳои 2013-2018 Палатаи ҳисоб дар вазорату идораҳо, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳо ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 1989 санҷиш гузаронида, зарари молиявиро ба маблағи 1 миллиарду 36 миллион сомонӣ муайян кардааст. Аз ҷумла дар натиҷаи санҷиш дар 718 ташкилоту муассисаҳои буҷетии 57 шаҳру ноҳияи кишвар зарари молиявӣ ба маблағи 65 миллион сомонӣ ошкор гардида, аз он 54 миллион сомонӣ барқарор карда шудааст. Тибқи таҳлилҳо бо вуҷуди ҳар сол зиёд шудани ҳаҷми даромади буҷетҳои маҳаллӣ банақшагирии онҳо бе таҳлили имкониятҳои воқеӣ амалӣ карда мешавад ва ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти молия, андоз ва дигар сохторҳои марбутаи шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

Дар даҳ соли охир аз ҷониби Прокуратураи генералӣ барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳо дар бахши иқтисоду молия ва низоми бонкӣ ба 650 санади расмӣ эътироз оварда шуда, дар маҷмӯъ, дар асоси санҷишҳои гузаронидашуда 1,7 миллиард сомонӣ ба буҷети давлат барқарор карда шудааст, ки 1,6 миллиард сомонии он маблағҳои андоз мебошанд.

Бо дарназардошти вазъи зикргардида, ба роҳбарони Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук супориш дода мешавад, ки дар самти интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар ҳамаи зинаҳо чораҳои қатъӣ андешанд. Инчунин, зарур аст, ки дар сохторҳои зикршуда якҷо бо Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ҷиҳати бартараф намудани омилҳои ба содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ, ҳолатҳои ғайримақсаднок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, ҷиноятҳои иқтисодии дорои хусусияти коррупсионӣ мусоидаткунанда ва паст намудани хавфи чунин қонунвайронкуниву ҷиноятҳо тадбирҳои иловагӣ анде-

шида шаванд. Ҳамзамон бо ин, дар самти баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон ва аз аттестатсия гузаронидани онҳо, татбиқи технологияҳои рақамӣ, ки таъсири омили инсониро бартараф месозад, чораҷӯӣ карда шавад.

Роҳбарони Вазорати молия ва раёсату шуъбаҳои минтақавии он, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ба масъалаҳои банақшагирии дурусти буҷетҳои маҳаллӣ, мутобиқати хароҷот ба меъёрҳои муқарраргардида ва арзёбии имкониятҳои воқеии манбаъҳои андоз эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Ба Вазорати молия, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия супориш дода мешавад, ки вобаста ба усули муайян намудани зарари молиявӣ ва дурустии пешбурди омори он санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро таҳия ва дар мӯҳлати як моҳ ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд.

Ҳукумати мамлакат ҳаҷми маблағгузориро бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сол ба сол афзоиш медиҳад. Ҳоло дар ин самт татбиқи як қатор стратегия ва барномаҳои давлатӣ идома дошта, андозаи нафақаи шаҳрвандон ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ мунтазам зиёд шуда истодааст. Масалан, агар қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа соли 2009 657 миллион сомониро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда соли 2019 дар ҳаҷми 3 миллиарду 140 миллион сомонӣ, яъне 4,8 баробар зиёд пешбинӣ гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа тайи 10 соли охир ба ҳисоби миёна ҳамасола дар сатҳи 18,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, дар даҳ соли охир ба буҷети мазкур аз маблағи пешбинишуда 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ ворид нагардидааст, ки 968 миллион сомонии он аз ҳисоби андозҳои иҷтимоӣ буда, чунин ҳолат хеле ташвишовар мебошад.

Бинобар ин, Вазорати молия, Кумитаи андоз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва дигар мақомоти дахлдори давлатиро зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати банақшагирии дурусти даромадҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, пурра таъмин намудани талаботи воқеӣ ба пардохтҳои ғайрисуғуртавӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои зикршуда тақвият бахшанд. Дар 10 соли охир шумораи нафақагирон дар кишвар ба ҳисоби миёна ҳар сол 2,4 фоиз афзоиш ёфта, январи соли 2019 ба 690 ҳазор нафар расидааст.

Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишварро зарур аст, ки тавассути таъсиси ҷойҳои кори доимӣ ва афзоиш додани манбаъҳои андозбандӣ барои таъмин намудани гузариш ба низоми худмаблағгузории нафақа ва кумакпулиҳо чораҳои доимӣ андешанд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати пешгирӣ кардани сарбории буҷети суғуртаи иҷтимоиву нафақа масъалаи андози иҷтимоии табақаҳои алоҳидаи дорои шуғл, аз қабили кормандони соҳаи кишоварзӣ ва ҳамчунин, соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолиятдоштаро баррасӣ карда, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо ҷустуҷӯ намояд. Дар баробари ин, санҷиши ҳолатҳои таъмини нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ дар солҳои охир нишон медиҳад, ки дар ин самт қонунвайронкуниҳои зиёд вуҷуд доранд. Дар давраи солҳои 2012 - 2014 зимни тафтиши Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва зерсохторҳои он аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба маблағи 5 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст, ки аз он беасос таъин ва пардохт намудани нафақа 1447 ҳолат, тибқи ҳуҷҷатҳои маъюбии қалбакӣ пардохт намудани нафақа 34 ҳолат, тасарруфи нафақаи шахсони фавтида 211 ҳолат ва талафи маблағҳои нафақа аз бесарусомонӣ 1709 ҳолатро ташкил медиҳад. Баъди тафтишҳои мақомоти марбута ва ҷорӣ намудани низоми муайян дар таъйини нафақа шумораи маъюбони гирандаи нафақаи меҳнатӣ дар байни солҳои 2012-2018 қариб 35 ҳазор нафар кам шуд.

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро зарур аст, ки корҳои назоратиро дар самти таъмин намудани шаффофият ва суроғавӣ будани пардохтҳои иҷтимоӣ ва кумакҳо боз ҳам ҷоннок карда, ҳолатҳои қонунвайронкунӣ ва изофанависиро ба таври қатъӣ пешгирӣ ва дар муддати ду соли минбаъда технологияҳои рақамии муосирро дар фаъолияти мақомот татбиқ намояд.

Солҳои охир Ҳукумати кишвар ба масъалаи сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар самти фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Танҳо дар 10 соли охир дар кишвар беш аз 178 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 34 миллиард сомонӣ мавриди амал қарор гирифта, то имрӯз дар ҳаҷми 31 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст. Ҳоло

маҷмӯи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда ва маблағи онҳо нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2009 мутаносибан 11 лоиҳа ва 15 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Таҳлили раванди татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалишаванда нишон медиҳад, ки бо вуҷуди қонеъкунанда будани азхудкунии маблағҳо, сатҳу сифати иншооти таҷдиду бунёдшаванда, техникаву таҷҳизот ва хизматрасониҳое, ки бо ҷалби ширкатҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд, ба талабот ҷавобгӯ нест. Илова бар ин, риоя нагардидани ӯҳдадориҳои қарордодӣ аз ҷониби ширкатҳои пудратӣ, таҳвилгар ва хизматрасон, инчунин, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани назорати иҷрои корҳои мазкур аз тарафи агентиҳои татбиқи лоиҳаҳо боиси ба таъхир мондан ва тамдид гардидани мӯҳлати татбиқи онҳо гардида истодааст.

Аз ин лиҳоз, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти дахлдори давлатӣ фаъолияти худро дар самти иҷрои саривақтии қарордодҳо, ба талаботи стандартҳои пешбинишуда ҷавобгӯ будани иншооти таҷдиду бунёдшаванда, воридоти техника ва таҷҳизоти зарурӣ, инчунин, истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои ҷалбшаванда пурзӯр намояд.

Омили дигари таъмин намудани рушди иқтисодиёти кишвар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мебошад. Дар 10 соли охир ба иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми зиёда аз 31 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид шудааст, ки ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯ нест. Мувофиқи Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҷалби ҳамасолаи сармояи мустақими хориҷӣ бояд то 10 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дода, нисбат ба сатҳи миёнаи солҳои 2004 - 2013 ду баробар афзоиш ёбад. Ҳукумати кишвар бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, таҳкими иқтидори саноативу содиротӣ ва дар ин замина амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 28 миллион доллар ё 7,8 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин барои иҷрои ҳадафҳои муайянгардида қонеъкунанда нест.

Бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди маълумоте, ки дар манбаъҳои гуногун вуҷуд доранд, ҳоло ҳам сармоягузорони хориҷӣ имконияти дастрас намудани маълумоти кофиро доир ба фазои сармоягузорӣ, имкониятҳо ва лоиҳаҳои афзалиятнок надоранд. Бар замми ин, сармоягузорони ватаниву хориҷӣ бо низоми бюрокративу серхарҷи гирифтани иҷозат ва иҷозатномаҳо, инчунин, санҷишҳои ғайринақшавию такрорӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин ҳолат бисёр ташвишовар боқӣ мемонад. Ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ, алалхусус, сармояи мустақими хориҷӣ ва дар ин замина ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва масъулини соҳа зарур аст, ки мунтазам чораҷӯӣ намуда, ҳамкориҳои судмандро бо сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба роҳ монанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Торафт шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ моро водор месозад, ки дар самти татбиқи ҳадафҳои умумимиллӣ имконоту захираҳои мавҷударо самаранок истифода карда, фазои соҳибкориву сармоягузориро боз ҳам беҳтар ва фаъолнокии иқтисодии аҳолии Тоҷикистонро баланд бардорем. Бо ин мақсад дар кишвар нақшаи тадбирҳои амалисозии 300 рӯзи ислоҳоти дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тасдиқ шуда, то охири соли 2020 ба санҷишҳои фаъолияти соҳаҳои истеҳсолӣ мораторий татбиқ мегардад.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати беҳтар кардани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалии “Пешбурди соҳибкорӣ” тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст, ки як қисми онҳо бевосита ба низоми маъмурикунонии андоз ва сарбории андоз дахл доранд. Бояд гуфт, ки дар даҳ соли охир ҳаҷми воридоти андозҳо ва пардохтҳо ба буҷети давлатӣ 4,7 баробар зиёд гардида, ҳиссаи воридоти андозҳои дохилӣ нисбат ба андозҳои берунӣ дар ҳаҷми умумии қисми даромади буҷет тамоюли афзоиш дорад. Ҳарчанд ки дар натиҷаи васеъ гардидани сарчашмаҳои андози дохилӣ қисми даромади буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ, таъмин гардидааст, аммо тайи солҳои охир иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз ҳисоби андозҳои ғайримустақим (андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо) таъмин нашуда истодааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет 860 миллион сомонӣ ворид нагардида, ҳаҷми бақияи қарзи андозҳо дар миқёси кишвар ба ҳолати 1 январи соли 2019 726 миллион сомониро ташкил додааст. Сабаби асосии чунин ҳолат, аз ҷумла номукаммал будани низоми оияндабинӣ ва банақшагирӣ дар ин самт мебошад.

Бинобар ин, Вазорати молия ва Кумитаи андозро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо фаъолияти худро дар самти такмил додани раванди таҳлили имкониятҳои мавҷудаи минтақаҳо ва корхонаҳои фаъолияткунанда, ояндабинии манбаъҳои воқеии андоз, пешгирӣ кардани афзоиши бақияи қарзи андозҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва ба ин васила кам кардани таъсири омили инсонӣ, бештар ва беҳтар ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотиву фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон ба таври доимӣ тақвият бахшанд. Илова бар ин, Кумитаи андоз бояд ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, такмили ихтисоси кормандони худ, ба тариқи озмун интихоб ва ҷобаҷогузорӣ намудани кадрҳои сатҳи касбияташон баланд тадбирҳои зарурӣ андешад.

Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Кумитаи андоз танҳо соли 2018 нисбат ба андозсупорандагони қарздор қариб 6700 қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз ба маблағи беш аз як миллиард сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои солҳои қаблӣ қабулгардида ба буҷет 644 миллион сомонӣ қарзи андоз рӯёнида шудааст, ки нисбат ба соли 2009 шумораи қарорҳо 5,2 баробар ва маблағҳои рӯёнидашуда 7,1 баробар зиёд мебошад. Худи ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми қарздорӣ аз ҳисоби андоз ва ҳодисаҳои пинҳон ё саркашӣ намудан аз пардохти онҳо сол ба сол зиёд шудааст, ки нишонаи ҳамкории сусти мақомоти андоз бо субъектҳои хоҷагидор мебошад. Бинобар ин, мақомоти андоз вазифадоранд, ки барои пешгирӣ кардани чунин ҳолат чораҳои ҷиддӣ андешида, корҳои назоратиро дар асоси таҳлили хавфҳо ба роҳ монанд.

Ҳоло дар кишвар Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 татбиқ шуда истодааст, вале корҳо дар самти муосиргардонии он ҳанӯз кофӣ нестанд. Кумитаи андоз вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам сода ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон, баланд бардоштани фарҳанг ва интизоми андозсупорӣ чораҳои зарурӣ андешида, Барномаи рушди маъмурикунонии андозро барои солҳои 2020-2025 таҳия ва татбиқ намояд. Гарчанде тайи солҳои охир тартиби арзёбии фаъолияти мақомоти андоз такмил дода шуд, лекин ин арзёбӣ танҳо аз рӯи иҷрои нақшаи ҷамъоварии андоз ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки масъулини мақомоти андоз барои иҷрои нақшаи пешбинигардидаи андоз шаклҳои гуногуни назоратро нисбат ба субъектҳои хоҷагидор ба анҷом мерасонанд, ки хислати санҷиш ва ҳатто дахолатро доранд. Дар натиҷаи чунин амалҳо ҳаҷми истеҳсол, гардиши тиҷоратии корхонаҳо ва мутаносибан ҳаҷми пардохти андози онҳо коҳиш меёбад.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз баъзе санҷишгарон даромаду хароҷоти воқеӣ, ҳуҷҷатҳои ибтидоии андозсупорандагонро ба инобат нагирифта, маблағҳои бариллова ҳисобшавандаро зиёд нишон медиҳанд, ки ин боиси шикояти андозсупорандагон мегардад. Сабаби чунин камбудӣ, агар аз як тараф нокифоя будани дониши касбии санҷишгарон бошад, аз ҷониби дигар, дидаву диониста зиёд нишон додани андозҳои ҳисобшаванда ҷиҳати ба таври сунъӣ беҳтар нишон додани натиҷаҳои кор ва бо ҳар роҳу восита иҷро кардани нақша мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби кормандони андоз назорати камералӣ низ бо вайронкунии талаботи қонун, бидуни таҳлили хавфҳо ва имтиёзҳои пешниҳодгардида гузаронида шуда, ба зиммаи андозсупорандагон уҳдадориҳои беасоси пардохтҳои зиёдатӣ вогузор карда мешаванд.

Дар зарфи даҳ соли охир мақомоти прокуратура нисбат ба 300 нафар кормандони мақомоти андоз парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз ва бо қарору пешниҳоди прокурорҳо 2181 нафар кормандон ба ҷавобгарии интизомӣ кашида, нисбат ба 25 нафар кормандони мақомоти андоз барои баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, сохтакории хизматӣ, қаллобӣ, гирифтани пора ва дигар ҷиноятҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд. Тибқи маълумоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар 10 соли охир аз 758 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозу пардохтҳои ҳатмӣ 106 миллион сомонӣ ба Кумитаи андоз ва сохторҳои зертобеи он баробар омадааст.

Ба Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия супориш дода мешавад, ки доир ба пешгирӣ кардани амалҳои қонунвайронкунӣ ва коррупсионӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, риояи муқаррароти қонунгузории кишвар дар бораи мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти андозбандӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ,

кам кардани сарбории андоз ва ба танзим даровардани санҷишҳои андоз тайи солҳои охир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Гарчанде муқаррароти Кодекси андози аз 1 январи соли 2013 амалкунанда содатар, ҳаҷми умумии матни он ва меъёрҳои аз як модда ба моддаи дигар ва ба дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҳаволакунанда ҳаддалимкон кам шудаанд, вале ҳанӯз дар он муқаррароти душворфаҳму духӯра мавҷуданд, ки боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳо миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон мегардад.

Ҷиҳати дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва боз ҳам содаву сабук гардонидани ҷараёни андозсупорӣ, ки яке аз роҳҳои таъмини шаффофияти фаъолияти соҳа низ ба ҳисоб меравад, аз соли 2012 тартиби ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ҷорӣ карда шуд.

Имрӯз бо истифода аз барномаи компютерии “Утоқи шахсии андозсупоранда” зиёда аз 80 ҳазор андозсупорандагон эъломияҳои худро бо тартиби мазкур пешниҳод карда истодаанд. Бо дарназардошти ҷорӣ намудани барномаҳои дигари рақамӣ муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз дар низоми маъмурикунонии андоз бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шаванд. Ҳамзамон бо ин, дар асоси муайян намудани нишондиҳандаҳои дақиқи сарбории андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ ва омилҳои онро бавуҷудоваранда қонунгузории амалкунанда тағйирталаб аст.

Мутобиқи моддаи 109 Кодекси андози амалкунанда меъёри андоз аз фоидаи фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо 13 фоиз ва дигар намудҳои фаъолият 23 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ муайян карда шудааст. Тибқи таҳлилҳо маҳз ҳамин муқаррарот оид ба андозбандии “на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ” ба баланд шудани сарбории андози фоидаи соҳибкорӣ таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бартараф кардани духӯрагӣ дар раванди ситонидани андоз аз фоида аз Кодекси андоз хориҷ намудани мафҳуми «вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ» мувофиқи мақсад мебошад.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки вобаста ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар солҳои охир, зарурати ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар ва татбиқи консепсияи иқтисодиёти рақамӣ соли 2020 Кодекси андозро дар таҳрири нав таҳия ва татбиқ намояд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Нақши мақомоти гумрук дар ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангии кишвар, инчунин, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Хадамоти гумрук ҳоло назорат ва барасмиятдарории гумрукии молҳоро дар 24 гузаргоҳи наздисарҳадии автомобилӣ, 4 гузаргоҳи роҳи оҳан, 1 гузаргоҳи дарёӣ, 5 гузаргоҳи нақлиёти ҳавоӣ анҷом медиҳанд. Бояд гуфт, ки солҳои охир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо техникаву технологияҳои муосири назоратӣ ва озмоишгоҳӣ беҳтар гардида истодааст.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд солҳои охир 10 дидбонгоҳи гумрукӣ сохта, дар қисми боқимондаи онҳо корҳои таъмир ва муҷаҳҳазгардонӣ ба анҷом расонида шудаанд. Аммо ҳанӯз интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар ҳамаи гузаргоҳҳо тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ба роҳ монда нашудааст, ки чунин вазъ ба сифати иҷрои вазифаҳои мақомоти гумрук монеа эҷод менамояд.

Аз ин рӯ, Хадамоти гумрукро зарур аст, ки оид ба муҷаҳҳазгардонии дидбонгоҳу озмоишгоҳҳо чораҳои зарурӣ андешида, корҳоро дар самти ташкили низоми электронии назорат ва барасимиятдарории гумрукӣ ҷоннок намоянд. Илова бар ин, ташкили низоми иттилоотии ягонаи мақомоти гумрук, аз ҷумла тақвият бахшидан ба низоми идораи хавфҳо ва назорати гумрукӣ бояд самаранок татбиқ гардида, ҳамзамон бо ин, корҳо дар самти ташкили низоми “Равзанаи ягона” ва “Истгоҳи ягона” давом дода шаванд. Тибқи таҳлилҳо вақти зарурӣ барои анҷом додани расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми содироти молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ 66 соат ва барои воридот 126 соатро ташкил медиҳад.

Бинобар ин, зарур аст, ки расмиёти маъмурии танзими савдои беруна аз ҷониби Хадамоти гумрук, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Агентии “Тоҷикстандарт”, Хадамоти давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти алоқа ва дигар сохторҳои дахлдор дар доираи низоми “Равзанаи ягона” ҳарчи зудтар ҳамоҳанг карда шавад. Ҳарчанд ки ҷараёни мукаммалгардонии қонунгузории соҳа ба осон гардидани расмиёти гумрукӣ мусоидат намуд ва ҳуҷҷатҳои ҳангоми декларатсия кардани мол пешниҳодшаванда аз 10 то 5 номгӯй кам карда шуданд, вале барои ба меъёру стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ гардонидани он бояд корҳои зиёде ба анҷом расонида шаванд.

Роҳбарияти Хадамоти гумрукро зарур аст, ки имкониятҳои мақомотро дар ошкор кардани қонунвайронкуниҳои гумрукӣ, пешгирӣ намудани қочоқи мол ва дигар қонунвайронкуниҳо тақвият бахшад.

Иҷрои ин корҳо барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои имкониятҳои зиёди транзитӣ хеле муҳим мебошад, то ки шаффофияти амалиёти содиротиву воридотӣ ва транзитӣ хеле пурра таъмин гардида, ба ширкатҳои логистикӣ ва боркашонии байналмилалӣ ҷолиб гардад.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи долонҳои нақлиётии Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) дар ҳудуди Тоҷикистон роҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ бунёд гардида, гузаргоҳҳои байналмилалии транзитӣ таъсис ёфта истодаанд. Бо ин мақсад, бояд рақамикунонии пардохтҳои гумрукӣ бо истифода аз низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, назорати фосилавии фаъолияти дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳадӣ, иттилоотонии пешакӣ ва монанди инҳо ташаккул дода, ҳамзамон бо ин, ҳамгироии ҳатмии “Равзанаи ягона” бо низоми иттилоотии мақомоти молия, андоз, бонкҳо ва дигар вазорату идораҳои дахлдор таъмин карда шавад. Амалӣ гардидани тадбирҳои мазкур ба самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук дар самти дарёфти роҳҳои баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ низ мусоидат менамояд.

Тибқи таҳлилҳо соли 2009 ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ 1,5 миллиард сомониро ташкил карда, соли 2018 ин нишондиҳанда ба 4,9 миллиард сомонӣ расидааст, яъне 3,3 баробар афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, ҳанӯз захираҳои зарурӣ доир ба пурзӯр намудани фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт зиёданд ва бояд аз онҳо ҳарчи васеъ ва пурра истифода карда шавад.

Дар давоми солҳои 2009-2018 аз ҷониби мақомоти гумрук қариб 50 ҳазор ҳолати ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ошкор ва ба қайд гирифта, ба маблағи 51 миллион сомонӣ ҷарима ва 453 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ рӯёнида шудаанд.

Тибқи маълумот ҳодисаҳои нодуруст ба расмиёт даровардани молу воситаҳои нақлиёт ва нодуруст истифода бурдани усули муайян намудани арзиши гумрукии мол ҳангоми интиқоли он аз сарҳади гумрукӣ ҳанӯз зиёданд. Як қатор кормандони мақомоти гумрук зимни амалигардонии фаъолияти хизматии худ ба кирдорҳои коррупсионӣ даст мезананд, ки чунин амали онҳо боиси ба буҷет ворид нашудани маблағҳои калон мегардад. Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ соли 2015 826 ҳолати нодуруст ҳисоб кардан ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ошкор карда шуда, аз ин ҳисоб 15 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукии иловагӣ ошкор ва 14,7 миллион сомонии он ба буҷет барқарор карда шудааст.

Санҷишу таҳлилҳои прокурорӣ ҳолатҳои зиёди қочоқи молу маҳсулотро низ ошкор намудаанд.

Омили асосии қочоқи молу маҳсулот пурра риояи нагардидани талаботи қонунгузории гумрук дар минтақаҳои сарҳадӣ, бахусус, дар вилояти Суғд мебошад. Дар минтақаҳои сарҳадии ҳудуди вилоят (бо Ҷумҳурии Қирғизистон) зиёда аз 164 гузаргоҳи ғайрирасмӣ вуҷуд дорад, ки аксарияти онҳо дар маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир буда, тавассути онҳо мунтазам қочоқи молу маҳсулоти хӯроквορӣ, ҳатто асъори нақди хориҷӣ ва маҳсулоти заргарӣ сурат мегирад. Ҳодисаҳои қочоқ бештар дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Спитамен ба назар мерасанд.

Аз ин лиҳоз, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати бартараф намудани гузаргоҳҳои ғайриқонунии сарҳадӣ, ҳолатҳои тавассути онҳо ғайриқонунӣ интиқол додани молу воситаҳои нақлиёт ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои коррупсионӣ аз ҷониби масъулини соҳа вобаста ба рӯйпӯш намудани чунин ҳолатҳо чораҳои қатъӣ андешанд. Таъкид бояд кард, ки баъзе кормандони мақомоти гумрук ва хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон ба ҳолатҳои суиистифода аз мансаб, бемасъулиятӣ ва беамалӣ роҳ медиҳанд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар давраи солҳои 2009-2018 дар Хадамоти гумрук ва сохторҳои зертобеи он 48 тафтишу санҷиши молиявӣ анҷом дода, зарари молиявиро ба маблағи 54 миллион сомонӣ муайян намудааст, ки аз он 47 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ мебошад. Барои роҳ додан ба камбудиҳои молиявӣ нисбат ба 27 нафар шахсони масъул ҷазоҳои интизомӣ татбиқ гардидааст ва аз онҳо 10 нафар аз вазифаи

ишғолнамудаашон озод карда шудаанд. Дар ин давра 51 нафар кормандони Хадамоти гумрук ва сохторҳои зертобеи он 94 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хислати коррупсионидошта содир кардаанд.

Роҳбарияти Хадамоти гумрукро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда, пешгирӣ намудани ҳолатҳои қонунвайронкунӣ аз ҷониби кормандони мақомот, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо аз ҳисоби мутахассисони кордону поквиҷдони соҳа ва ҷойивазкунии доимии онҳо мунтазам чораҷӯӣ намояд. Ҳамчунин, масъалаҳои доир ба фаъолияти соҳа зикршуда ҳангоми таҳияи Барномаи миёнамуҳлати рушди Хадамоти гумрук барои солҳои 2020-2024 пурра ба эътибор гирифта шаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар натиҷаи таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, инчунин, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани идораи як қатор бонкҳо ва ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорат вазъи умумии низоми бонкӣ дар кишвар буҳронӣ гардид. Бинобар ин, аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳа иҷозатномаи ду бонке, ки мушкилот доштанд, бозхонд карда шуда, бо қарори дахлдори Ҳукумати кишвар нисбат ба ду бонки қаблан низомсоз тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати барқарор кардани сармоя ва солимгардонӣ ба тасвиб расид.

Мутаассифона, бо вуҷуди дастгирии Ҳукумати мамлакат вазъи ин ду бонк беҳтар нагардид.

Хотирнишон месозам, ки камбудиҳои мавҷудаи сохторӣ, аз ҷумла зиёд будани хавфҳо дар низоми бонкӣ ва қарзҳои ғайрифаъол, паст будани сатҳи захираҳои софи байналмилалӣ, қобилияти пардохт ва сармояи бонкҳо, сатҳи баланди долларикунонӣ дар иқтисодиёт, лапишҳои асъорӣ, таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пасти аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ ҳанӯз боқӣ мондаанд. Бар замми ин, риоя нагардидани принсипҳои идоракунии корпоративӣ ва сатҳи пасти донишу таҷрибаи мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ба коста гардидани эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ замина гузошт.

Бинобар ин, Бонки миллиро зарур аст, ки дар самти боз ҳам мукаммал гардонидани низоми назорати бонкӣ ва риояи меъёрҳои қобили қабул аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, таҳкими вазъи молиявии онҳо ва баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, инчунин, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо чораҳои амалиро мунтазам роҳандозӣ намояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ то оғози буҳрони бонкӣ, яъне соли 2014 дар кишвар 137 ташкилоти қарзӣ вуҷуд дошт ва то соли 2018 шумораи онҳо ба 79 ташкилот расид. Бо сабабҳои муфлисшавӣ ва ё фаъолият накардани ташкилотҳои қарзӣ, махсусан, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки шумораашон аз 125 дар соли 2012 то 62 дар соли 2018 кам гардид, аз ҷониби Бонки миллӣ иҷозатномаи онҳо бозхонд карда шуд.

Дар робита ба ин, Бонки миллиро зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати рушди низоми бонкӣ ва барқарор намудани эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо бо роҳи ҷоннок намудани назорати бонкӣ, арзёбии дороии бонкҳо ва мониторинги доимии вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ тақвият бахшад.

Фаромӯш набояд кард, ки дар шароити рақобати бозорӣ танҳо ташкилотҳои қарзие, ки маҳсулоти нави бонкӣ ва хизматрасониҳои гуногуни инноватсиониро пешниҳод менамоянд, мавқеи худро дар бозор устувор карда метавонанд. Барои таъмин намудани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба низоми бонкии кишвар ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис аз 80 то ба 50 миллион сомонӣ кам карда шуд.

Гарчанде дороии умумии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2018 маблағи 21 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2009 3,9 баробар афзудааст, аммо ҳаҷми он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 26,2 фоиз ҳамагӣ то 30,8 фоиз афзудааст. Шумораи суратҳисобҳои бонкии барои мизоҷон кушодашуда дар даҳ соли охир 10 баробар афзоиш ёфта, ба ҳолати 1 апрели соли 2019 зиёда 3,5 миллион суратҳисобро ташкил додааст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2018 бақияи умумии пасандозҳои низоми бонкӣ қариб 10 миллиард сомонӣ ва даромади пулии аҳолӣ беш аз 41 миллиард сомониро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2009 мутаносибан 3,7 ва 3,8 баробар зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии пасандозҳои низоми бонкии кишвар ба ҳар як суратҳисоби амонатӣ, ки 3,5 миллион ададро ташкил медиҳад, ба ҳисоби миёна 2850 сомонӣ рост меояд, ки ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар охири соли 2018 маблағи 8,7 миллиард сомониро ташкил карда, нисбат ба соли 2009 2,9 баробар зиёд шудааст.

Баробари зиёдшавии қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои ба шахсони вобаста додашуда дар зарфи солҳои 2009-2015, аз ҷумла ҷой доштани дороиҳои зиёди ғайри қобили пардохт хавфҳои дар низоми бонкӣ ҷойдошта дучанд гардидаанд. Сармояи як қатор бонкҳо то ҳол дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад, ки барои пешниҳод намудани қарзҳои нав маҳдудият эҷод менамояд. Танҳо дар ду соли охир ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 2 миллиард сомонӣ кам шуда, ҳиссаи онҳо дар таркиби сандуқи қарзӣ ба санаи 31 декабри соли 2018 30,3 фоизро ташкил додааст, ки ҳанӯз ташвишовар мебошад.

Мувофиқи маълумоти Прокуратураи генералӣ дар давоми даҳ соли охир дар низоми бонкии кишвар нисбат ба 372 нафар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва ба маблағи зиёда аз 2,1 миллиард сомонӣ зарари дар натиҷаи амали онҳо ошкоргардида барқарор карда шудааст.

Соли 2018 Палатаи ҳисоб зимни санҷиши Бонки миллӣ зарари молиявиро дар ҳаҷми 8,3 миллион сомонӣ ошкор кардааст. Илова бар ин, роҳбарияти бонк солҳои қаблӣ ба кормандони худ ба маблағи 61 миллион сомонӣ қарзи бефоиз додааст, ки 14 миллион сомонии он имрӯзҳо мушкилситон гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо масъулини бонкҳо ба азонихудкунии маблағҳои пулӣ даст зада, ба шахсони наздики худ бидуни таъмини гарав ва ғайриқонунӣ қарзҳои бонкӣ додаанд.

Дар давраи солҳои 2007-2018 Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия нисбат ба 177 нафар кормандони бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ 483 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хислати коррупсионидоштаро ошкор кардааст, ки 158 ҳолати онҳо марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, 131 ҳолат ғайриқонунӣ додану гирифтани қарз, 45 ҳолати қаллобӣ, 35 ҳолат тасарруфи пулу моли ба тариқи қарз додашуда, 12 ҳолати сохтакории хизматӣ ва 102 ҳолат ҷиноятҳои дигар мебошанд.

Аз ҷониби Прокуратураи генералӣ нисбат ба кормандони Ҷамъияти саҳҳомии “Агроинвестбонк” ва дигар шахсоне, ки ба тасарруфи маблағҳои қарзӣ даст задаанд, 68 парвандаи ҷиноятӣ оид ба тасарруфи 40 миллион сомонӣ оғоз карда шудааст.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар давраи солҳои 2010-2018 нисбат ба 116 нафар кормандони бонки мазкур 331 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷинояти иқтисодии хислати коррупсионидоштаро ошкор кардааст, ки аз ин 135 ҳолат ҷиноятҳои вобаста ба ғайриқонунӣ додани қарз, 11 ҳолат ришвадиҳии тиҷоратӣ, 50 ҳолат қаллобӣ, 47 ҳолат тасарруфи пулу моли ба тариқи қарз додашуда, 18 ҳолати азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, 6 ҳолати сохтакории хизматӣ ва 61 ҳолат ҷиноятҳои дигар мебошанд.

Санҷиши дурустии амволи ба гарав гузошташуда бо ҷалби мутахассисони маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлия муайян намудааст, ки арзиши аслии 78 номгӯи амволи тибқи нархгузории аввала 870 миллион сомонӣ нархгузоришуда ҳамагӣ 401 миллион сомониро ташкил дода, комиссияи нархгузорӣ онҳоро дар ҳаҷми 468 миллион сомонӣ барзиёд нарх гузоштааст. Ҳангоми тафтиши 47 парвандаи қарзӣ ба маблағи 735 миллион сомонӣ ҳолатҳои талаф ва тасарруфи маблағҳои қарзӣ, изофанависӣ дар арзиши амволи ба ивази қарз гирифташуда, бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ ва бо роҳи сохтакорӣ ғайриқонунӣ додану гирифтани қарз ба маблағи 490 миллион сомонӣ муайян карда шудааст.

Дар ин радиф, дар солҳои 2017-2018 дар натиҷаи корбарӣ ва санадҳои эътинои прокурорӣ 622 миллион сомонӣ қарзҳои мушкилситон ба манфиати ин бонк барқарор карда шудаанд. Дар ин давра ба судҳои иқтисодӣ 55 аризаи даъвогӣ ба маблағи 209 миллион сомонӣ оид ба рӯёнидани қарзи бонк аз ҳисоби амволи ба гарав гузошташуда пешниҳод гардидааст. Бо сабаби берун аз марзи кишвар қарор доштани як қатор қарздорон рӯёнидани маблағи қарзи онҳо ғайриимкон гардида, аз ҳудуди Тоҷикистон баромадани 1808 нафар, ки аз бонк ба маблағи 414 миллион сомонӣ қарздоранд, пешгирӣ карда шуд. Дар баробари ин, 8406 нафар шаҳрванд аз бонк ба маблағи 752 миллион сомонӣ қарздор мебошад, ки аз ин ҳисоб 716 миллион сомонӣ ё 95 фоизи онҳо қарзҳои батаъхирафтода мебошанд.

Солҳои 2016-2019 аз ҷониби Прокуратураи генералӣ дар натиҷаи санҷиши фаъолияти Ҷамъияти саҳҳомии “Тоҷиксодиротбонк” 60 парвандаи ҷиноятӣ ба маблағи 65 миллион сомонӣ оғоз карда шудааст, ки аз он 9 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахсони мансабдори бонк оид ба ғайриқонунӣ додани қарз ва азонихудкунии маблағҳои бонк мебошад. Дар маҷмӯъ, бо санадҳои эътинои прокурорӣ 1,4 миллиард сомонӣ маблағҳои пулӣ, амволи ба гарав гузошташуда ва дигар амволи қарздорон ба манфиати бонк барқарор карда шудааст.

Зимни санҷишҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия низ ҳолатҳои

ҳуқуқвайронкунӣ ва амалҳои коррупсионӣ дар низоми бонкии кишвар ошкор гардидаанд. Аз ҷониби Агентӣ дар солҳои 2009-2018 дар Бонки давлатии «Амонатбонк» 235 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида шуда, ба маблағи 151 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ва қариб 2 миллион сомонӣ истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ ошкор гардидааст. Дар аксари мавридҳо шахсони қарзгиранда аз беназоратӣ ва бепарвоии комиссияи нархгузорӣ ва масъулони бонки мазкур истифода карда, амволи ночизро бо мақсади минбаъд ба пул табдил додан бо нархи гарон ба гарав мондаанд. Ба сифати гарав амволе қабул шудааст, ки арзиши аслии он ба таври сунъӣ аз арзиши бозорӣ чандин баробар баланд нархгузорӣ шудааст. Ин ҳолат ба фурӯши саривақтии амволи гарав монеа гардида, минбаъд барои мушкилситон шудани қарз замина гузоштааст.

Махсус зикр бояд кард, ки як қисми қарзгирандагон бо мақсади халосӣ ёфтан аз амволи бозорногузар ва ба пул мубаддал гардонидани он баъди гирифтани қарз фоизҳои онро умуман пардохт намекунанд ва қарзи асосиро низ дар муҳлати муайяншуда барнамегардонанд, ки ин барои даст кашидан аз амволи ба гарав гузошташуда замина мегардад.

Санҷиши интихобии 13 парвандаи қарзӣ муайян намудааст, ки комиссияи нархгузории бонк 37 номгӯй амволи гуногуни қарзгирандагонро 112 миллион сомонӣ ё ба таври сунъӣ ба маблағи 46 миллион сомонӣ барзиёд нархгузорӣ карда, ба онҳо ба маблағи 63 миллион сомонӣ қарзи бонкӣ пешниҳод кардааст. Дар ҳоле ки арзиши амволи зикршуда ҳамагӣ 66 миллион сомониро ташкил кардааст. Дар ин давра аз ҷониби Агентии мазкур нисбат ба 303 нафар кормандони "Амонатбонк" 818 ҷинояти коррупсионӣ ва ҷинояти иқтисодии хислати коррупсионидошта ошкор гардидааст, ки 317 ҳолати онро ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, 222 ҳолат тасарруфи пулу моли ба тариқи қарз додашуда ва ғайриқонунӣ додану гирифтани қарз мебошад.

Масалан, сармуҳосиб ва мудири хазинаи филиали бонк дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Муъминов С. ва Шарифов С. бо истифода аз мақоми хизматӣ қариб 10 миллион сомонӣ ва 46 ҳазор доллари дар хазинаи бонк қарордоштаро азони худ кардаанд.

Ҳамзамон бо ин, аз беназоратӣ ва фориғболии шахсони масъул истифода карда, кормандони алоҳидаи бонк ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар 211 ҳолат нафақаи шахсони фавтидаро ба маблағи 360 ҳазор сомонӣ тасарруф кардаанд. Чунончи, маъюби гурӯҳи дуюм, нафақахӯр Лебедева Надежда 1-уми ноябри 2012 вафот кардааст, аммо дар давоми 25 моҳ ба суратҳисоби нафақаи ӯ зиёда аз 20 ҳазор сомонӣ пардохт шуда, аз ҷониби корманди "Амонатбонк" Алифбеков Э. бо истифодаи корти бонкии қалбакӣ тасарруф гардидааст.

Дар байни солҳои 2009-2018 зимни санҷишҳои аз ҷониби Агентӣ дар Бонки саҳҳомии «Тоҷпромбонк» гузаронидашуда зиёда аз 100 ҳолати ҷиноят ошкор шудааст, ки 36 ҳолати он ба азонихудкунии маблағҳо ва 26 ҳолат ба ғайриқонунӣ додани қарз рост меояд. Санҷиши бонк танҳо дар соли 2017 муайян намуд, ки масъулини бонк ҷиҳати пешгирии хавфи барнагардонидани маблағи қарз чораҳои зарурӣ наандешида, баръакс, барои ҳарчи зудтар интиқол додани маблағҳо ба хориҷи кишвар ба қарзгирандагон мусоидат намудаанд, ки дар натиҷа бонк аз ҳисоби ин амалиётҳо ба маблағи 62 миллион сомонӣ зарар дидааст.

Мисолҳои зикршуда ва дигар ҳолатҳои қонунвайронкунӣ дар низоми бонкии кишвар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки назорати бонкӣ солҳои тӯлонӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, аз ин вазъ шахсони алоҳида суиистифода намудаанд ва дар натиҷа ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар зарари зиёд расонида шудааст.

Илова бар ин, тавре ки зикр шуд, қисми бештари амволи ба гарав гузоштаи қарзгирандагон бо ҳар гуна воситаву усулҳои ғайриқонунӣ нодуруст (яъне даҳҳо баробар баланд) баҳогузорӣ гардидааст.

Инчунин, номукаммал будани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи нархгузорӣ боиси ба вуҷуд омадани камбудиҳо дар самти баҳогузории молу мулк гардидааст. Аз ҷумла, дар натиҷаи санҷиши Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия муайян карда шуд, ки аз ҷониби кормандони Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба нархгузории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар соли 2017 99 иншооту биноҳои бартарафшудаи шаҳри Душанбе ба маблағи 26,5 миллион сомонӣ барзиёд нархгузорӣ карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати кишварро зарур аст, ки ҷиҳати таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти нархгузорӣ" чораҷӯӣ намояд. Дар баробари ин, вобаста ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар хусуси ба фурӯши оммавӣ баровардани амволи таҳти гарав қарордошта бояд корбарӣ карда шавад.

Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза

бо коррупсияро зарур аст, ки якҷо бо Бонки миллӣ фаъолияти худро ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳолатҳои қонунвайронкунӣ ва коррупсионӣ дар низоми бонкии кишвар, инчунин, ҷорӣ намудани механизмҳои муосири назорат дар ин самт ҳамоҳанг созанд. Дар назар бояд дошт, ки саҳми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, махсусан, саноатикунонии кишвар калон буда, фаъолияти муътадили иқтисодиёт аз сифат ва гуногуннамудии хизматрасониҳои бонкӣ вобастагии зиёд дорад. Тайи даҳ соли охир аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар зиёда аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, вале ҳаҷми солонаи он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 14,5 то 12,6 фоиз кам гардидааст.

Тибқи арзёбии ташкилотҳои байналмилалӣ ҳангоми ба 23 фоиз баробар намудани ин нишондиҳанда иқтисодиёти кишвар ҳар сол 1,5 фоиз зиёдтар рушд меёбад. Яъне дар ин ҳолат суръати рушди иқтисодӣ дар кишвар ба 9 фоизи солона баробар мегардид.

Дар ин давра ба иқтисодиёт 36,8 миллиард сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд ва танҳо соли 2018 ин нишондиҳанда ба 4,8 миллиард сомонӣ ё қариб 60 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои солона баробар гардидааст.

Фоизи нисбатан баланди қарз яке аз омилҳои боздорандаи дастрасии соҳибкории истеҳсолӣ ба воситаҳои молиявӣ мебошад, ки ин масъаларо ман мунтазам таъкид менамоям.

Бонки миллиро зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ва зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ, бахусус, ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда чораҳои қатъӣ андешад. Роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ бояд дар самти паст намудани фоизи қарзҳо корбарӣ намуда, ҷиҳати осон намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Бо дарназардошти бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ ва манфиатҷӯӣ дар низоми бонкӣ зарур аст, ки дар ташкилотҳои қарзӣ, сарфи назар аз шакли моликият, дар зинаҳои роҳбарикунандаи идоравӣ ва муҳосибӣ аз як оила фаъолият кардани якчанд нафар маҳдуд намуда, ба қонунгузории дахлдор тағйироти зарурӣ ворид карда шаванд.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки дар асоси таъсиси комиссияи босалоҳият аз моҳи июни соли 2019 сар карда, тамоми мансабдорону кормандони мақомоти молия, андоз ва гумрукро аз аттестатсия гузаронад. Дар баробари ин, бо дарназардошти талаботи замони муосир зарур аст, ки низоми арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ мунтазам такмил дода, ба Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд.

Ба Бонки миллӣ зарур аст, ки тартиби арзёбии фаъолияти кормандони низоми бонкиро мукаммал гардонида, онро дар ҳамаи ташкилотҳои қарзии кишвар татбиқ намояд ва ҳамзамон бо ин, ба тартиби гузаронидани санҷиши тахассусии номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ тағйироти зарурӣ ворид намояд.

Ҳамчунин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки низоми эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии мансабдорон ва кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, бонкҳо ва дигар хизматчиёни давлатиро мукаммал гардонад. Илова бар ин, такроран хотирнишон месозам, ки дар низоми бонкии кишвар кормандон аз ҳисоби занону бонувон бояд бештар ба кор қабул карда шаванд. Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки ҷиҳати тақвият додани заминаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ ва маърифатнокии молиявии аҳолӣ корҳои амалӣ роҳандозӣ карда шаванд. Бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи дурнамои ҳамасолаи сиёсати пулию қарзӣ бояд суботи молиявии кишвар таъмин гардида, фишангҳои пулию қарзӣ самаранок истифода ва механизмҳои таъсирбахшии онҳо ҷорӣ карда шаванд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, вазъи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва истифодаи низоми пардохт, аз ҷумла терминалҳо ва муассисаҳои савдою хизматрасонӣ аз тарафи аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва на ҳамаи бонкҳои кишвар чунин хизматрасониро ба таври кофӣ пешниҳод менамоянд.

Бонки миллӣ вазифадор аст, ки дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин дар ин самт, алахусус, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати мамлакат “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” чораҷӯӣ намояд. Ҳамчунин, Бонки миллӣ, Бонки давлатии амонатгузории “Амонатбонк” ва бонкҳои тиҷоратӣ бояд корро ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ва тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои байналми-

лалии молиявӣ, аз ҷумла фондҳои байналмилалӣ ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷии дуру наздик тақвият бахшида, доир ба ҷолиб гардонидани низоми бонкӣ барои сармоягузорӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Инчунин, зарур аст, ки доир ба ҳалли масъалаи норасоии асъори хориҷӣ дар бозори кишвар, фарқияти байни қурби бозорӣ ва расмии асъор ва бартараф намудани амалиёти ғайриқонунии асъор корҳои амалиро ба анҷом расонад.

Вазорати молия, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати рушди инфрасохтори зарурӣ ва ташкили дурусти бозори такрории коғазҳои қиматнок, бозори суғурта ва фаъол гардонидани иштироки ташкилоту муассисаҳо дар ин бозор тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Бонки миллӣ вазифадор карда мешавад, ки доир ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми бонкӣ ва суғурта, назорати фаъолияти ширкатҳои суғурта, фаъол гардонидани бозори суғуртаи ихтиёрӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ корҳои амалиро ба роҳ монад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки мебинем, дар баробари пешравиҳо дар самти рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар то ба имрӯз дар фаъолияти соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо камбудиҳои зиёд низ ба назар мерасанд.

Ҳукумати кишварро зарур аст, ки барои сари вақт ислоҳ намудани камбудиҳои зикршуда тибқи нақшаи чорабиниҳои алоҳидаи ҳар яке аз мақомоти масъул ва расидан ба нишондиҳандаҳои стратегии кишвар ва барномаҳои соҳавӣ корҳои назоратиро ба таври қатъӣ ба роҳ монад. Таъмин намудани рушди дарозмуддати Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ҳадафи олии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар ин самт ҳамаи мо масъул мебошем. Амалӣ намудани нақшаҳои тасдиқшуда аз фаъолияти ватандӯстона ва ҳисси баланди масъулияти шумо – роҳбарону мутахассисони мақомоти молия, андоз, гумрук, бонкҳо, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, инчунин, ҳар як хизматчии давлатӣ вобаста мебошад.

Бори дигар таъкид месозам, ки иҷрои саривақтӣ ва сифатноки қисми даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ, истифодаи шаффофу самараноки маблағҳо, таъмини устувории пули миллӣ, баланд бардоштани пардохтпазирӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ, таъмини фаъолияти самаранок ва бехатари низоми пардохтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини роҳбарону масъулони бахши иқтисодӣ мебошанд.

Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки ҷалби сармояи хориҷӣ аз тамоми сарчашмаҳо, истифодаи самаранок ва мақсадноки иншооти дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бунёдгардида, дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ, афзоиши маблағгузории қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт ва дигар тадбирҳо барои босифат амалӣ шудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин ҷода ба ҳамаи шумо муваффақият ва барори кор орзу менамоям.

**Саломат бошед!**

**www.president.tj**

# Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



15 майи соли 2019 таҳти роҳбарии Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо иштироки роҳбарони бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии кишвар оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 10 майи соли 2019, зимни мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо дода шуда буд, ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни ифтитоҳи ҷаласа диққати ҳозиринро бори дигар ба дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо ироа гардида буд, ҷалб намуд.

"Низоми бонкии кишвар, яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҳар кадоми мо тақозо менамояд, ки барои рушду такомули он фаъолияти босамар дошта бошем. Ва бо истифода аз имконияту шароитҳои мусоид баҳри бартараф намудани камбудиҳои соҳа, ки Пешвои миллат зимни суханронӣ дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо иброз кардаанд, кӯшиш ба харҷ диҳем, то эътимоди аҳолиро ба бонкҳо барқарор намоем. Татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, назорат ва баҳодиҳии дурусти низоми бонкӣ, пешгирии талафоти имконпазир ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми бонкӣ, дуруст ба роҳ мондани сиёсати қарздиҳӣ ва коҳиш додани меъёрҳои фоизӣ, кам кардани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ метавонад барои бартараф намудани камбудиву норасоиҳои соҳа ҳиссагузор бошад", - иброз дошт Ҷ.Нурмаҳмадзода.

Сипас, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкҳо барои баррасӣ ҷиҳати пешниҳоди таклифҳо манзур карда шуд. Қобили қайд аст, ки лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои таҳияшуда, тамоми паҳлуҳои низоми бонкӣ ва суғурта, аз ҷумла баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низо-

Ҳамзамон ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд дастур дода шуд, ки пешниҳодҳои ҷолиб ва асосноки худро ҷиҳати пурраю комил кардани нақшаи чорабиниҳои мазкур таҳия ва ба Бонки миллии Тоҷикистон манзур намоянд.



ми бонкӣ, истифодаи фишангҳои иловагӣ бахри татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони низоми молиявӣ, ҷалби бештари бонувон ба низоми бонкӣ, коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзӣ, паст кардани меъёрҳои фоизӣ дар сиёсати қарзии бонкҳо, зиёд кардани доираи марказҳои хизматрасонии бонкӣ, интихоби дурусти кадрҳои баландихтисос дар воҳидҳои сохтории бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ва ғайраро фаро гирифтааст.

Ҳамзамон ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд дастур дода шуд, ки пешниҳодҳои ҷолиб ва асосноки худро ҷиҳати пурраю комил кардани нақшаи чорабиниҳои мазкур таҳия ва ба Бонки миллии Тоҷикистон манзур намоянд.

Бо истифода аз имконияту шароитҳои мусоид бахри бартараф намудани камбудиҳои соҳа, ки Пешвои миллат зимни суханронӣ дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо иброз кардаанд, кӯшиш ба харҷ диҳем, то эътимоди аҳолиро ба бонкҳо барқарор намоем.

Дар ҷараёни ҷаласа, инчунин масъалаҳои дедолларикунонии иқтисодиёт, поён бурдани таъсири асъори хориҷӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, қобилияти пардохтпазирӣ ва сармояи бонкҳо, афзоиши дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии арзони воситаҳои молиявӣ, таъсиси бештари филиалҳо ва марказҳои хизматрасонӣ, омода кардани мутахассисони баландихтисоси соҳаи бонкдорӣ ва ҷалби бештари бонувон ба низоми бонкии мамлакат, бахусус ба вазифаҳои



масъулияти моддидошта маврида баррасӣ қарор дода шуд.

Дар қисмати баъдии ҷаласа муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тадбирҳои вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ" (30.11.2018,№565) суханронӣ карда, зикр намуд, ки бо вуҷуди иҷрои корҳои назаррас дар самти тадбиқи қарори мазкур, зиёд кардани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилот ҳоло ҳам баъзе мушкилот, аз ҷумла, аз ҷониби ташкилотҳои карзӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини терминалҳои электронӣ ва истифодаи онҳо дар марказҳои савдою хизматрасонӣ дида мешавад.

Дар робита ба ин, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ.Нурмаҳмадзода таъкид дошт, ки бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд барои ҳарчи зудтар амалӣ намудани таъмини татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тадбирҳои вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ" чораҳои таъхирнопазир андешида, барои қабули ҳақи ҳама намуди хизматрасониҳо бо истифода аз воситаҳои электронӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҳамкории судмандро ба роҳ монанд.

Дар поёни кори ҷаласаи корӣ ба намояндагони бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди кишвар, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар мулоқот зикргардида дастурҳои мушаххас дода шуд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## БАРРАСИИ САМАРАНОКИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ АСЪОРӢ

Масъалаҳои самаранокии татбиқи сиёсати асъорӣ, вазъи қурби пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, роҳҳои нигоҳ доштани мӯътадилии қурби пули миллӣ, пешгирӣ ва таҳлил намудани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ вобаста ба вазъи мураккаби геосиёсии ҷаҳон ба низоми бонкии Тоҷикистон зимни ҷаласаи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва роҳбарони аввал ва хазинадорони



ташкилотҳои қарзии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни суханронӣ дар ҷаласа вазъи низоми бонкиро дар соли 2018 ва семоҳаи аввали соли 2019 таҳлил карда, зикр намуд, ки дар ин давра ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол коҳиш ёфта, сифати сандуқи қарзӣ беҳтар шудааст ва зиёд шудани амонатҳо мушоҳида гардидааст.

Дар ҷаласа масъалаи бозҳам беҳтар кардани вазъи бозори асъор ва пешбурди самаранокии сиёсати асъорӣ таъкид карда шуд.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев зимни суханронии худ барои самаранокии сиёсати асъорӣ дар низоми бонкӣ пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ, риояи талаботҳои муайяншуда, роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ, рафъи монеаҳои сунъӣ дар низом, татбиқи самаранокии сиёсати монетарӣ ва асъорӣ бо имконоти истифодаи фишангҳои муосири бонкӣ ва беҳтар кардани сатҳ ва сифати хизматрасониро боаҳамият шуморид. Мавсуф дурустӣ ва самаранокии сиёсати асъориро дар низоми бонкии кишвар таъкид карда, риояи талаботи муқарраргардидаро зарур унвон кард.

Сипас, Беҳзод Ҷӯраев, сардори шуъбаи танзими асъори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори Бонки миллии Тоҷикистон дар мавзӯи “Муҳокима ва баррасии самаранокии татбиқи сиёсати асъорӣ дар низоми бонкӣ” бо маълумоти муфассал баромад намуда, иштирокдоронро бо нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар соли 2018, раванди тағйирёбии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ, тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар давлатҳои шарикони асосии савдо ва вазъи бозори хизматрасониҳои интиқолӣ шинос намуд.

Ҳамчунин дар ҷамъомад роҳбарони шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи татбиқи сиёсати асъорӣ гузориш доданд. Иштирокдорон зимни муҳокимаи вазъи бозори асъор доир ба беҳтар кардани он ва пешбурди самаранокии сиёсати асъорӣ пешниҳодҳои худро ироа карданд.

Дар анҷоми ҷаласа, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон роҳбарон ва хазинадорони ташкилотҳои қарзии кишварро барои ҳифзи устувории қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ, бо назардошти таъсири омилҳои беруна пешгирӣ кардани хавфҳои эҳтимолии асъорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид ба аҳолӣ дар самти хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва ба ин восита, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, васеъ намудани шабакаи филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар минтақаҳо мувазэаф намуд.

## МУЛОҚОТИ ҶАМОЛИДДИН НУРАЛИЕВ БО ҲАЙАТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев 2 апрели соли ҷорӣ ҳайати Бонки ҷаҳониро таҳти роҳбарии иқтисодчии калон оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Гоар Гюлуман, ки бо сафари корӣ дар ҷумҳурӣ қарор дошт, ба ҳузур пазируфт. Дар ҳайати номбурда инчунин намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Ян Питерс Олтерс, директори Департаменти стратегияи рушд ҷаноби Сударшан Канагараджа, мушовири пешбари байналмилалӣ ҷаноби Саумя Митра ва дигар коршиносони Бонки ҷаҳонӣ шомил буданд. Қобили қайд аст, ки ҳайати Бонки ҷаҳонӣ бо мақсади баррасии Стратегияи миллии рушд ва омодагии пешакии ҳисоботи таҳлилӣ оид ба оқибатҳои макрофискалии сармоягузорӣ ба Нерӯгоҳи барқии обии “Роғун” ба ҷумҳурӣ ташриф овардааст.

Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои муайян намудани афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Стратегияи миллии рушд, аз ҷумла чорабиниҳое, ки тавассути Барномаи шарикӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ мeёбанд, муҳокима намуданд.

Ҷамолиддин Нуралиев аз таъмини рушди иқтисодиёт дар солҳои охир сухан карда, оид ба лоиҳаи бузурги стратегӣ – “НБО Роғун” ва манфиатовар будани сохтмони иншооти мазкур на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ



ва кишварҳои ҳамсоя ибрози назар намуд. Мавсуф дар мавриди хусусияти минтақавӣ доштани лоиҳа, фароҳам омадани шароити мусоид ҷиҳати дастрасӣ ба қувваи барқи арзон ва муфид барои кишварҳои минтақа махсусан таъкид намуда, ҷиҳати саҳм гузоштани Бонки ҷаҳонӣ ҳамчун институти молиявии бонуфуз дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ баҳри татбиқи минбаъдаи лоиҳаи “НБО Роғун” даъват ба амал овард.

Дар идомаи мулоқот ҷонибҳо инчунин ба як қатор масъалаҳои марбут ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла тамоюли рушди иқтисодиёт, рафти корҳо ва нақшаи маблағгузории НБО “Роғун”, саҳми баро-

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



риши Евробондҳо дар татбиқи ин лоиҳа, чараёни татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли барқи CASA-1000, ислоҳот дар соҳаи энергетика ва соҳаҳои мухталифи Тоҷикистон, рафти ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Ҳайати Бонки ҷаҳонӣ оид ба корҳои зиёди дар татбиқи лоиҳаи бузурги стратегӣ НБО "Роғун" анҷомдодашуда сухан ронда имкони мавҷуд будани ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин иншооти стратегӣ, эҳтимолияти дурнамои содироти қувваи барқ дар минтақа, таҷдиди ШСХК "Барқи тоҷик" ва масъалаҳои муҳими иқтисодӣ изҳори назар карданд.

Дар ҷамъбасти мулоқот муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев барои ҳамкории доимии судманд ба ҳайати Бонки ҷаҳонӣ ҷиҳати омӯзиш ва баррасии таҳлилҳо оид ба татбиқи лоиҳаи НБО "Роғун" ва нақшаҳои Стратегияи миллии рушд изҳори сипос кард.

### ▲БМТ БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТОРИ НИЗОМИ ПАРДОХТӢ ИҶОЗАТНОМА ДОД

Мутобиқи моддаи 14-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва дар асоси моддаи 77-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2019 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Тамвил" барои анҷом додани фаъолияти оператори низоми пардохтии "Атласпей" ба муҳлати 3 (се) сол иҷозатнома дода шуд.

Бо қарори дигари Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2019 тибқи моддаҳои марбутаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Душанбе-Сити" барои пешбурди фаъолияти оператори низоми пардохтии "Express Pay" ба муҳлати 3 (се) сол иҷозатнома дода шуд.

Ҳамчунин 12 апрели соли 2019 бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тахти №35, мутобиқи моддаи марбутаи қонунҳои дар боло зикршуда ба Ҷамъияти саҳомии "Народный банк" барои фаъолияти оператори низоми пардохтии "Народная" ба муҳлати 3 (се) сол иҷозатнома дода шуд.

Бо қарори навбатӣ Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 29 апрели соли ҷорӣ тахти № 45 ба Бонки тиҷоратии байниминтақавии рушди алоқа ва иттилоот (Федератсияи Русия), барои фаъолияти оператори низоми пардохтии BLIZKO ба муҳлати 3 (се) сол иҷозатнома дод.

То ин замон НП «BLIZKO» бо мақсади қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ба амалигардонии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоб бо 3 ташкилоти қарзии молиявии ҷумҳурӣ шартномаи ҳамкорӣ баста, фаъолияташро дар самти интиқоли маблағҳо идома дода истодааст.

Идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор карда шуд, ки дар Феҳристи операторони низоми пардохтӣ сабтҳои дахлдор ворид намояд.

### ▲ТАШАККУЛЁБИИ ФОИЗИ ҚАРЗҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

29 апрели соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи корӣ "Оид ба ташаккулёбии фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тахти роҳбарии муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова, ки ҳамзамон роҳбари Гурӯҳи корӣ "Оид ба идомаи фаъолият дар самти муайян кардани арзиши қарз дар ташкилотҳои қарзӣ" мебошад, доир шуд. Дар ҷаласаи корӣ дар ҳузури намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Бюрои таърихи қарзӣ ва ташкилотҳои қарзӣ натиҷаи тадқиқоти гузаронидаи мушовири байналмилалӣ Бертрам Зоннтаг мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Бояд тазаккур дод, ки мушовири байналмилалӣ Бертрам Зоннтаг дар доираи кумаки техникии Институти "Ҷамъияти кушода - Бунёди мадад" дар Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои ташаккулёбии фоизи қарзҳои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти худро дар асоси маълумотҳои ташкилотҳои қарзӣ анҷом додааст.

Номбурда дар мавриди зарурати ба роҳ мондани сиёсати фоизии дуруст аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ки он ба равнақ ёфтани муносибатҳо бо бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар алоқаманд мебошад, таҳлил гузаронида, оид ба усулҳои татбиқи ҳисобкунии фоизӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ тавассути рӯнамои худ ба иштирокчиён маълумоти муфассал манзур намуд.

Аз ҷумла, Бертрам Зоннтаг дар хусуси ба роҳ мондани ҳисобкунии ҳассосияти талабот ба қарз ҷиҳати муайян намудани чандирии талабот аз рӯи нарх, таносуби ҳаҷми қарзҳои додашуда ва амонатҳои ҷалбшуда андешаҳояшро иброз намуд.

Мутахассисони Бонки милии Тоҷикистон изҳор карданд, ки ҳисобкунии ҳассосияти талабот ба қарз, ки он чандирии талабот аз рӯи нарх, таносуби ҳаҷми қарзҳои додашуда ва амонатҳои ҷалбшударо ифода менамояд, аллакай татбиқ гашта истодааст.

Ғайр аз ин, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ оид ба омилҳои таъсиррасон ба арзиши аслии қарз, ки ҳангоми гузаронидани тадқиқот муайян гардидааст, ба ташкилотҳои қарзӣ тавсияҳои мушаххас дода шуд.

Дар ҷараёни ҳамоиш, дар баробари пешбурди сиёсати қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва муайян кардани арзиши қарз, инчунин марҳила ба марҳила вусъат ёфтани амалиётҳои амонативу қарзӣ мав--риди баррасӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла, дар моҳҳои январ-марти соли 2019 ҳаҷми қарзҳои додашуда тақрибан маблағи 2 млрд. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 508 млн. сомонӣ афзуд. Фоизи миёнавазни қарзҳо дар моҳҳои январ-марти соли 2019 бо пули миллӣ 25,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 15,7 фоизро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 бо пули

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

миллӣ 2,7 б.ф. ва асъори хориҷӣ 1,9 б.ф. коҳиш ёфт.

Теъдоди қарзҳои додашуда ба 179 ҳаз. адад баробар шуда, 35 ҳаз. адад ё 24 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти худро бахри афзун намудани дастрасии молиявӣ ба аҳолӣ ҷоннок намуда, саҳми худро барои рушди иқтисодиёт гузошта истодаанд. Бонки миллии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои амалиро бахри татбиқи сиёсати дурусти фоизӣ дар низом ҳамчун омили таъсиррасони рушди иқтисодиёти кишвар идома медиҳад.

## ТАШРИФИ САФИРИ ИМА БА БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

29 апрели соли 2019 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев сафири навтаъйини Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҷаноби Ҷон Марк Поммершеймро ба ҳузур пазируфт. Мулоқоти мазкур бо мақсади шиносоии сафир бо роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат сурат гирифт.

Ҷамолиддин Нуралиев ба сафири тозатаъйини ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ҷон Марк Поммершейм оид ба вазъи макроиқтисодӣ дар кишвар, сиёсати монетарӣ, нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда, низоми бонкӣ ва ислоҳоти дар ин самт татбиқшаванда, беҳ гардидани вазъи низоми бонкӣ нисбат ба солҳои қаблӣ, кам шудани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзӣ маълумоти муфассал манзур намуд. Номбурда масъалаи барқарор кардани суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои кишвар дар бонкҳои хориҷӣ, рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва дастрасии молиявӣ ба аҳолиро, ки бо Департаменти Хазинадории ИМА мавриди муҳокима қарор дорад, бори дигар бо сафири навтаъйини ИМА муҳокима намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба ҳамкориҳои мутақобилаи судманд дар рушди иқтисодиёт, аз ҷумла низоми бонкии кишвар ҳарф зада, дар хусуси лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, аз қабили CASA – 1000 ва саҳми ИМА дар татбиқи минбаъдаи он, лоиҳаи НБО "Роғун" ва аҳамияти минтақавии он табодули назар карданд.

Ҷаноби Ҷон Марк Поммершейм барои вусъат бахшидани ҳамкориҳои судманд изҳори ҳавасмандӣ намуда, зикр кард, ки ҷонибдори суботи иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Ҷаноби Ҷон Марк Поммершейм бо боварӣ иброз дошт, ки ислоҳоти татбиқшаванда дарояндаи дарозмуҳлат самараи худро хоҳад дод ва сафорати ИМА барои ҳамкорӣ дар самти масоили иқтисодӣ омодагии хешро баён медорад. Инчунин сафири ИМА дар Тоҷикистон Поммершейм аз истиқболи гарми садорати Бонки милии Тоҷикистон арзи сипос намуд.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз таваҷҷуҳи ИМА ба вазъи иқтисодии Тоҷикистон, махсусан сафорати ИМА дар Тоҷикистонро барои саҳмгузорӣ дар пешниҳоди кумакҳои техникӣ ба низоми бонкии кишвар изҳори миннатдорӣ кард.



## ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

Форуми байналмилалии рушди сармояи инсонӣ таҳти унвони «Роҳҳои расидан ба муваффақияти касбӣ»



бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон 3 майи соли 2019 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар доираи Форум гӯшаҳои соҳавии ташкилоту коргоҳҳои кишвар, дастовардҳои илмӣ ва техникии насли ҷавон, имкониятҳои хуби муассисаҳои таҳсилоти олӣ, соҳаи сайёҳӣ ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ, намоиши дастовардҳои низоми бонкии ҷумҳурӣ ба намоиш гузошта шуда буданд.

Зимни ифтитоҳи кори Форум раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш Аҳтам Абдуллозода иброз намуд, ки рушди неруи инсонӣ ва истифодаи самараноки он яке аз омилҳои муҳим барои ҳифзу нигоҳдошти манфиатҳои волои миллат ба шумор меравад.

Сипас, узви Раёсати Форум, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова дар суханронии худ ба масъалаи дастрасии молиявӣ ва маърифатнокии молиявии аҳолӣ таваҷҷуҳ карда, иброз дошт, ки яке аз омилҳои муҳими расидан ба муваффақияти касбӣ доштани тафаккуру дониши муосири молиявӣ аст. Дар ин замина, омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба аз ҳисоби ҷавонони болаёқат, вусъат бахшидани раванди татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ, дастрасии молиявӣ ба хизматрасониҳои арзон ва сифатнок, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро муҳим арзёбӣ намуд.

Баъди баромадҳои аъзои раёсат, кори Форум дар ду бахш: "Маориф ва шуғл: роҳҳои расидани ҷавонон ба муваффақият" ва "Карера дар самти ТИК ва оғози стартапи худ" идома ёфт.

Дар бахши "Карера дар самти ТИК ва оғози стартапи худ" Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Моҳбону Накатова дар мавзӯи "Дастрасии молиявӣ ва маърифатнокии молиявӣ" рӯнамоии ҷолибро манзури иштирокчиёни ҳамоиш намуд. Таҳлили амиқ ва

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО




маълумотҳои муфассали пешниҳодкардаи М.Накатова аз ҷониби иштирокдорони Форум хуш қабул гардида, мубоҳисаи ҷолиброба миён овард.

Форуми мазкур дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» ва Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон роҳандозӣ карда шудааст.

### ▲ИҶОЗАТНОМАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ПЕШБУРДИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ

Дар асоси банди 4-и Нақшаи амалисозии “Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025” тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №166 аз 7 декабри 2018 Маркази омӯзишӣ-методии Департаменти мониторинги молиявӣ таъсис дода шуд.

Вобаста ба масъалаи зикргардида, 27 марти 2019 ба Марказ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон АУ №0002733 дода шуд. Қайд кардан ба маврид аст, ки мақсади асосии Марказ ташкили низоми бисёрзинагии омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МКД/МТ/МПСҚО), ба шумор меравад.

Шунавандагон зимни курсҳои омӯзишӣ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла пайдоиш ва инкишофи шаклҳои қонунигардонии даромадҳо, терроризм ва маблаггузории он, инчунин маблаггузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ошно мегарданд. Курсҳои омӯзишӣ барои шунавандагон на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ доранд.

Шунавандагон бо донишҳои кофии назариявӣ роҷеъ ба усулҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, тартиби гузаронидани тафтишоти молиявии ҳамзамон, санҷиши дахлдори муштарӣ, баҳодиҳии хавфҳои мавриди истифода қарор додани ташкилотҳои ғайримолиявӣ барои мақсадҳои КД ва дигар самтҳои алоқаманд шинос мегарданд. Пас аз хатми курсҳои омӯзишӣ шунавандагон дониши худро дар самти МКД/МТ/МПСҚО васеъ намуда, дар фаъолияти минбаъда татбиқ менамоянд.

### ▲СИСТЕМЫ ДЕНЕЖНЫХ ПЕРЕВОДОВ ВВЕЛИ ЛИМИТЫ НА ОТПРАВКУ ДЕНЕГ В НЕКОТОРЫЕ СТРАНЫ

Ограничения касаются Вьетнама, Китая, Киргизии и Казахстана – так ЦБ борется с сомнительными операциями.

Системы денежных переводов с 16 апреля ввели лимиты на отправку денег во Вьетнам, Китай, Киргизию (до 100 000 руб. в месяц) и Казахстан (до 150 000 руб.). Ограничения потребовал установить ЦБ, рассказали «Ведомостям» три человека, знающих это от сотрудников платежных систем. Так регулятор борется с теневыми операциями, в том числе с предпринимательством без регистрации, рассказывает один из собеседников «Ведомостей». Другой объясняет, что иностранные граждане, торгующие на рынках, таким образом отправляют вырученные наличные для оплаты партий товаров, не регистрируясь как индивидуальные предприниматели и не создавая юрлиц.

Об этой схеме ЦБ рассказывал еще в январе, указывает первый собеседник «Ведомостей», и лимиты – это продолжение борьбы с ней. Такими переводами люди могут расплачиваться по договорам, предусматривающим поставку товаров в Россию, т. е. фактически они таким образом могут скрывать то, что ведут предпринимательскую деятельность, и избегать постановки контрактов на учет в банках для проведения валютного контроля, говорилось в письме регулятора. Тогда ЦБ сообщал, что в ходе надзора за банками заметил схему с сомнительными денежными переводами за границу без открытия банковского счета.



### ▲САРФАКОРӢ ВА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ДУРУСТИ ФАРЗАНДОН ДАР ОИЛА

24 апрели соли ҷорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ҷамъомад баргузор гардид.

Дар он сардори Идораи кормандон Давлаҳмад Гадоев, сардори шуъбаи тарҷума, доктори илмҳои филология, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоҳасан Султонов ва дигар кормандони Бонки миллӣ иштирок намуданд. Дар мавриди ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” М.Султонов сухан ронда, қайд намуд, ки бахри бартараф намудани камбудиҳо комиссияҳои маҳаллӣ ташкил гардидаанд. Ҳамчунин дар Бонки миллии Тоҷикистон Комиссияи иҷтимоӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим созмон дода шудааст, ки гузаронидани тӯю маъракаҳои кормандони Бонки миллиро назорат намуда, ҳар семоҳа аз натиҷаи он ба Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад. Қонуни мазкур бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, амалӣ мегардад.

Дар қисмати баъдии ҷамъомад оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" Давлаҳмад Гадоев суханронӣ намуда, оид ба ӯҳдадориҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани волидайн ҳангоми содир намудани ҷиноят аз ҷониби фарзандони онҳо ибрози назар кард. "Новобаста аз он ки зану шавҳар бо сабабҳои мухталиф аз ҳам ҷудо шуда бошанд ҳам, онҳо дар таълиму тарбияи фарзандони худ масъулияти баробар доранд" - қайд намуд номбурда.

Ҳамчунин дар маҷлис зикр гардид, ки волидайн вазифадоранд монеъи рафтани фарзандон ба марказҳои дилхушӣ, нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ ва кашидани сигор шаванд. Беҳтараш онҳоро ба ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, ҳурмати калонсолон ва доштани дониши ба талаботи замона ҷавобгӯ талқин намоянд. Бо дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати соҳибмаърифат шудани фарзандони мардуми кишвар мактабу донишгоҳҳо, литсею гимназияҳои замонавӣ бунёд шудаанд. Месазад, ки падару модарон дар ҷавоб ба ин ғамхориҳо дар таълиму тарбияи хуби фарзандони худ саҳми босазо гузоранд.

## ▲ТС "ТАКАФФУЛ" ТАШКИЛ ШУД

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 майи соли 2019 мутобиқи моддаҳои 4 ва 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва боби 54 Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти суғуртавии Такаффул" барои фаъолияти суғуртавии ихтиёрӣ ба муҳлати 5 сол иҷозатнома дода шуд.

Ба Идораи назорати суғуртавӣ дастур дода шуд, ки оид ба қарори мазкур сабти дахлдорро ба Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ворид намояд.

**Ин бахш аз маводи хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ, маҷаллаи "БТҶ" " таҳия шудааст.**

# Низомнома
## “Оид ба ташкили реҷаи махсуси танзим”

Низомнома “Оид ба ташкили реҷаи махсуси танзим” (минбаъд – Низомнома) мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия шуда, тартиби ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим ва қоидаҳои гузаронидани онро муқаррар менамояд.

**БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

1. Дар Низомномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- реҷаи махсуси танзим – таҳти назорати Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳити маҳдуд гузаронидани санҷиши маҳсулоти наву инноватсионии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда махсус танзим нагардида, мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои молиявии бо қонун пешбинишударо дорад ва барои бе хавфи ҳуқуқӣ тавассути чунин маҳсулоти наву инноватсионӣ татбиқ гардидани хизматрасониҳои молиявӣ имконият медиҳад;
- маҳсулоти наву инноватсионӣ - маҳсулоти наву инноватсионии пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии (амалиётҳои бонкии) бо қонун муқарраршуда, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мухолифат намекунад, вале махсус танзим нашудааст;
- Дархостгар – ташкилоти қарзии молиявие, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон барои татбиқи реҷаи махсуси танзим мутобиқи Низомномаи мазкур муроҷиат намудааст ва нисбат ба он тибқи қонунгузории амалкунанда аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои фаврии ислоҳӣ ё таъсиррасонӣ татбиқ нашудаанд;
- Ҳамдархостгар – ташкилоти қарзии молиявие, ки ба талабот нисбати Дархостгар тибқи Низомномаи мазкур ҷавобгӯ аст, ё шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият анҷом медиҳад ва якҷо бо Дархостгар ба Бонки миллии Тоҷикистон барои татбиқи реҷаи махсуси танзим мутобиқи Низомномаи мазкур муроҷиат намудааст;
- истеъмолкунандагон – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки маҳсулоти наву инноватсионии хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро истифода мебаранд;
- мактуб оид ба набудани эътироз – мактуби Бонки миллии Тоҷикистон барои дар муҳити маҳдуд идома додани татбиқи амалии маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашуда то лаҳзаи ворид кардани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ё таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқии нав.

2. Ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим дар асоси фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷозати ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим ва мактуби Бонки миллии Тоҷикистон оид ба розигӣ барои ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим амалӣ карда мешавад.

3. Татбиқи реҷаи махсуси танзим давраҳои зеринро дар бар мегирад:

- пешниҳоди Дархост аз ҷониби Дархостгар ба Бонки миллии Тоҷикистон оид ба татбиқи реҷаи махсуси танзим;
- баррасии пешакии Дархост оид ба татбиқи реҷаи махсуси танзим;
- иҷозати татбиқи реҷаи махсуси танзим;
- ташкили реҷаи махсуси танзим ва гузаронидани он;
- натиҷагирӣ аз руи татбиқи реҷаи махсуси танзим;
- пешниҳод намудани мактуб оид ба набудани эътироз (дар ҳолати бобарор арзёбӣ намудани санҷиш).

4. Реҷаи махсуси танзим бо мақсади дар муҳити маҳдуд ва дар реҷаи озмоиши таҷрибавӣ гузаронидани санҷиши маҳсулоти наву инноватсионӣ ташкил карда мешавад.

5. Реҷаи махсуси танзим дар асоси принсипҳои ошкоро, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва татбиқи маҳдудиятҳо нисбат ба Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) ташкил карда мешавад.

6. Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) бояд дар давоми муҳлати татбиқи реҷаи махсуси танзим талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро

риоя намоянд.

7. Дар сурати аз натиҷаи баррасии пешакии Дархост ё дар рафти санҷиш муайян шудани мухолифати маҳсулоти наву инноватсионӣ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки манъкунанда мебошанд, истифодаи минбаъдаи он то бартараф гардидани монеаи ҳуқуқӣ иҷозат дода намешавад.

8. Масъулият барои риоя накардани шартҳои реҷаи махсуси танзим ба зиммаи Дархостгар вогузор карда мешавад.

9.Ташкили реҷаи махсуси танзим ва татбиқи он дар асоси гирифтани ҳаққи хизмат аз Дархостгар амалӣ карда мешавад.

9.1. Андозаи ҳаққи хизмат барои ташкили реҷаи махсуси танзим ва татбиқи он, бо дарназардошти хароҷоти воқеӣ, вақти сарфшавандаи аъзои Гурӯҳи корӣ ва дигар хароҷотҳо аз рӯи ҳар як Дархост муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 2. ПЕШНИҲОД ВА БАРРАСИИ ПЕШАКИИ ДАРХОСТ ДАР БОРАИ ТАШКИЛ КАРДАНИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ

10. Дархост дар бораи ташкили реҷаи махсуси танзим (минбаъд – Дархост) аз ҷониби Дархостгар тибқи Замимаи №1 Низомномаи мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

11. Ба Дархост ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- нусхаи иҷозатнома дар бораи анҷом додани фаъолияти бонкӣ;
- тавсифи маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда тибқи Замимаи №2 Низомномаи мазкур.

12. Агар мутобиқи Низомномаи мазкур Ҳамдархостгар шахси ҳуқуқие бошад, ки ташкилоти қарзии молиявӣ нест, он гоҳ ба Дархост ҳуҷҷатҳои зерин ҳамроҳ карда мешаванд:

- нусхаи ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсисии Ҳамдархостгар бо нишон додани маблағи сармояи оинномавии эълоншудаи он;
- маълумотнома оид ба надоштани қарз аз рӯи ухдадориҳои андозӣ, ки аз ҷониби мақомоти андоз дода шудааст;
- ҳисоботи муҳосибавии тасдиқшуда барои давраи охири ҳисоботӣ.

13. Агар мутобиқи Низомномаи мазкур Ҳамдархостгар ташкилоти қарзии молиявӣ бошад, он гоҳ ба Дархост нусхаи иҷозатнома дар бораи анҷом додани фаъолияти бонкӣ ҳамроҳ карда мешавад.

14. Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад бо мақсади баррасии пешакии Дархост аз Дархостгар маълумот ва ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб намояд.

15. Баррасии пешакии Дархост аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои баррасии Дархост вазифадор гардидааст, дар муҳлати то 60 (шаст) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи қабули он анҷом дода шуда, аз натиҷаи баррасии пешакии Дархост ба Дархостгар хаттӣ хабар дода мешавад.

16. Дар рафти баррасии пешакии Дархост, воҳиди сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти зеринро анҷом медиҳад:

- мутобиқат доштани Дархостгар (Ҳамдархостгар)-ро ба талаботи муқарраркардаи Низомномаи мазкур муайян мекунад;
- мутобиқат доштани Дархостро ба талаботи муқарраркардаи Низомномаи мазкур муайян мекунад;
- мутобиқат доштани маҳсулоти наву инноватсиониро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда месанҷад;
- маҳсулоти наву инноватсиониро бо дарназардошти манфиатҳои истеъмолкунандагон таҳлил менамояд.

17. Агар дар рафти баррасии пешакии Дархост номутобиқатии Дархостгар (Ҳамдархостгар) ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур ошкор карда шавад, он гоҳ оид ба рад намудани Дархост бо нишон додани асосҳои рад намудан Дархостгар дар шакли хаттӣ огоҳ карда мешавад.

18. Агар дар рафти баррасии пешакии Дархост номутобиқатии Дархост ба талаботҳои муқарраркардаи Низомномаи мазкур ошкор гардад, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад аз Дархостгар маълумоти иловагӣ талаб намояд.

19. Агар дар рафти баррасии пешакии Дархост муайян гардад, ки маҳсулоти наву инноватсионии баррасишаванда дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, бидуни ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим татбиқ шуда метавонад, ба Дархостгар тавзеҳнома дар бораи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда фиристода мешавад.

20. Агар дар рафти баррасии пешакии Дархост мухолифати маҳсулоти наву инноватсионии баррасишаванда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки манъкунанда мебошанд, муайян гардад, ба Дархостгар тавзеҳнома дар бораи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки манъкунанда мебошанд, фиристода мешавад.

21. Агар дар рафти баррасии пешакии Дархост муайян гардад, ки маҳсулоти наву инноватсионии баррасишаванда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии

амалкунанда, ки манъкунанда мебошанд, мухолифат намекунад, вале дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда махсус танзим нашудааст, ба Дархостгар тавзеҳнома дар бораи зарурияти ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим фиристода мешавад.

22. Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) пас аз шинос шудан бо натиҷаи баррасии пешакии Дархост, ҳуқуқи бозхонд намудани Дархост ва ё ташаббус намудани ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзимро дорад.

## БОБИ 3. ТАШКИЛИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ

23. Реҷаи махсуси танзим баъд аз хабардор намудани Дархостгар аз натиҷаи баррасии пешакии Дархост ва дар асоси ташаббуси Дархостгар оид ба ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим дар давоми то 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ бо Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи реҷаи махсуси танзим (минбаъд- Гурӯҳи корӣ) ба расмият дароварда мешавад.

24. Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Роҳбари Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби яке аз роҳбарони воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки милии Тоҷикистон таъин карда мешавад. Назорати фаъолияти Гурӯҳи корӣ аз тарафи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон (сарпарасти воҳиди сохторие, ки ба танзими самти хизматрасониҳои молиявии баррасишаванда масъул мебошад) амалӣ карда мешавад.

25. Гурӯҳи корӣ амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

- нишондиҳандаҳои реҷаи махсуси танзимро тибқи Замимаи №3 Низомномаи мазкур ва бо дарназардошти шартҳои муайяншудаи Низомномаи мазкур, муқаррар мекунад;
- дар бораи қатъ намудани амали реҷаи махсуси танзим қарор қабул мекунад;
- ҳисобот дар бораи натиҷаи реҷаи махсуси танзимро тасдиқ мекунад;
- аз рӯи натиҷаи татбиқи реҷаи махсуси танзим, агар зарур бошад, барои ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тавсияҳо медиҳад.

26. Дар асоси баррасии ҳуҷҷатҳое, ки ба Дархост ҳамроҳ карда шудаанд, Гурӯҳи корӣ дар муҳлати на зиёда аз 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ташкили Гурӯҳи корӣ, матни Созишнома дар бораи реҷаи махсуси танзимро (минбаъд – Созишнома) омода мекунад.

27. Шартҳои ҳатмии Созишнома аз инҳо иборат мебошанд:

- тавсифи маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда бо тавсифи бизнес-раванди дахлдор;
- номгӯи маҳдудиятҳое, ки нисбат ба Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) дар доираи реҷаи махсуси танзим мутобиқи банди 31 Низомномаи мазкур муқаррар карда мешаванд;
- номгӯи уҳдадориҳое, ки нисбат ба Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) дар доираи реҷаи махсуси танзим тибқи банди 32 Низомномаи мазкур муқаррар карда мешаванд;
- муҳлати реҷаи махсуси танзим, бо нишон додани санаи оғоз ва анҷомёбии он;
- номгӯи нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии бобарории санҷиш мутобиқи Замимаи №3 Низомномаи мазкур;
- амалҳои ҳатмии Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) ҳангоми қатъ шудани реҷаи махсуси танзим (масалан, тартиби хизматрасонии муштариён ё бекор кардани шартномаҳо, бозгардонии маблағҳо ва дигар шартҳо);
- уҳдадории Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) барои риоя накардани талаботҳои Созишнома, огоҳ кардани Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи риоя накардани чунин қоидаҳо, инчунин ризоият доир ба он, ки риоя накардани шартҳо метавонад боиси пеш аз муҳлат қатъ шудани санҷиш гардад;
- розигии Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) дар бораи он, ки реҷаи махсуси танзим метавонад бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон дар мавриди пайдо шудани ҳолатҳое, ки ба субoти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳдиди ҷиддӣ доранд, қатъ карда шавад;
- номгӯи чораҳои ҷавобгарии Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) барои риоя накардани шартҳои Созишнома;
- маблағи ҳаққи хизмати Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим.

28. Ба Созишнома метавонад бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххас, ки дар раванди баррасии Дархост маълум мегарданд, муқаррароти дигар тибқи пешниҳоди Гурӯҳи корӣ ворид карда шавад.

29. Созишнома аз ҷониби Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва роҳбари Дархостгар дар ду нусхаи дорои эътибори баробари ҳуқуқӣ имзо карда мешавад.

30. Қоидаҳо ва шартҳои реҷаи махсуси танзим, ки дар Созишнома зикр шудаанд, бояд ба талаботи Низомномаи мазкур мувофиқат намоянд.

## БОБИ 4. ШАРТҲОИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ

31. Дар доираи реҷаи махсуси танзим доир ба маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда бояд як ва ё якчанд маҳдудиятҳои зерин муқаррар карда шаванд, аз ҷумла:

- ба миқдори муштариён (шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ), ки дар доираи санҷиш ба онҳо хизматрасонии молиявӣ расонида мешавад;
- ба миқдори амалиёте, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии молиявӣ тавассути маҳсулоти наву иноватсионии санҷидашаванда гузаронида мешавад;
- ба маҳалли (маҳалҳои) пешниҳоди хизматрасонии молиявӣ бо истифодаи маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда;
- ба ҳаҷми уҳдадориҳои ташкилоти қарзии молиявӣ дар назди муштариён, ки дар санҷиши маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда иштирок мекунанд;
- ба миқдори воситаҳои додашудаи пардохтӣ ё шартномаҳои дар доираи реҷаи махсуси танзим басташуда;
- ба ҳаҷми амалиёте, ки як муштарӣ тавассути маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда дар доираи реҷаи махсуси танзим анҷом медиҳад;
- ба ҳаҷми амалиёте, ки як муштарӣ тавассути маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда дар доираи реҷаи махсуси танзим дар давраи вақти муқарраршуда (дар давоми рӯз, ҳафта, моҳ, семоҳа) анҷом медиҳад;
- дигар маҳдудиятҳое, ки Гурӯҳи корӣ бо назардошти ҳолатҳои мушаххас зарур мешуморад.

32. Дар доираи реҷаи махсуси танзим бояд уҳдадориҳои зерини Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) муқаррар карда шаванд:

- бо дархости Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳисобот оид ба маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда;
- ба намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон пешкаш намудани дастрасӣ ба низомҳои иттилоотии Дархостгар ва Ҳамдархостгар (агар мавҷуд бошад) барои гирифтани иттилооти зарурӣ оид ба маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда;
- интихоб кардани истеъмолкунандагон ва огоҳ намудани онҳо дар бораи он, ки хизматрасонии молиявӣ дар реҷаи махсуси танзим пешниҳод мегардад, инчунин гирифтани розигии хаттии онҳо;
- ҳатман ҷуброн кардани амалиётҳое, ки бе розигии муштарӣ, аз ҷумла бо иштибоҳи ташкилоти қарзии молиявӣ анҷом дода шудаанд;
- дигар уҳдадориҳое, ки Гурӯҳи корӣ бо Дархостгар мувофиқа кардааст.

33. Муҳлати (давомнокии) санҷиш метавонад аз 6 то 12 моҳро дар бар гирад.

34. На дертар аз 1 (як) моҳ то таърихи анҷомёбии муҳлати реҷаи махсуси танзим, ки дар Созишнома зикр шудааст, Дархостгар метавонад бо дархости хаттӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат карда, бо нишон додани сабабҳое, ки аз рӯи онҳо тамдиди муҳлат мувофиқи мақсад аст, тамдид намудани муҳлати татбиқи реҷаи махсуси танзимро дархост намояд. Чунин дархост аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар муҳлати на зиёда аз 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ баррасӣ карда мешавад. Дар сурати тамдид шудани муҳлати реҷаи махсуси танзим, бо Дархостгар Созишномаи иловагӣ бо нишон додани муҳлати нави анҷомёбии санҷиш, вале на зиёда аз 6 (шаш) моҳ, баста мешавад.

## БОБИ 5. ТАТБИҚИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ ВА ҚАТЪ ШУДАНИ ОН

35. Дархостгар дар доираи реҷаи махсуси танзим санҷишро бояд аз рӯзи дар Созишнома нишондодашуда оғоз намояд.

36. Агар Дархостгар санҷишро дар давоми 30 (сӣ) рӯз аз таърихи дар Созишнома зикргардида оғоз карда натавонад, он гоҳ амали Созишнома қатъ мегардад.

37. Гузаронидани реҷаи махсуси танзим метавонад дар яке аз ҳолатҳои зерин қатъ карда шавад:

- бо ташаббуси Дархостгар;
- бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳолати аз ҷониби Дархостгар риоя накардани шартҳои Созишнома, ошкор шудани далелҳои нодурустии маълумотҳои дар Дархост нишондодашуда ва ё ба амал омадани ҳолатҳое, ки ба суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳдиди ҷиддӣ пеш меоранд;
- дар ҳолати ба охир расидани муҳлати санҷиш, ки дар Созишнома нишон дода шудааст ва ё дар ҳолатҳои пешбиникардаи банди 34 Низомномаи мазкур, ки дар Созишномаи иловагӣ дарҷ гардидааст.

38. Дар ҳолатҳои пешбиникардаи сархати якуми банди 37 Низомномаи мазкур, Дархостгар ба Бонки миллии Тоҷикистон на кам аз 30 (сӣ) рӯз пеш аз қатъ кардани санҷиши маҳсулоти наву инноватсионӣ огоҳиномаи дахлдорро бо нишон додани сабабҳои он ирсол менамояд.

39. Дар ҳолати бобарор арзёбӣ шудани натиҷаҳои санҷиш, Гурӯҳи корӣ ба роҳбарияти Бонки милии Тоҷикистон Ҳисоботи Дархостгар ва хулосаи муфас-

сали мусбии худро, бо ишораи мутобиқати маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашуда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва ё тавсияҳо доир ба зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, замима карда, пешниҳод менамояд.

40. Дар ҳолати пешбиникардаи сархати сеюми банди 37 Низомномаи мазкур Гурӯҳи корӣ "Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои санҷиш"-ро (минбаъд – Ҳисобот) тасдиқ менамояд.

## БОБИ 6. НАТИҶАГИРӢ АЗ РӮИ ТАШКИЛ ВА ТАТБИҚИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ

41. Дар муҳлати на дертар аз 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ баъди анҷом ёфтани санҷиш, Дархостгар ба Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Ҳисоботро пешниҳод менамояд, ки дар он маълумотҳои зерин дарҷ мегарданд:

- иттилоот дар бораи нишондиҳандаҳои миқдорие, ки дар рафти санҷиш мутобиқи меъёрҳои баҳодиҳии бобарории дар Созишнома дарҷгардида ба даст омадаанд;
- тавсифи мушкилоте, ки ба онҳо Дархостгар дар рафти санҷиш дучор гардидааст;
- арзёбии ниёзмандии истеъмолкунандагон ба истифодабарии маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашуда;
- ишора ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандае, ки мухолифати онҳо ба пешниҳоди маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашуда ошкор шуданд;
- маълумот дар бораи арзу шикояти истеъмолкунандагон аз рӯи истифодаи маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашуда;
- маълумот дар бораи хавфҳое, ки дар рафти санҷиш ба амал омадаанд ва чораҳои андешидашуда вобаста ба паст намудани ин хавфҳо.

42. Агар аз рӯи натиҷаи санҷиш Дархостгар нишондиҳандаҳои миқдории меъёрҳои дар Созишнома дарҷгардидаро соҳиб шавад, он гоҳ, Гурӯҳи корӣ натиҷаи ин санҷишро бобарор меҳисобад, дар акси ҳол санҷиш бебарор ҳисобида мешавад.

43. Дар муҳлати на дертар аз 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи гирифтани лоиҳаи Ҳисобот, Гурӯҳи корӣ хулосаи худро доир ба бобарор ё бебарории санҷиш бо нишон додани сабабҳои он омода карда, тасдиқ менамояд. Бо мақсади тасдиқ кардани Ҳисобот, Гурӯҳи корӣ ҳуқуқ дорад аз Дархостгар маълумоти иловагиро талаб намояд. Нусхаи Ҳисоботи тасдиқшуда ба Дархостгар фиристода мешавад.

44. Дар ҳолати бобарор арзёбӣ шудани натиҷаи санҷиш Гурӯҳи корӣ ба роҳбарияти Бонки милии Тоҷикистон Ҳисоботи Дархостгар ва хулосаи мусбии худро оид ба маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашуда, инчунин тавсияҳоро доир ба зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, пешниҳод менамояд.

45. Дар ҳолати пешбининамудаи банди 44 Низомномаи мазкур, Бонки милии Тоҷикистон ба Дархостгар бо пешниҳод намудани мактуб оид ба набудани эътироз барои дар муҳити маҳдуд татбиқи амалии маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашуда то лаҳзаи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ё таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқии нав розигӣ медиҳад.

## БОБИ 7. ҚОИДАҲОИ МАХСУСИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ

### 7.1. ТАЪМИНИ ОШКОРОГИИ РЕҶАИ МАХСУСИ ТАНЗИМ

46. Бо мақсади таъмини ошкорогии ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим, Бонки миллии Тоҷикистон дар сомонаи худ дар шабакаи Интернет феҳрасти реҷаҳои махсуси танзимро ҷойгир менамояд.

47. Ба феҳрасти реҷаи махсуси танзим иттилооти зерин дохил карда мешавад:

- номгӯи Дархостгарон;
- тавсифи мушаххаси маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда;
- таърихи баста шудани Созишномаҳо;
- таърихи оғози санҷиш таҳти реҷаи махсуси танзим;
- таърихи анҷомёбии санҷиш таҳти реҷаи махсуси танзим (инчунин дар ҳолати тамдид кардани санҷиш ишора кардани тамдиди давраи санҷиш);
- бобарор ё бебарор арзёбӣ шудани натиҷаи санҷиш таҳти реҷаи махсуси танзим, бо нишон додани таърихи қабули қарори дахлдор;
- сомонаи расмии Дархостгар дар шабакаи Интернет.

48. Иттилооти дар банди 47 Низомномаи мазкур зикршуда ба феҳраст на дертар аз рӯзи дигари корӣ, ки баъд аз рӯзи ба имзо расидани Созишнома ё қабули қарор дар бораи бобарорӣ ё бебарории санҷиш меояд, дохил карда мешавад.

### 7.2. ТАЛАБОТ ДОИР БА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

49. Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, дар раванди ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим ба Дархостгар зарур аст, ки дар суратҳисоби

муросилотии худ дар Бонки миллии Тоҷикистон маблағро дар ҳаҷме, ки гардиши миёнаи ҳаррӯзаро аз рӯи ҳамаи амалиётҳои маҳсулоти наву инноватсионии санҷидашаванда мепӯшонад, таъмин намояд.

50. Дархостгар барои қабули арзу шикоятҳои муштариён дар раванди ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим бояд хати алоқаро бо рақамҳои телефони боварӣ (маркази тамос) таъмин намояд.

51. Дархостгар дар раванди ташкил ва татбиқи реҷаи махсуси танзим бояд аз низомҳое истифода барад, ки дар онҳо ҳифзу махфияти иттилоот дар бораи муштариён таъмин карда мешавад.

**Замимаи №1**
ба Низомнома “Оид ба ташкили
реҷаи махсуси танзим”

(дар варақаи расмии Дархостгар)

**ДАРХОСТ**

Хоҳишмандем дархости моро ҷиҳати ташкили реҷаи махсуси танзим барои ________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

(номи пурра ва нишонии ҳуқуқӣ)

санҷиши маҳсулоти наву инноватсионии зеринро баррасӣ намоед:
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

(шарҳи мухтасари хизматрасонии молиявии банақшагирифташуда)

1. Шахси мутасаддӣ барои гирифтани маълумоти иловагӣ вобаста ба дархости мазкур: (ному насаб, вазифа, телефон, суроғаи электронии шахси мутасаддӣ).
2. Маълумот дар бораи мавҷуд будани Ҳамдархостгар: ( номи пурра ва нишонии ҳуқуқӣ).
3. Ба дархости мазкур замима мегардад:
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Имзои роҳбар ва муҳри ташкилот

«____» ________________ с. 20___

**Замимаи №2**
ба Низомнома “Оид ба ташкили
реҷаи махсуси танзим”

# ТАВСИФИ МАҲСУЛОТИ НАВУ ИННОВАТСИОНИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИИ МОЛИЯВӢ

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ДАРХОСТГАР**

| | |
|---|---|
| Номи пурраи Дархостгар | |
| Нишонии ҳуқуқӣ | |
| Рақами иҷозатнома барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ | |
| Таърихи додани иҷозатнома | |
| Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) | |
| Сомонаи Дархостгар дар шабакаи Интернет | |
| Департаменти/Шуъбаи масъули маҳсулоти наву инноватсионӣ | |
| Ному насаби сардори Департаменти/Шуъбаи масъули маҳсулоти наву инноватсионӣ | |
| Ному насаби шахси мутасаддии маҳсулоти наву инноватсионӣ | |
| Суроғаи электронии шахси мутасаддии маҳсулоти наву инноватсионӣ | |
| Телефони шахси мутасаддии маҳсулоти наву инноватсионӣ | |

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҲАМДАРХОСТГАР**

| | |
|---|---|
| Номи пурраи Ҳамдархостгар | |
| Нишонии ҳуқуқӣ | |
| Рақами шаҳодатнома дар бораи анҷом додани фаъолияти ташкилот/ Рақами иҷозатнома барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ | |
| Таърихи дода шудани шаҳодатнома/ иҷозатнома | |
| Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) | |
| Сомонаи Ҳамдархостгар дар шабакаи Интернет | |
| Департаменти/Шуъбаи масъули маҳсулоти наву инноватсионӣ | |

| **МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МАҲСУЛОТИ НАВУ ИННОВАТСИОНИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИИ МОЛИЯВӢ** | |
|---|---|
| Тавсифи муфассали маҳсулоти наву инноватсионӣ | *Тавсифи хизматрасонии молиявӣ.*<br>*(на беш аз 500 калима, ҳангоми зарурат мумкин аст маълумоти иловагӣ дар варақи алоҳида пешниҳод шавад)* |
| Тавсифи бизнес-раванди маҳсулоти наву инноватсионии хизматрасонии молиявӣ | *Тавсифи равандҳои корӣ (бизнес-раванд), инчунин тавсифи реҷаи(нақшавӣ) равандҳои корӣ дар шакли замима ба Маълумотнома замима мегардад.*<br>*(на беш аз 500 калима, ҳангоми зарурат мумкин аст маълумоти иловагӣ дар варақи алоҳида пешниҳод карда шавад)* |
| Тавсифи нав будани маҳсулоти наву инноватсионӣ барои бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кадом натиҷаҳои мусбиро (иҷтимоӣ, иқтисодӣ) ба даст меорад? | *Тафовути маҳсулот ва хизматрасонии пешниҳодшаванда аз дигар маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявие, ки дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Ишора ба натиҷаҳои мусбат аз хизматрасонӣ, бо дарҷ кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ (агар бошанд)*<br>*(на беш аз 500 калима, ҳангоми зарурат мумкин аст маълумоти иловагӣ дар варақи алоҳида пешниҳод карда шавад)* |

| | |
|---|---|
| Тавсифи пешниҳоди ҳамин гуна хизматрасонии молиявӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар сурати мавҷуд будан) ё ишора ба набудани чунин таҷриба | *(тавсифи мухтасари таҷрибаи расонидани чунин хизматрасонии молиявӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё ишора ба набудани чунин таҷриба) (на беш аз 500 калима, ҳангоми зарурат мумкин аст маълумоти иловагӣ дар шакли ҳуҷҷати алоҳида пешниҳод карда шавад)* |
| Тавсифи омодагии техникӣ ва технологияи истифодашаванда, ки тавассути он хизматрасонии молиявӣ пешниҳод карда мешавад | *Тавсифи омодагии техникӣ ва технологияи истифодашаванда, на зиёда аз 500 калима. (на беш аз 500 калима, ҳангоми зарурат мумкин аст маълумоти иловагӣ дар варақаи алоҳида пешниҳод карда шавад)* |
| Тавсифи хавфҳои марбут ба анҷом додани хизматрасонии молиявӣ | *(тавсифи хавф; дараҷаи хавф – паст, миёна, баланд,; усули коҳиш додани хавф) (тавсифи ҳар як хавф дар алоҳидагӣ аз рӯи сохтори дар боло зикргардида)* |
| Муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки ба пешниҳоди маҳсулоти наву инноватсионӣ бе ташкили реҷаи махсуси танзим монеа эҷод мекунанд | |
| Дигар ҳолатҳое, ки ба пешниҳоди маҳсулоти наву инноватсионӣ бе ташкил кардани реҷаи махсуси танзим монеа эҷод мекунанд. | *Агар мавҷуд бошанд, нишон дода шавад.* |

**Замимаи №3**
ба Низомнома “Оид ба ташкили
реҷаи махсуси танзим”

## НОМГӮИ НИШОНДИҲАНДАҲО БАРОИ АРЗЁБИИ БОБАРОРИИ НАТИҶАҲОИ САНҶИШИ МАҲСУЛОТИ НАВУ ИННОВАТСИОНӢ

1. **Нишондиҳандаҳои умумӣ:**
   1.1. Миқдори муштариён – шахсони воқеӣ;
   1.2. Миқдори муштариён – соҳибкорон бе ташаккули шахси ҳуқуқӣ;
   1.3. Миқдори муштариён – шахсони ҳуқуқӣ;
   1.4. Ҳиссаи муштариёни фаъол (муштариёне, ки ҳадди ақал як маротиба дар моҳи гузашта аз хизматрасонӣ истифода бурдаанд);
   1.5. Ҳиссаи муштариёне, ки аз раванди мушаххаскунӣ гузаштаанд;
   1.6. Дараҷаи қаноатмандии муштариён (дар асоси намояи қаноатмандӣ, интихоби ҷузъӣ, аз рӯи натиҷаҳои пурсиш);
   1.7. Сатҳи нархҳои хизматрасонӣ дар қиёс бо нархи ҳамин гуна хизматрасонӣ дар бозор;
   1.8. Ҳиссаи амалиётҳое, ки аз ҷониби хадамоти назорати дохилӣ шубҳанок дониста шудаанд (аз рӯи миқдори амалиёт);
   1.9. Ҳиссаи амалиётҳое, ки аз ҷониби хадамоти назорати дохилӣ шубҳанок дониста шудаанд (аз рӯи ҳаҷми амалиёт);

2. **Нишондиҳандаҳо барои лоиҳаҳои соҳаи пардохт ва интиқолҳои пулӣ:**
   2.1 Ҳаҷми амалиётҳое, ки бо истифода аз технология анҷом дода шудаанд;
   2.2. Андозаи миёнаи амалиётҳое, ки бо истифода аз як воситаи пардохт (дар давоми як моҳ) анҷом дода шудаанд- аз рӯи миқдори умумии муштариён ва дар байни муштариёни фаъол;
   2.3. Миқдори миёнаи амалиётҳое, ки бо истифода аз як воситаи пардохт (дар давоми як моҳ) анҷом дода шудаанд - аз рӯи миқдори умумии муштариён ва дар байни муштариёни фаъол;
   2.4. Миқдори воситаҳои пардохтие, ки ба муштариён пешниҳод мешаванд;
   2.5. Арзиши амалиёт барои пардохткунанда ба ҳисоби миёна;
   2.6. Арзиши амалиёт барои гиранда ба ҳисоби миёна;
   2.7. Суръати миёнамоҳонаи афзоиши ҳаҷми амалиёт;
   2.8. Таносуби ҳаҷми амалиёти анҷом додани пардохт нисбат ба амалиёти гирифтани пули нақд;
   2.9. Ҳиссаи амалиётҳое, ки муштариён мавриди баҳс қарор додаанд (миқдори амалиёт);
   2.10. Ҳиссаи амалиётҳое, ки муштариён мавриди баҳс қарор додаанд (ҳаҷми амалиёт);
   2.11. Ҳиссаи амалиётҳои баҳсангез, ки муштариён ҷуброн кардаанд (миқдори амалиёт);
   2.11. Ҳиссаи амалиётҳои баҳсангез, ки муштариён ҷуброн кардаанд (ҳаҷми амалиёт).

3. **Нишондиҳандаҳо барои лоиҳаҳои соҳаи қарздиҳӣ:**
   3.1. Ҳаҷми умумии қарзҳои (вомҳои) додашуда;
   3.2. Шумораи умумии қарзҳои (вомҳои) додашуда;
   3.4. Ҳаҷми миёнаи қарзи (вомӣ) тасдиқшаванда;
   3.5. Ҳиссаи дархостҳои тасдиқшуда барои гирифтани қарз (вом);
   3.6. Ҳиссаи муштариёне, ки мӯҳлати пардохтро гузаронидаанд;
   3.7. Андозаи миёнаи қарздорӣ аз рӯи қарзи (воми) додашуда;
   3.8. Ҳаҷми умумии қарздорӣ аз рӯи қарзи (воми) додашуда;
   3.9. Вақти миёнаи қабули қарор барои додани қарз (вом).

**Дигар нишондиҳандаҳое, ки Гурӯҳи корӣ оид ба ташкили реҷаи махсуси танзим муқаррар кардааст.**

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2019 ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 265 971 100 | 3 743 585 727 | 522 385 373 | 14,0% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 638 146 546 | 2 677 825 102 | -39 678 556 | -1,5% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 005 495 840 | 1 940 895 793 | 64 600 047 | 3,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 777 207 519 | 1 007 008 798 | -229 801 279 | -22,8% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 741 271 623 | 602 549 521 | 138 722 102 | 23,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 705 637 734 | 608 447 368 | 97 190 366 | 16,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 390 647 318 | 276 241 721 | 114 405 597 | 41,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 340 856 878 | 342 855 451 | -1 998 573 | -0,6% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 294 674 612 | 163 626 417 | 131 048 195 | 80,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 188 003 476 | 204 212 805 | -16 209 329 | -7,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 154 973 844 | 162 303 170 | -7 329 326 | -4,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 105 060 032 | 90 557 286 | 14 502 746 | 16,0% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 85 754 201 | 99 135 114 | -13 380 913 | -13,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 68 198 767 | 103 413 490 | -35 214 723 | -34,1% |
| ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон" | 21 696 391 | 32 396 036 | -10 699 645 | -33,0% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2019 ◘ ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 259 489 509 | 1 976 735 289 | 282 754 220 | 14,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 376 301 312 | 1 225 473 103 | 150 828 209 | 12,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 745 499 376 | 819 215 669 | -73 716 293 | -9,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 324 481 779 | 268 277 796 | 56 203 983 | 20,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 229 085 664 | 208 157 175 | 20 928 489 | 10,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 123 102 849 | 82 968 333 | 40 134 516 | 48,4% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 75 081 830 | 30 930 264 | 44 151 566 | 142,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 52 206 339 | 37 185 045 | 15 021 294 | 40,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 47 753 635 | 23 801 362 | 23 952 273 | 100,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 46 339 304 | 25 044 775 | 21 294 529 | 85,0% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 32 813 694 | 37 244 549 | -4 430 855 | -11,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 26 621 642 | 24 074 686 | 2 546 956 | 10,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 19 664 280 | 11 602 192 | 8 062 088 | 69,5% |
| ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон" | 17 037 713 | 28 219 189 | -11 181 476 | -39,6% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 4 792 741 | 6 360 270 | -1 567 529 | -24,6% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2019 ◘ **УҲДАДОРИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2019** | **Соли 2018** | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 860 405 303 | 3 375 102 532 | 485 302 771 | 14,4% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 927 328 243 | 2 016 714 115 | -89 385 872 | -4,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 658 842 266 | 1 623 446 722 | 35 395 544 | 2,2% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 675 285 498 | 931 058 246 | -255 772 748 | -27,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 635 929 946 | 517 241 549 | 118 688 397 | 22,9% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 577 816 863 | 506 847 647 | 70 969 216 | 14,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 288 089 638 | 291 003 971 | -2 914 333 | -1,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 279 197 162 | 178 240 762 | 100 956 400 | 56,6% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 200 055 588 | 63 484 692 | 136 570 896 | 215,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 111 211 089 | 140 058 777 | -28 847 688 | -20,6% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 70 371 043 | 80 085 042 | -9 713 999 | -12,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 53 466 862 | 38 574 391 | 14 892 471 | 38,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 47 085 194 | 53 579 680 | -6 494 486 | -12,1% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 21 346 688 | 713 928 | 20 632 760 | 2890,0% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 6 943 357 | 21 513 435 | -14 570 078 | -67,7% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2019 ◘ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 382 575 726 | 2 939 231 645 | 443 344 081 | 15,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 319 990 171 | 1 083 398 080 | 236 592 091 | 21,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 993 626 233 | 922 800 045 | 70 826 188 | 7,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 568 008 957 | 453 446 271 | 114 562 686 | 25,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 470 248 429 | 334 774 826 | 135 473 603 | 40,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 367 756 734 | 662 103 003 | -294 346 269 | -44,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 271 223 258 | 173 333 364 | 97 889 894 | 56,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 193 780 035 | 48 267 201 | 145 512 834 | 301,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 39 143 682 | 23 891 953 | 15 251 729 | 63,8% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 37 544 952 | 54 268 481 | -16 723 529 | -30,8% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 33 755 188 | 40 530 860 | -6 775 672 | -16,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 12 576 494 | 31 510 897 | -18 934 403 | -60,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 3 240 949 | 6 606 006 | -3 365 057 | -50,9% |
| Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 2 716 929 | 2 407 019 | 309 910 | 12,9% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 423 044 | 531 799 | -108 755 | -20,5% |

ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2019 САРМОЯ

| Номгӯи бонкҳо | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 710 818 303 | 661 110 987 | 49 707 316 | 7,5% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 405 565 797 | 368 483 195 | 37 082 602 | 10,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 346 653 574 | 317 449 071 | 29 204 503 | 9,2% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 127 820 871 | 101 599 721 | 26 221 150 | 25,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 111 450 156 | 98 000 959 | 13 449 197 | 13,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 105 341 677 | 85 307 972 | 20 033 705 | 23,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 101 922 021 | 75 950 552 | 25 971 469 | 34,2% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 94 619 024 | 100 141 725 | -5 522 701 | -5,5% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 84 602 801 | 82 218 128 | 2 384 673 | 2,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 76 792 387 | 64 154 028 | 12 638 359 | 19,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 52 767 240 | 51 851 480 | 915 760 | 1,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 51 593 170 | 51 982 895 | -389 725 | -0,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 46 852 079 | 102 699 562 | -55 847 483 | -54,4% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 38 669 007 | 45 555 434 | -6 886 427 | -15,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 14 753 034 | 10 882 601 | 3 870 433 | 35,6% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2019 ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 24 607 446 | 23 502 668 | 1 104 778 | 4,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 12 353 633 | 10 025 208 | 2 328 425 | 23,2% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 8 714 940 | 7 832 635 | 882 305 | 11,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 4 567 778 | 1 530 208 | 3 037 570 | 198,5% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 3 774 634 | 7 859 885 | -4 085 251 | -52,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 3 417 904 | 194 895 | 3 223 009 | 1653,7% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 2 739 844 | 1 301 049 | 1 438 795 | 110,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 2 702 791 | 719 737 | 1 983 054 | 275,5% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 1 471 534 | 1 206 176 | 265 358 | 22,0% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 891 368 | 737 529 | 153 839 | 20,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 390 458 | -1 924 816 | 2 315 274 | 120,3% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 159 288 | -256 162 | 415 450 | 162,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 53 495 | -968 383 | 1 021 878 | 105,5% |
| Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | -339 422 | 146 508 | -485 930 | -331,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | -474 832 | 683 589 | -1 158 421 | -169,5% |



# “Хониши парлумонӣ” баргузор гардид

25 апрели соли 2019 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Азизӣ бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон ва роҳбарони як қатор вазорату кумитаҳои дахлдори кишвар «Хониши парлумонӣ» дар мавзӯи «Оид ба вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар» баргузор гардид.

Аз рӯи масъалаи мазкур, дар назди вакилони Маҷлиси намояндагон муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода баромад карда, изҳор намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳими таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар, коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва зиёд намудани воридшавии андозҳо ба буҷети давлат ин рушду равнақ додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мебошад.

Дар ин робита, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём аз 26 декабри соли 2019 барои андешидани тадбирҳо ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар супоришҳои мушаххас доданд.

Дар ин раванд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” санаи 30 ноябри соли 2018 қабул гардида буд.

Баҳри иҷрои қарори мазкур дар Бонки миллии Тоҷикистон 5 маротиба (23 январ, 12 феврал, 26 феврал, 13 март ва 29 марти соли 2019) ҷаласаҳои гурӯҳи кории байниидоравӣ баргузор гардида, дар он бо иштироки ташкилотҳои қарзӣ масъалаи ба аҳолӣ фароҳам овардани имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои пулакии давлатӣ ва мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт муҳокима гардиданд.

Айни замон, ташкилотҳои қарзии ватанӣ, аз қабили ҶСК ТАҚХ “Алиф Сармоя”, ҶСП ТАҚХ “Ҳумо”, БДА ҶТ «Амонатбонк», ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”, ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити”, ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” ва дигарҳо дар фаъолияташон технологияҳои муосири пардохтиро, ба монанди бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электронӣ ҷорӣ намуда, тавассути онҳо ба муштариён имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро фароҳам оварда истодаанд. Инчунин, ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати ҳавасманд намудани муштариён барои истифодаи бештари воситаҳои электронии пардохтӣ

ҳаққи хизматрасониҳоро ба таври назаррас кам намуда, ба муштариён барномаҳои бонусӣ, кэшбэк, пардохти фоиз аз амалиётҳои гузаронидашуда ва дигар роҳу имкониятҳои ҳавасмандгардониро пешниҳод намуда истодаанд.

Вазорату идораҳои давлатӣ низ оид ба ҷорӣ намудани технологияи муосир барои пардохти ғайринақдии хизматрасониҳо ва корҳо тадбирҳои зарурӣ андешида, аллакай пардохти ғайринақдии ҳаққи истифодаи қувваи барқ, об, хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, алоқа, як қатор андозҳо ва дигар намудҳои хизматрасонӣ татбиқ карда шудаанд.

Аз ҷумла, Вазорати адлия барои пардохти ғайринақдии хизматрасониҳо POS-терминалҳои электрониро дар 10 сохторҳои зертобеи худ — хонаҳои ақди никоҳ, бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва идораҳои нотариалии давлатии ш.Душанбе ва ноҳияҳои он насб намуд.

Вазорати корҳои дохилӣ дар ҳамбастагӣ бо БДА ЧТ "Амонатбонк" барои қабули ҳаққи хизматрасониҳои пулакии Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ, ки зиёда аз 60 намуди хизматрасониҳоро дар бар мегирад, дар 3 нуқтаи шаҳри Душанбе ва 2 нуқтаи шаҳри Хуҷанд POS-терминали электрониро насб намудааст.

Дар баробари ин, чунин имкониятро Кумитаи андоз низ фароҳам оварда, айни замон андозсупорандагон метавонанд бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии бонкӣ маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, воситаҳои нақлиёт ва бочи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ("Корти миллӣ" ва Visa) тавассути сомонаи Кумита дар шабакаи Интернет пардохт намоянд.

Инчунин, Кумитаи андоз 200 адад терминалҳои электрониро харидорӣ намуда, онҳоро бо барномаи махсус муҷаҳҳаз гардонидааст ва тавассути онҳо андозсупорандагон дар минтақаҳо метавонанд андозҳои маҳаллиро бо истифода аз кортҳои бонкӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт намоянд.

Шоистаи зикр аст, ки бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз соли 2018 пардохти хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе ба таври ғайринақдӣ амалӣ шуда истодааст. Ба санаи 31 марти соли 2019 аз ҷониби ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити" ба муомилот 274 168 адад кортҳои пешпардохти нақлиётӣ бароварда шуда, тавассути онҳо дар семоҳаи якуми соли 2019 ҳаққи хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ ба маблағи зиёда аз 7,3 млн. сомонӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт карда шуданд. Иқдоми мазкур ҳамчун саҳми бузурги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар кишвар арзёбӣ мегардад.

Ба санаи 1 апрели соли равон миқдори умумии кортҳои пардохтии аз ҷониби 20 ташкилоти қарзии ватанӣ ба муомилот баровардашуда 2 133 870 ададро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24,4 фоиз зиёд мебошад. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар маҷмӯъ 679 адад банкомат ва 4 435 адад терминалҳои электронӣ насб карда шудааст. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи банкоматҳо бетағйир монда, шумораи терминалҳои электронӣ 853 адад ё 30 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2019 дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ 8,4 млн. адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 173,1 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 аз рӯи шумора 36 маротиба ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 77 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра таносуби амалиётҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 93,4 фоиз ба 6,6 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ амалиётҳои ғайринақдӣ 2,3 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Дар анҷоми «Хониши парлумонӣ» байни вакилони Маҷлиси намояндагон ва кормандони масъули соҳа саволу ҷавоб ва музокираҳои судманд баргузор гардид.

**http://parlament.tj/news/xonishi-parlumonӣ-barguzor-gardid-5/**

# Гурӯҳи корӣ ва усулҳои танзими сиёсати фоизии ташкилотҳои қарзӣ

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Протоколи ҷаласаи XVII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" аз 30 январи соли 2017 дарҷ гардидаанд, бо Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон 24 октябри соли 2017 Гурӯҳи корӣ "Оид ба муайян кардани арзиши қарз" таъсис дода шуда буд.

Дар баробари иҷрои супоришҳои ба зиммааш гузошташуда Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо намояндагони марбутаи ташкилотҳои қарзӣ зимни омӯзиш ва таҳлили вазъи воқеии муносибатҳое, ки дар рафти ташкили хизматрасониҳои қарзӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, таъсири бевоситаи он ба ҷараёни рушди иқтисодиёти кишвар, бо мақсади рушди соҳибкорӣ ва сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, инчунин ба тартиб даровардани фаъолияти низоми ташкилотҳои қарзиро як қатор корҳои тадқиқотиро анҷом дод, ки дар натиҷа камбудӣ, монеа ва хатогиҳои зиёди ташкилотҳои қарзӣ ошкор гаштанд.

Яке аз камбудиҳои ҷиддие, ки ҳангоми гузаронидани тадқиқот аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ошкор гардид, ин, метавон гуфт, умуман вуҷуд надоштани сиёсати фоизӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад, ки он аз нодуруст ба роҳ мондани стратегияи фаъолияти ташкилотҳо шаҳодат медиҳад.

Тавре аён аст, сиёсати фоизӣ маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки барои ба танзим даровардани муносибатҳои молиявӣ байни ташкилоти қарзӣ ва муштариён ба амал меояд, андешида мешавад. Сиёсати фоизӣ барои муайян кардани даромадҳои ояндаи ташкилот, бо назардошти хароҷот вобаста ба қарз ва хавфҳои қарзӣ баҳри ҳимоя ва идоракунии пардохтпазирӣ истифода бурда мешавад. Дар ниҳояти кор мақсади калидии он таъмин намудани суботи молиявии низоми бонкӣ ба шумор меравад.

Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои дар назди ин ё он ташкилот гузошташуда, яъне ба даст овардани даромад, ташкилоти қарзӣ сараввал бояд стратегияи молиявии худро муайян сохта, усули баҳисобгирии дақиқи муайян намудани арзиши қарзро ба роҳ монад.

Мақсадҳои асосии сиёсати фоизӣ инҳоянд:

- паст кардани хавфи фоизӣ;
- мусоидат барои ба даст овардани фоида ва ташкили шароити мусоид барои гирифтани он дар оянда;
- таъмини робитаи мутақобила ва мутобиқат байни ташкилотҳои қарзӣ бо муштариён дар самти амалиётҳои амонатӣ ва қарзӣ;
- нигаҳдории пардохтпазирӣ.

Муқаррар кардани фоизи амонату қарз ҷузъи асосии фаъолияти қарзии ташкилотҳои қарзӣ буда, элементи назарраси даромаднокии бонк ба ҳисоб меравад. Ҳангоми муқаррар кардани фоизи қарз як қатор омилҳо ба инобат гирифта мешавад, ки он ба хароҷоти амалиётӣ (арзиши манбаи қарз, музди меҳнат, хароҷоти комуналӣ, алоқа, хароҷоти фарсоишӣ ва истеҳлоқ ва хароҷоти фоизӣ), инчунин хароҷоти ғайриамалиётӣ (ФПТИ, андоз, ХСПШВ, захираҳои ҳатмӣ, хароҷоти конселярӣ, иҷора, ҳамлу нақл, хароҷоти сӯзишворӣ, қувваи барқ, маркетинг, БҚИТ ва хароҷоти дигар) таъсир мерасонад.

Дар назар доштан зарур аст, ки маблағҳои захираҳои ҳатмӣ ва ФПТИ ҳамчун нишондиҳандаи хароҷоти бевоситаи стандартӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар соли 2018 муайян карда шуд, ки фоизи қарз бояд пас аз баҳодиҳӣ ва муайянсозии арзиши ҳар як номгӯи хароҷот муқаррар карда шавад.

Дар робита ба ин, Гурӯҳи корӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқот омилҳои таъсиррасонро ба арзиши аслии қарзи ташкилотҳои қарзӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи услуби муқарраршуда муайян намуд.

Дар муайян сохтани арзиши қарз ҳиссаи бештарро хароҷоти музди меҳнат, хароҷоти фоизӣ, хароҷоти андоз, хароҷоти вобаста ба иҷора, хароҷоти сӯзишворӣ ва дигар хароҷоти ғайримақсаднок ташкил медиҳад. Дар бахши дигар хароҷоти ғайримақсаднок хароҷоти маишӣ қисмати зиёдро ташкил дод, ки он аз ғайрисамаранок истифода бурдани маблағҳо дарак медиҳад

Ташаккули босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳаёти иқтисодии замони муосир ҳарчи зудтар беҳтар намудани фазои муносибатҳои пулию молии байни субъектон, дастгирӣ ва мусоидат ба фаъолияти қарздиҳӣ ва ба ин



васила таъмини рушди иқтисодро талаб менамояд. Яқин аст, ки ин кор танҳо тавасути ба роҳ мондани сиёсати дурусти ташкилотҳои қарзӣ дар самти ҷонок намудани муносибатҳо бо аҳолӣ татбиқ гашта метавонад.

Ин амал дастгирии амалии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла рушди соҳаҳои саноат, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва рушди деҳот равона гардидааст, ба ҳисоб меравад ва татбиқи сиёсати фоизиро ҳамчун омили таъсиррасони рушди иқтисодиёти кишвар талаб менамояд.

Марҳилаи дуюми фаъолияти босамари Гурӯҳи кории Бонки миллии Тоҷикистон барои муайян намудани усулҳои танзими сиёсати фоизии ташкилотҳои қарзӣ равона гаштааст, ки дар амал ҷорӣ шудани он дар ҳамгироии якдигар татбиқ мегардад.

Гурӯҳи корӣ фаъолияти худро дар ин самт соли 2019 идома дод. Бо ин мақсад 1 марти соли 2019 Гурӯҳи корӣ мизи мудавварро таҳти унвони "Муайян намудани усулҳои танзими сиёсати фоизӣ дар низоми бонкӣ" бо иштироки роҳбарони воҳидҳои сохтории БМТ, намояндагони Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд (АМФОТ), бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд баргузор намуд.

Дар ҷараёни гузаронидани ҳамоиши номбурда доир ба зиёд намудани ҳаҷми қарз ба бахши хусусӣ, махсусан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, беҳтар кардани сифати сандуқи қарзӣ, кам намудани қарзҳои ғайрифаъол бо мақсади нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ, беҳтар гардидани сатҳу сифати хизматрасониҳо, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо, вусъат бахшидани амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани он, инчунин вусъат бахшидани кор ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ, ки он яке аз масъалаҳои мубрами соҳа ба ҳисоб меравад гуфтушунид гузаронида шуд.

Тавре аз нишондиҳандаҳои оморӣ бармеояд, марҳила ба марҳила вусъат ёфтани амалиётҳои амонативу қарзӣ ба назар мерасад. Барои мисол, дар соли 2018 ҳаҷми қарзҳои додашуда ба 8,2 млрд. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2017 қарзҳои додашуда ба маблағи 500 млн. сомонӣ афзуданд. Фоизи миёнавазни қарз дар соли 2018 бо пули миллӣ 26 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 17,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2017 бо пули миллӣ 2,2 б.ф. ва бо асъори хориҷӣ 3,9 б.ф. коҳиш ёфт.

Дар моҳҳои январ-феврали соли 2019 ҳаҷми қарзҳои додашуда маблағи 1,3 млрд. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 319,5 млн. сомонӣ афзуд. Фоизи миёнавазни қарз моҳҳои январ-феврали соли 2019 бо пули миллӣ 25,9 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 15,8 фоизро ташкил намуд, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 бо пули миллӣ 1,6 б.ф. ва бо асъори хориҷӣ 2,0 б.ф. коҳиш ёфт.

Гурӯҳи корӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои сиёсати фоизии ташкилотҳои қарзӣ мунтазам мониторинг мегузаронад ва ба унвони роҳбарият ҳисобот пешниҳод менамояд.

Қайд кардан бомаврид аст, ки барои таъмини пурраи иқтисодиёт бо қарзҳои дастрасу дарозмуҳлат амалӣ намудани танҳо тадбирҳои сиёсати пулию қарзӣ ҳанӯз нокифоя буда, дар баробари он андешидани чораҳои самаранок дар самти истифодабарии сиёсати андоз барои беҳтар кардани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ, ҷалби захираҳои дохилию хориҷӣ ва сармоягузориҳои мустақим низ зарур мебошанд.

**Гурӯҳи кории БМТ "Оид ба муайян кардани арзиши қарз"**

# Бонкдории исломӣ: **назария ва амалия**

Дар ибтидо месазад зикр намуд, ки дар умум институти бонкдорӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти молиявии ҷомеа арзи ҳастӣ менамояд. Маҷозан ин созмонро ба корде ташбеҳ додан мумкин аст, ки метавон онро барои забҳи ҳайвонот ба манфиати инсонҳо истифода бурд ва ё барои анҷом додани амали бад – куштори инсонҳо.

Бонкдории анъанавӣ бо фарҳанг ва арзишҳои кишварҳои аврупоӣ пас аз омадани намояндагони ин мамлакатҳо ба давлатҳои мусалмоннишин дар ин минтақаҳо ҷорӣ гардид. Ҳамзамон бо ба даст овардани истиқлолият кишварҳои мусалмоннишин тадриҷан аз ҳама намуди тобеият озод гардиданд, ба ҷуз тобеияти иқтисодӣ ва сабабаш набудани ташкилотҳои молиявии алтернативӣ маҳсуб дониста мешавад. Дар робита ба ин, донишмандони ҷаҳони ислом дар асоси фиқҳи исломӣ, бонкдории алтернативиро пешкаш намуданд.

Агар вазифаи бонкҳои анъанавӣ миёнаравии молиявӣ ва даромади онҳо



**Айёмуддин Азизов,**
мутахассиси пешбари шуъбаи назорати бонкдории исломӣ, Департаменти назорати бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон

Бонкҳои исломӣ ҳеҷ гоҳ аз қарз фоида гирифтанро ҷонибдорӣ наменамоянд, бинобар ин, қарздиҳӣ (маблағгузорӣ) дар бонкдории исломӣ тавассути аҳди муробаҳа сурат мегирад.

бо роҳи гирифтани фоиз (рибо) бошад, пас тибқи принсипҳои бонкдории исломӣ шахс метавонад, дар асоси маҳсулотҳои иҷора ва истиснoъ миёнарави молиявӣ гардад. Роҳ ё василаи дигар ин аст, ки дар асоси маҳсулотҳои бонкии салам ва муробаҳа хариду фурӯши насия намояд ва агар шахсе мехоҳад сармоягузорӣ намояд, пас инро дар асоси маҳсулотҳои бонкии мушорака ва вакола метавонад амалӣ созад.

Пеш аз оғози фаъолияти бонкдории исломӣ, баъзе аз мусалмонҳо зимни истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ маҳдудиятҳо доштанд. Дар қиёс бо бонкдории анъанавӣ, бонкдории исломӣ дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ, аз қабили дурӣ аз рибо, ҳила ва барои рушди ҷанбаи маънавии соҳибкорӣ монанди адолат, инсоф ва шаффофият фаъолият менамояд. Баръакси низоми бонкдории анъанавӣ, ки пулро ҳамчун дигар молҳо қобили тиҷорат медонад, низоми бонкдории исломӣ пулро танҳо миёнарави мубодилавӣ медонад. Бонкдории исломӣ пулро ҳамчун беарзиши воқеӣ медонад, чунки эҳтиёҷоти инсонҳоро мустақиман қонеъ намегардонад, баръакси мол, ки эҳтиёҷоти инсонро мустақиман қонеъ мегардонад. Бонкҳои исломӣ дар асоси принсипҳои

маблағгузории исломӣ (фиқҳи муомилот), фаъолият менамоянд. Бонкдории исломӣ дорои 3 хусусияти фарқкунанда мебошанд:

а) озод будан аз фоиз (рибо);

б) дар баробари мақсадҳои тиҷоратӣ доштани мақсадҳои хайриявӣ, иҷтимоӣ;

в) ба самти дороиҳо равона будани сармоягузорӣ.

Ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ амал менамоянд, сармоягузорӣ ба қимор, машруботи спиртӣ ва монанди инҳоро ғайриахлоқӣ дониста аз ингуна амалҳо худро канор гирифта, ба масъалаҳои ахлоқӣ аҳамият дода, адолат ва шаффофиятро ба эътибор мегиранд. Тавре, ки дар боло қайд кардем, ҳадаф аз ба роҳ мондани бонкдории исломӣ, танҳо ба дастовардани фоида набуда, балки ҳимояи манфиатҳои мизоҷон низ ба назар гирифта мешавад. Яъне, баръакси бонкҳои анъанавӣ, ки бештар дар бораи фоидаи (суд)-и ба даст меомада фикр мекунанд, мебошад.

Қарздиҳӣ бо фоиз (рибо) ба бонкҳои исломӣ дуруст нест, ингуна сармоягузорӣ ғайриҷолиб баҳисоб меравад, аз ин рӯ, бонкдории исломӣ тавассути иштирок дар ширкатҳо мустақиман ё тариқи ширикӣ ё бо дигар роҳҳо рушд меёбад. Фаъолиятҳои сармоягузории бонкҳои исломӣ ба самтҳои иқтисоди воқеӣ равона гардида, фаъолияти сармоягузорӣ одатан ба сармоягузории дороиҳо, сармоягузорӣ дар тиҷорат ва амволи ғайриманқул наздик мебошад.

Бонкҳои исломӣ ҳеҷ гоҳ аз қарз фоида гирифтанро ҷонибдорӣ наменамоянд, бинобар ин, қарздиҳӣ (маблағгузорӣ) дар бонкдории исломӣ тавассути аҳди муробаҳа сурат мегирад. Агар бонкҳои анъанавӣ ба бозгашти амонатҳо ва даромади онҳо кафолат диҳанд, пас бонкҳои исломӣ на танҳо барои гирифтани даромад кафолат намедиҳанд, балки бозгашти маблағро низ кафолат дода наметавонанд, чунки принсипи фаъолияти бонки исломӣ ниҳоят шаффоф буда, дар тақсимоти фоида/зарар асос ёфтааст. Дар чаҳорчӯбаи бонкдории исломӣ, бонк амонатҳоро аз аҳолӣ дар асоси тақсими фоида/зарар ҷалб намуда ва ба муштариён (ширкатҳо ё шахсҳо) аз рӯи ҳамин принсип тақсим менамояд. Ташкилотҳои қарзии исломӣ дар асоси тақсими фоида/зарар таъсис меёбанд ва саҳмдорони ин ташкилотҳо дар тиҷорати бонк шарик мебошанд.

Аз ҷониби дигар бонкҳои исломӣ назар ба бонкҳои анъанавӣ хавфи баланди пардохтпазирӣ доранд. Хавфи баланди пардохтпазирии бонкҳои исломӣ, инчунин ба суботи иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Агар иқтисод собит бошад, хавф кам мешавад, дар акси ҳол он зиёд мегардад.

Тибқи қонуни бонкдории исломӣ барои дуруст будани Шартномаҳо бояд 3- унсур ҷой дошта бошад: хавф (ғурм), кору кӯшиш (ихтиёр) ва уҳдадорӣ (заман). Дар ҳолати маблағгузории ба принсипи судхӯрӣ асосёфта, як ё якчанд аз ин унсурҳо нодида гирифта мешаванд, ки тибқи принсипҳои исломӣ нодуруст ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати бастани шартномаи қарзи оддӣ (бонки анъанавӣ), бонк кафолат дорад, ки сармояи ба қарздодаи ӯ бо фоизаш бе ба дӯш гирифтани ягон хавф бармегардад. Аз ин рӯ, низоми бонкдории исломӣ дар ҳама ҳолатҳои бо бонк ё бо муштарӣ руҳдода, дар ҳолати бохт ва бурд бо муштарии худ шарик буда, тамоми хавфҳоро бо муштарӣ ҳамроҳ бар зима мегирад.

Оид ба ду принсипи дигаре, ки дар бонкдории исломӣ манъ мебошанд, мухтасаран дар ин ҷо шарҳ медиҳем.

## ПРИНСИПИ МАНЪ БУДАНИ ҒАРАР (НОМУАЙЯНӢ)

Одатан ҳолатҳои номуайянӣ ҳангоми бастани шартномаҳо вуҷуд дорад, аз ин рӯ, олимон ғарарро ба ду қисм тақсим намудаанд: Ғарари хурд ва ғарари калон.

Ғарари хурд: ин як навъи ғараре мебошад, ки тарафҳои шартнома ба он эътибори ҷиддӣ намедиҳанд ва барои татбиқи шартнома монеа эҷод наменамояд, бештари шартномаҳое, ки дар онҳо ғарари хурд вуҷуд дорад, характери хайриявӣ доранд.

Ғарари калон: Ибни Рушд чунин ҳолатҳоро ба ғарари калон нисбат додааст:

- номуайянӣ оид ба объек-

ти шартнома;
- номуайянӣ оид ба нархи хариду фурӯш;
- номуайянӣ оид ба вуҷуд доштани моли мавриди шартнома қарордошта ё қобилияти дастрас намудани он.

### ПРИНСИПИ МАНЪ БУДАНИ ҚИМОРБОЗӢ Ё ҲАННОТӢ (ҶАЛЛОБӢ)

Тибқи бонкдории исломӣ амалиёте, ки дар асоси қимор ё ҳаннотӣ ба вуҷуд меояд, манъ аст. Ин маънои онро надорад, ки қонуни Шариат ба дӯш гирифтани хавфро ба назар намегирад. Баръакс, принсипҳои маблағгузории исломӣ барои сармоягузорӣ бисёр мусоидат намуда, муҳити хавфҳоро ба таври зарурӣ пеш аз сармоягузорӣ меомӯзад. Аз ташкилотҳои қарзии исломӣ талаб карда мешавад, ки хавфи ҳаҷми бозгашт, хавфи мутобиқат накардан ба принсипҳои маблағгузории исломӣ, гузариши хавфи тиҷоратӣ ва хавфи сармоягузориро муайян намоянд.

### МОНАНДӢ БАЙНИ БОНКДОРИИ АНЪАНАВӢ ВА БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ

Бонкҳои исломӣ низ ба монанди бонкҳои анъанавӣ фаъолияти худро барои ба даст овардани фоида равона мекунанд, бо вуҷуди он ки ин ҳадафи ягонаи онҳо намебошад. Аз ин рӯ, онҳо ба соҳаҳое сармоягузорӣ менамоянд, ки имконияти ба даст овардани фоидаи бештарро доранд. Дар умум бонкҳои исломӣ амалиёти бонкии анъанавиро амалӣ месозанд, аммо услуби (методи) фаъолияти бонки исломӣ аз бонки анъанавӣ фарқ мекунад.

Дар низоми бонкдории анъанавӣ, Бонк маблағҳоро бо суди камтар аз амонатгузорон қабул намуда, баъд аз он, ин маблағҳоро ба муштариён бо фоизи баландтар қарз медиҳад, фарқи байни маблағҳои гирифта ва маблағҳои ба қарз додашуда фоидаи Бонк ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати бонкдории исломӣ ин ҳолат бо он фарқ менамояд, ки пул предмети шартнома қарор дода намешавад ва аз пул фоида ба даст намеояд, бояд пул дар натиҷаи сармоягузорӣ ва заҳмат фоида орад. Аз инрӯ, сармоягузорон дар бонкҳои исломӣ баръакси бонкҳои анъанавӣ дарҳол ба соҳиби сармоя даромад намеоранд. Фоидаи дар назардошташуда барои бонки исломӣ ба рушди тиҷорат ва даромад аз он вобастагии зич дорад. Баъзе донишмандон зарарҳои иқтисодӣ ва сабабҳои мамнуъ будани рибо (судхӯриро) чунин шарҳ медиҳанд, ки он яке аз сабабҳои пешакии болоравии нархи маҳсулот гашта, ба пешрафти истеҳсолот халал ворид менамояд.Тамоюли арзиши баланд, тавозуни баланди нархҳоро нишон дода, ба камшавии ҳаҷми истеҳсолот оварда мерасонад. Бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ натиҷаи низоми судхӯрӣ буда, доираи тиҷоратӣ низ аз ин падидаи судхӯрӣ камтар аз бӯҳрони пулии ҷаҳонӣ таъсир надидааст. Таъкиди гуфтаҳои боло дар он аст, ки ҳатто дар иқтисоди бозаргонӣ суд чун фишанги таъсирбахши сиёсати пулӣ, омили муҳим чун амонат ва сармоя ба ҳисоб намеравад . Судхӯрӣ дар қарздиҳӣ ва қарзгирӣ байни шахсҳо, байни шахсҳо ва ташкилотҳо, байни ташкилотҳо, байни ташкилотҳо ва давлат, байни давлат ва шахсҳо манъ мебошад. Манъи суд дар Ислом маънои беарзиш будани сармояро надорад. Ислом сармояро ҳамчун омили рушди истеҳсолот мешуморад, аммо даромади барзиёд ва пешакӣ муайяншударо дар шакли суд иҷозат намедиҳад. Бинобар ин,дар низоми бонкдории исломӣ услуби тақсими фоида/зарар беҳтарин роҳ барои ба даст овардани самаранокӣ ба ҳисоб меравад.

# Приоритеты новаций в законодательстве о залоге движимого имущества



Практика стран с развивающейся экономикой свидетельствует о том, что одним из наиболее востребованных продуктов, способствующим стабилизации и последовательному подъему реального сектора экономики является доступность к инвестиционным ресурсам.

В сложившихся экономических реалиях Таджикистана среди источников инвестиционных ресурсов наиболее доступными являются кредиты, предоставляемые потребителям кредитными организациями.

Кредитные организации, осуществляя непосредственное кредитование реального сектора экономики, прежде всего, заинтересованы в проведении активных операций и быстрой оборачиваемости кредитных ресурсов. При этом их естественным стремлением является сведение до минимума риска возможных потерь.

Анализ, сложившейся в Таджикистане практики, показывает, что из действующих способов обеспечения исполнения кредитных обязательств, предусмотренных статьей 354 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, наибольшее пред-

почтение отдается такому, как залог.

Объясняется это тем, что предмет залога, как правило, в стоимостном выражении не бывает ниже стоимости кредита и в течение всего периода действия кредитного соглашения фактически имеется в наличии. Кроме того, если предмет залога является высоколиквидным, то кредитор имеет возможность обеспечить полноту взыскания всех причитающихся ему платежей по выданному кредиту за счет его оперативной реализации.

Помимо Гражданского кодекса, залоговые отношения регулируются специальными законами и, в частности, Законом Республики Таджикистан «О залоге движимого имущества» от 1 марта 2005 года № 93 (в редакции Закона РТ от 26.07.14 года № 1117).

Анализ показал, что в целом положения названных законов отвечали стандартам, принятым в международной практике. Вместе с тем, следует отметить имевшиеся в них недостатки, оказывавшие негативное влияние на инвестиционный климат в стране.

Залог, как обеспечительная функция, затрагивает интересы двух и более сторон. Безусловно, что важно обеспечить баланс интересов всех сторон. Однако при регулировании залоговых отношений наиболее важными являются отношения между кредитором и залогодателем.

Связано это с тем, что, прежде всего, они влияют на уровень стабильности кредитных отношений и повышают уровень доступности финансовых ресурсов.

Именно в этом направлении действовавшие правовые механизмы регулирования имели ряд существенных упущений, которые повышали уровень риска для кредиторов.

Среди упущений можно выделить такие основные компоненты как:

- непрозрачность существующей системы определения очередности прав кредиторов на возмещение ущерба за счет залогового имущества;
- крайне сложный механизм обращения взыскания на предмет залога.

В целях решения названных проблем Национальным банком Таджикистана была сформирована Рабочая группа из числа представителей органов исполнительной власти и банковского сообщества. В течение всего периода деятельности Рабочей группе оказывалась серьезная поддержка техническими и интеллектуальными ресурсами со стороны Международной Финансовой Корпорации (Всемирный Банк)

Основными задачами Рабочей группы были анализ существующей системы правового регулирования отношений, связанных с использованием движимого имущества в качестве предмета залога, и выработка рекомендаций по ее совершенствованию.

Произведенным анализом были выявлены конкретные аспекты правового регулирования, которые в силу высокой рискоориентированности создавали препятствия для облегченного доступа бизнеса к источникам финансовых ресурсов в виде кредитов.

Так по первому компоненту статьей 65 Гражданского кодекса Республики Таджикистана было предусмотрено, что при ликвидации юридического лица требования кредиторов по обязательствам, обеспеченным залогом имущества ликвидируемого юридического лица, подлежали удовлетворению лишь в третью очередь.

Установление законом правила, по которому обеспеченные залогом требования кредиторов удовлетворяются лишь в третью очередь, повышает риск не возврата выданного кредита, что зачастую становится не-

> Кредитные организации, осуществляя непосредственное кредитование реального сектора экономики, прежде всего, заинтересованы в проведении активных операций и быстрой оборачиваемости кредитных ресурсов. При этом их естественным стремлением является сведение до минимума риска возможных потерь.



**Сайисмонов Рахматшо,**
Заместитель председателя Ассоциации Банков Таджикистана

преодолимым препятствием для заемщика. Международная практика показывает, что обеспеченные залогом требования кредиторов удовлетворяются в первую очередь.

Исходя из результатов анализа и сложившейся наилучшей мировой практики, была выработана рекомендация, согласно которой для устранения опасений кредиторов, связанных с возможностью ненадлежащего исполнения или неисполнения кредитного обязательства заемщиком, было бы вполне приемлемым удовлетворение обеспеченных залогом требований кредиторов поставить в первую очередь, наравне с удовлетворением требований граждан, перед которыми ликвидируемое юридическое лицо несет ответственность за причинение вреда жизни и здоровью, путем капитализации соответствующих повременных платежей.

Еще одной проблемой очередности удовлетворения обеспеченных залогом требований кредиторов являлась существовавшая система регистрации залоговых обязательств. Важность четкой регламентации системы регистрации залога не вызывает сомнения, так как это предопределяет защиту интересов кредитора, когда один и тот же предмет залога используется в качестве обеспечения по нескольким обязательствам.

Действовавшая система регистрации залога, осуществлявшаяся исключительно в письменной форме, требовала значительных временных затрат как в процессе регистрации, так и получения подтверждения о регистрации.

Учитывая, что приоритет на удовлетворение требований кредиторов, обязательства перед которыми обеспечены одним и тем же предметом залога, определяется датой регистрации залога, была выработана рекомендация о целесообразности внедрения такой системы регистрации залога, которая основывалась бы на современных технологиях (интернет) и была доступна для пользователей в круглосуточном режиме.

Наиболее болезненно со стороны кредиторов воспринимался действовавший механизм обращения взыскания на предмет залога. Как правило, пользуясь предоставленным действующим законом правом, залогодатель даже в случаях, когда не оспаривал долг по кредитному договору, доводил вопрос об удовлетворении требований кредитора за счет залогового имущества до судебного разбирательства. При этом кредиторы дополнительно несли как временные, так и материальные затраты. Выражается это в том, что судебные процессы, как показало изучение практики, длились в течение длительного времени и кредиторы вынуждены были отвлекать своих работников на участие в этих процессах, а также нести дополнительные расходы по найму адвокатов. Более того, сумма долга в течение длительного времени оказывалась изъятой из оборота кредитной организации, что сокращало возможности по их использованию для дальнейшего кредитования нуждающихся в этих средствах предпринимателей.



**Ким Валерий Александрович,**
Начальник юридического Департамента Ассоциации Банков Таджикистана

Назрела необходимость в создании механизма, который позволил бы обеспечить максимальную оперативность про-

ведения процедуры обращения взыскания на предмет залога.

В целях реализации этой задачи были выработаны следующие рекомендации:

1). Ввести четко регламентированный механизм обращения взыскания на предмет залога во внесудебном порядке, особенно в части, касающейся принудительного исполнения залогового обязательства на основании исполнительной надписи нотариуса. В частности, это можно сделать, введя в закон оговорку о том, что обращение взыскания на предмет залога осуществляется на основании исполнительной надписи нотариуса в случае, если это оговорено в договоре залога и если он зарегистрирован нотариусом.

2). Относительно судебного порядка, помимо действующего общего порядка рассмотрения споров, внедрить упрощенную систему обращения взыскания на предмет залога. Так, если отсутствует спор по основному долгу, вопрос об обращении взыскания на предмет залога для его возмещения можно было бы решать путем выдачи судебного приказа в течение трех дней с даты получения заявления кредитора.

3). Упростить порядок реализации предмета залога.

На основе проведенного анализа и выработанных рекомендаций были разработаны проект Закона Республики Таджикистан «О залоге движимого имущества и регистрации обеспеченных обязательств», а также проекты законов о внесении изменений и дополнений в ряд законодательных актов.

Основными новациями в принятых законах являются положения, которые направлены на обеспечение сбалансированности механизмов защиты интересов, как кредиторов (залогодержателей), так и заемщиков (залогодателей).

Так, в статью 65 Гражданского кодекса Республики Таджикистан внесено изменение, предусматривающее, что при ликвидации юридического лица требования кредиторов, обязательства перед которыми обеспечены залогом, подлежат удовлетворению в первую очередь наравне с требованиями граждан, перед которыми ликвидируемое юридическое лицо несет ответственность за причинение вреда жизни и здоровью, путем капитализации соответствующих повременных платежей.

> Совершенствование правового регулирования порядка реализации предмета залога заключается в том, что теперь закон допускает реализацию предмета залога путем проведения частных торгов. По сути это означает, что кредитору представлено право самостоятельно реализовать залоговое имущество в качестве организатора торгов.

В главе 2 Закона Республики Таджикистан «О залоге движимого имущества и регистрации обеспеченных обязательств» с учетом рекомендаций Рабочей группы закреплен более упрощенный и в то же время более совершенный механизм регистрации залоговых уведомлений. В практическом аспекте параметры регистрации залоговых уведомлений заключаются в том, что она будет осуществляться регистрирующим органом в круглосуточном режиме, то есть будет обеспечен доступ всем заинтересованным лицам для регистрации залоговых уведомлений, внесения в них изменений и их прекращения в режиме реального времени через интернет. Кроме того пользователи могут производить поиск информации о должнике по ИНН и регистрационному номеру должника.

Единый государственный реестр обеспеченных обязательств будет одновременно исполнять две функции:

1). Информационного табло для кредиторов при изучении потенциальных заемщиков и залогодателей на предмет их благонадежности.

2). Выступать официальным документом, порождающим юридический факт, при возникновении необходимости опре-

деления очередности удовлетворения требований кредиторов за счет обращения взыскания на один и тот же предмета залога.

Одним из важнейших новаций в законодательстве является дополнение процессуальных законов страны, регламентирующих порядок обращения взыскания на предмет залога.

Так, в Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан и Экономический процессуальный кодекс Республики Таджикистан были внесены изменения, которые предусматривают упрощенный порядок рассмотрения споров, связанных с обращением взыскания на предмет залога. В частности, в соответствии с нововведениями при возникновении оснований для обращения взыскания на предмет залога кредитор обращается в суд с заявлением, в котором указывает основания для обращения взыскания на предмет залога и идентификационные признаки имущества залогодателя, являющегося предметом залога.

По получении заявления суд обязан рассмотреть его в трехдневный срок и, в случае признания обоснованности требований кредитора, вынести приказ об их удовлетворении. При этом для принятия решения по существу дела суду нет необходимости в проведении судебного процесса и вызове сторон спора. После вынесения приказа суд обязан в течение суток направить его сторонам для исполнения. Следует отметить, что залогодатель не лишается права обжаловать судебный приказ в десятидневный срок. В случае, если залогодатель не обжаловал судебный приказ о передаче залогового имущества кредитору, приказ подлежит немедленному исполнению.

Совершенствование правового регулирования порядка реализации предмета залога заключается в том, что теперь закон допускает реализацию предмета залога путем проведения частных торгов. По сути это означает, что кредитору представлено право самостоятельно реализовать залоговое имущество в качестве организатора торгов.

В частности, это вытекает из дополнения в статью 201 Закона Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве», согласно которому залоговое имущество подлежит изъятию у залогодателя и передаче кредитору, на которого возлагается обязанность добросовестно принять меры к реализации предмета залога таким образом, чтобы это было выгодно для всех заинтересованных сторон.

Существенным условием, обеспечивающим защиту интересов кредиторов по обеспеченным сделкам, также является дополнение в Закон Республики Таджикистан «О несостоятельности (банкротстве)». В соответствии со статьей 771, дополненной в названный Закон, движимое имущество, представленное в качестве обеспечения обязательства, подлежит выделению из конкурсной массы и передается обеспеченному кредитору для реализации. Полученные в результате реализации залогового имущества средства, направляются на погашение требований кредитора, обеспеченных залогом реализуемого имущества, а остаток средств – при их наличии, конкурсному управляющему для погашения требований других кредиторов в установленном законом порядке.

Приведенные выше новации в правовом регулировании отношений, связанных с использованием имущества в целях обеспечения исполнения обязательств, позволит построить гражданские правоотношения между кредиторами и пользователями их услуг на качественно новом уровне, в основе которого будут лежать высокая правовая культура, принцип разумности и добросовестности. В конечном итоге будет достигнута цель, направленная на улучшение инвестиционного климата, обеспечение стабильности в деятельности финансовых институтов и доступности финансирования для реального сектора экономики.



# Интиқоли маблағҳои пулӣ ва афкори мардум

Натиҷагирӣ аз назарсанҷӣ оид ба воридшавии интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ ба ҶумҳурииТоҷикистон (аз 11-ум то 22-юми феврали соли 2019)

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Фармоиш аз 11 феврали соли 2019 №255/28.1 назарсанҷии шаҳрвандон оид ба воридшавии интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузаронид. Назарсанҷии мазкур, аз 11-уми феврал то 22-юми феврали соли 2019 дар байни мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ, ки теъдоди умумии онҳо 2216 нафарро ташкил дод, гузаронида шуд,

Қобили қайд аст, аз ҷавобҳои додашудаи респондентон оид ба ҳолати интиқоли маблағҳои пулӣ тавассути бонкҳо, воситаю усулҳои интиқолӣ, афзалиятдории нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулӣ дар бонк ё дар хона, ҳисса (%) -и гузоштани маблағҳои воридшуда ҳамчун амонат дар бонкҳо, дараҷаи боварии аҳолӣ доир ба амонат гузоштани маблағҳои интиқолӣ дар бонкҳо бармеояд, ки маблағҳои пулие, ки шахсони воқеӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳанд, ба сабук ё вазнин гардидани рушди минбаъдаи бонкҳои кишвар мусоидат менамояд.

Тағйирёбии вазъи интиқоли маблағҳои пулие, ки шахсони

Диаграммаи 1. **Ҷуғрофияи интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**




| | ИМА | Русия | Қазоқистон | Аморати Муттаҳидаи Араб | Дигар кишварҳои хориҷаи наздик | Дигар кишварҳои хориҷаи дур |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ряд1 | 6,5% | 77,9% | 7,0% | 1,4% | 3,7% | 3,5% |

воқей аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳанд, дар маҷмӯъ, метавонад ба раванди татбиқи босуботи реҷаи сиёсати пулию қарзии мамлакат – “ҳадафгирии таваррум” таъсири муайян расонад.

Ҷуғрофияи мамлакатҳое, ки аз онҳо шахсони воқеӣ маблағҳои пулиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳанд, гуногун мебошад.

Аз маҷмӯи ҷавобҳои додашудаи шахсони дар назарсанҷӣ иш--тирокдошта, ба саволи “Шумо интиқоли маблағҳои пулиро бештар аз кадом кишварҳо мегиред?” 77,9% -и ҷавобҳои додашудаи респондентон гувоҳӣ медиҳанд, ки аз ҳама бештар интиқоли пулиро аз Федератсияи Русия мегиранд. Дар солҳои оянда низ, гумон меравад, ки талаботи бозори меҳнати Русия ба ҳиссаи муайяни аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ, хусусан ҷавонон ниёзи калон дорад. Дар ҳамагуна мавриди қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнати Русия аз ҳисоби аҳолии қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабгори зиёдшавии интиқоли маблағҳои пулӣ аз Федератсияи Русия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Зеро афзоиши интиқоли маблағҳои пулӣ аз Русия, пеш аз ҳама бо шумораи ҳиҷрати муҳоҷирони меҳнатии ҷумҳурӣ мустақиман алоқаманд мебошад. Тавре дар ҳафтаномаи “Asia – Plus” (№15(1397)/11.04.2019) оварда шудааст: “Русия барои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон бозори асосии меҳнат боқӣ мемонад, шумораи умумии онҳо дар ин мамлакат, тибқи маълумотҳои гуногун зиёда аз 1 миллион нафарро ташкил медиҳад”. Баъдан дар Русия, тавре маълумотҳои назарсанҷӣ гувоҳӣ медиҳанд, ҳиссаи муайяни шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба резиденти Федератсияи Русия табдил ёфтаанд ва аз фаъолияти соҳибкорию сармоягузории худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи пулӣ ирсол менамоянд.

Тавре назарсанҷӣ ҳамчунин нишон дод, 22,1% боқимондаи респондентон изҳор намуданд, ки аз дигар кишварҳо, аз ҷумла: ИМА – 6,5%, Қазоқистон – 7,0%, Аморати Муттаҳидаи Араб – 1,4%, кишварҳои хориҷии наздик –3,7% ва кишварҳои хориҷии дур – 3,5% маблағҳои пулии интиқолшударо мегиранд.

Маблағҳои пулие, ки шахсони воқеӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳанд, тавассути роҳҳои гуногун ба гирандагони (ё дарёфткунандагони) пул расонида мешавад. Дар рафти назарсанҷӣ доир ба саволи “Тавассути кадом роҳҳо интиқоли маблағҳои пулӣ

Диаграммаи 2. **Роҳҳои интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**



ба Шумо расонида мешаванд, респондентҳо ҷавоб доданд ва ҷамъбасти он дар диаграммаи 2 пешниҳод гардидааст.

Нишондиҳандаи афзалиятдории интиқоли маблағҳои пулӣ тавассути бонкҳо ва ташкилотҳои ғайрибонкӣ, ки тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо ҳисоб карда шудааст, нишон медиҳад, ки 85,3% маблағҳои пулие, ки аз хориҷи кишвар ба ҷумҳурӣ ворид гардидаанд, тавассути бонкҳо ва ташкилотҳои ғайрибонкӣ дастрас карда шудаанд. Чунин сатҳи дастрасии маблағҳои интиқоли пулӣ аз тарафи респондентон оид ба афзалиятдории хизматрасониҳои бонкҳо ва ташкилотҳои ғайрибонкиро нисбат ба дигар роҳҳои интиқол нишон медиҳад. Вобаста ба ин, метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар сатҳи мамлакат сабукгардии шарти интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Гарчанде 13,7% -и теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентон далолат аз он медиҳад, ки маблағҳои интиқолӣ тавассути дигар роҳҳо, ба монанди миёнаравҳо – 4,4%, хешу табор – 6,3%, ёру рафиқон – 2,5% ва дигар роҳҳо – 0,5 % гирифта мешаванд.

Шарти муҳими дастрасии интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар, ин муайян кардани ҳолати интиқоли маблағҳои пулӣ тавассути усулҳои интиқолӣ мебошад. Барои муқаррар кардани ҳолати мазкур, аз теъдоди ҷавобҳои ҷамъбастие, ки респондентон ба саволи “Кадом усулҳои интиқоли маблағҳои пулиро Шумо истифода мебаред?” ҳамчун манбаи иттилоотӣ таҳлил карда мешавад.

Бояд қайд кард, 85,2%-и теъ-

Диаграммаи 3. **Усулҳои интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**




доди ҷавобҳои додашудаи респондентон оид ба маблағҳои пулие, ки аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, тавассути низомҳои интиқолӣ дастрас карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи истифодаи усулҳои дигари пардохтӣ барои дастрас намудани маблағҳои интиқоли пулӣ аз тарафи респондентон кам ҳам бошад, мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, истифодаи кортҳои пардохтӣ – 8,1%, онлайн – банкинг – 2,2%, ҳамёни электронӣ – 1,8%, мобайл – банкинг – 1,5% ва дигар – 1,1%. Дар маҷмӯъ, тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентон, чунин натиҷагирӣ карда мешавад, ки истифодаи усулҳои интиқолӣ ба сабукгардии дастрасии маблағҳои интиқоли пулӣ дар сатҳи кишвар мусоидат намудааст.

Масъалаи дигари муҳими тадқиқот, дар асоси теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо, ин муқаррар намудани алоқамандӣ байни даромад, хароҷот (истеъмолот) ва пасандоз (амонат) буда, дар асоси онҳо тахминан муайян намудани сатҳи моилнокии миёнаи хароҷот (истеъмолот) ва сатҳи моилнокии миёнаи пасандозҳо аз интиқолҳои пулӣ мебошад.

Интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар яке аз манбаҳои ташаккули даромади аҳолӣ мебошад. Ба саволи “Сарчашмаҳои интиқоли маблағҳои пулӣ”, ки респондентон ҷавоб доданд, тахмин намудан мумкин аст, ки асосан ду гурӯҳи шахсони воқеӣ – муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғайрирезидентҳои Тоҷикистон аз кишварҳои хориҷӣ ба ҷумҳурӣ маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд.

Ҳиссаи 61,7% -и ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба интиқоли маблағҳои интиқоли пулӣ аз ҳисоби музди кор, 8,4% – даромад аз моликият, 1,5% – даромад аз сармоягузорӣ, 21,4% – ёрии хешовандон,

Диаграммаи 4. **Сарчашмаҳои интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**




1,2% – аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, 2,0% – аз фаъолияти соҳибкорӣ ва 3,7% аз ҳисоби дигар манбаҳо мебошанд. Ҳамин тавр, таркиби ҷавобҳои додашудаи респондентҳоро аз рӯи сарчашмаҳои интиқоли маблағҳои пулӣ метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд, ки инҳоянд: якум, аз ҳисоби музди кор, ки асоси онро ҳаққи меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медиҳад ва дуюм аз ҳисоби даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва тиҷоратии ғайрирезидентҳо, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд.

Дигар ҷанбаи тадқиқоти мазкур, ин муайян намудани самти хароҷот ё истеъмолоти интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо ба саволи “Маблағҳои интиқоли пулӣ ба кадом мақсад харҷ карда мешаванд?” барои муқаррар намудани самтҳои хароҷоти маблағҳои интиқоли пулӣ ба моддаҳои калонкардашуда гурӯҳбандӣ карда шуда, хусусиятҳои хоси ҳиссаи ҳар яке аз онҳо дар маҷмӯи хароҷоти умумӣ муайян карда шуд.

Натиҷаи гурӯҳбандии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо оид ба хароҷоти маблағҳои интиқоли пулӣ тибқи моддаҳои калонкардашуда ба таври зерин пешниҳод карда мешавад:

- хароҷот барои пардохти хизматрасониҳо – барои таҳсил, муолиҷа ва хариди доруворӣ, гузаронидани маъракаҳо, барои сафари ҳаҷ ва саёҳат – 67,5%;
- андӯхти амволи манқул ва ғайриманқул – харидории воситаҳои нақлиёт, манзил ва замин – 14,0%;
- барои рушди соҳибкорӣ, бизнес, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва сармоягузорӣ – 15,3%;
- ғун кардани тилло ва маснуоти заргарӣ дар шакли тезавратсия (ганҷдорӣ) – 1,1%;
- дигар (барои пеш бурдани рӯзгор ва ғ.) – 2,1%.

Ҷамъбасти гурӯҳбандии хароҷот дар маҷмӯъ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки 69,6 (67,5% +2,1%) фоизи хароҷоти респондентҳо барои истеъмолот, 15,1% (14,0% + 1,1%) барои андӯхти дороиҳо ва 15,3% барои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ нигаронида шудааст.

Қисмати сеюми алоқамандии дар боло дарҷгардида пасандозҳо буда, аз тарафи респондентон афзалияти нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулиро дар бонк ё дар хона, ё ин ки нигоҳ доштани онҳо тариқи додани қарз ва ё дар шакли сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ дарак медиҳанд.

Тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба саволи “Афзалияти нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулиро Шумо дар

Диаграммаи 5. **Хароҷоти интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**



куҷо мебинед?" 46,0%-и респондентон изҳор намуданд, ки нигоҳ доштани маблағҳои интиқолшудаи пулиро дар бонк ва 38,1% дар хона афзалиятнок мешуморанд. Танҳо 5,6% -и респондентон ҷавоб доданд, ки маблағҳои интиқоли пулиро дар шакли сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ва 3,1% бо тариқи додани қарз афзалиятдор медонанд. Индекси афзалиятдории нигоҳ доштани интиқоли маблағҳои пулӣ дар бонкҳо ҳамагӣ 9,3% (1083–898/1981x100)-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда ниҳоят хурд буда, доир ба номуътадилии ҷалби маблағи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи бонкҳои ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад.

Дар асоси ҷавобҳои додашудаи респондентон ба саволҳои "Маблағҳои интиқоли пулӣ ба кадом мақсад харҷ карда мешаванд?" ва "Афзалияти нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулиро Шумо дар куҷо мебинед?" алоқамандии байни нишондиҳандаҳои даромад, хароҷот ва пасандозҳо аз интиқоли маблағҳои пулӣ ба воситаи муодилаи "Даромад = хароҷот + пасандоз" нишон дода мешавад.

Тибқи маълумотҳои дар Ҷадвали 1 овардашуда, баръало муайян кардан мумкин аст, ки дар ҳолати бемайлон зиёд шудани сатҳи моилнокии миёнаи хароҷотӣ (истеъмолотӣ) интиқоли маблағҳои пулӣ нисбат ба сатҳи моилнокии миёнаи пасандозҳо бевосита мушкилотро барои ҷалби пасандозҳо ба рушди низоми бонкӣ ва фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ дар дохили иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд меорад.

Аз ин лиҳоз, барои дақиқтар муайян намудани таносуби акидаҳои респондентҳо барои нигоҳдории маблағҳои интиқоли пулӣ ҳамчун амонат (пасандозҳо) дар бонкҳо ва ё дар хона ба миён меояд.

Ба саволи "Оё Шумо мехоҳед маблағи интиқоли пулии худро ҳамчун амонат (пасандоз) дар бонк нигоҳ доред?"44,4%-и респондентҳо оид ба нигоҳ доштани маблағи интиқоли пулӣ ҳамчун амонат дар бонк, ва 40,2%-и респондентон, баръакс нигоҳ доштан дар хона шоҳидӣ медиҳанд. Теъдоди 15,3%-и респондентҳо дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд.

Бояд иброз дошт, ки фарқияти байни ҷавобҳои додашудаи респондентҳо оиди дар бонк ва дар хона нигоҳ доштани маблағҳои аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшуда он қадар зиёд набуда, ҳамагӣ андозаи 4,2% (44,4-40,2) ташкил медиҳад. Вобаста ба чунин ҳолат, муайян намудани самти тамоюли амонат (пасандозҳо) аз интиқоли маблағҳои пулӣ, ки аз як тараф барои нигоҳдорӣ дар бонкҳо ва истифодаи онҳо дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ва аз тарафи дигар – нигоҳ доштани онҳо дар хона ё барои хароҷот (истеъмолот) намудан ба мақсадҳои дигар ба миён меояд.

Таҳлили коэффитсиенти умумии тамоюли амонат (пасандозҳо) аз он далолат медиҳад, ки

Диаграммаи 6. **Афзалияти нигоҳ доштани интиқоли маблағҳои пулӣ**




Ҷадвали 1. **Теъдоди ҷавобҳои респондентҳо доир ба даромад, хароҷот ва пасандозҳо**

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо | % |
|---|---|---|
| Даромад - ҳамагӣ | 4976 | 100,00 |
| аз ҷумла: | | |
| Хароҷот | 2788 | 56,03 |
| Пасандозҳо (нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулӣ) | 2188 | 43,97 |

Диаграммаи 7. **Ҳиссаи нигоҳ доштани интиқоли маблағҳои пулӣ ҳамчун амонат (пасандоз) дар бонк**




бо бартарии на он қадар калон маблағҳои интиқоли пулӣ ҳамчун амонат барои нигоҳ доштан дар бонкҳо ё равона намудан барои сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ нисбат ба нигоҳдорӣ дар хона ва харҷ (истеъмол) намудан ба мақсадҳои ғайриинвеститсионӣ фарқ менамояд. Дар ҳолате, ки самти тамоюли амонат (пасандозҳо) аз интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар барои нигоҳдорӣ дар хона ва харҷ (истеъмол) намудан ба мақсадҳои ғайрисармоягузорӣ афзояд, он гоҳ гумон меравад, ки эҳтимоли мушкилгардии вазъи рушди минбаъдаи низоми бонкии мамлакат ва фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишвар ба миён орад.

Аз ҷумла, дар соҳаи бонкӣ тамоюли камшавии ҷалби маблағҳои интиқоли пулии шахсони воқеӣ, дар навбати аввал ба яке аз сабабҳои вазниншавии ҳолати номувозинатии тавозуни захираҳои бонкӣ оварда мерасонад. Зеро ки маблағҳои интиқоли пулии шахсони воқеӣ барои бонкҳо яке аз намудҳои асосии сарчашмаи захираҳои пулӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷми захираҳои умумии бонкиро барои гузаронидани амалиётҳои фаъол афзун мегардонад. Дар натиҷаи ҷалби маблағҳои интиқолӣ, танҳо бонкҳо метавонанд чунин захираи пулиро ба сармояи маҳсулдеҳ табдил диҳанд. Бе ҷалби маблағҳои интиқоли пулӣ, нисбатан вазъи коҳишёбии пастшавии додани қарзҳо аз тарафи бонкҳо боз ҳам идома ёфта, ба болоравии арзиши умумии қарзҳои гирифташаванда оварда мерасонад. Дар натиҷа талабот барои гирифтани қарзҳои бонкӣ аз тарафи шахсони воқеӣ кам мегардад. Инчунин, коҳишёбии фузунсозии (мултипликатсияи) пул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз ҳисоби коҳиш додани қарздиҳӣ аз тарафи бонкҳо ба чашм расида, муттасилан давом меёбад. Ниҳоят рақобатпазирии байни бонкҳо доир ба ҷалби маблағҳои интиқоли пулии шахсони воқеӣ суст гардида, қариб ҳамаи бонкҳои кишвар ба мушкилоти ҳаммонанд ва ҳалталаби якхела дар бозори пул дучор гардида, барои ҳалли мушкилоти дар боло гуфташуда, зарур меҳисобанд ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат намоянд;

Дар рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ҷалб нагардидани интиқоли маблағҳои пулие, ки дар хона ҳамчун амонат нигоҳ дошта шудаанд, метавонад ба васеъкунонии ҳаҷми истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини бозори истеъмолӣ бо молу хизматҳо, пастшавии нарху наво ва ғайра ҳамчун монеа эҷод намояд. Тавре дар маърӯзаи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ)

Ҷадвали 2. **Самти тамоюли нигоҳдорӣ ва истифодабарии интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо |
|---|---|
| 1. Нигоҳдории маблағҳои интиқолӣ ҳамчун амонат (пасандоз) - ҳамагӣ | 2188 |
| аз ҷумла: | |
| нигоҳдорӣ дар бонк ва сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; | 1216 |
| нигоҳдорӣ дар хона ва харҷ (истеъмол) намудан ба мақсадҳои дигари ғайриинвеститсионӣ. | 972 |
| 1. Коэффитсиенти умумии самти тамоюли амонат (пасандозҳо), %<br>аз ҷумла:<br>коэффитсиенти нигоҳдорӣ дар бонк ва сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ;<br>коэффитсиенти нигоҳдорӣ дар хона ва харҷ (истеъмол) намудан ба мақсадҳои ғайриинвеститсионӣ. | 100<br>55,6<br>44,4 |

доир ба “Таҳлили молиявӣ дар дастгирии иҷрои ҳадафҳо барои рушди устувор дар Тоҷикистон” нишон дода шудааст, интиқоли маблағҳои пулӣ ҳамчун сарчашмаи калони маблағгузории беруна ҳисобида мешавад. Аз ҷумла, иқтисодшиносони СММ тахминан мепиндоранд, ки “қисми чунин ҷараёни калони молиявиро метавон ба сармояи маҳсулдеҳ равона намуд, агар муҳити бизнесро дар ҷумҳурӣ беҳтар намуда ва миёнаравҳои нави молиявӣ ва воситаҳо барои сектори хусусӣ ҷорӣ карда шаванд”. (Ҳафтаномаи ASIA-Plus № 11 (1393), 14 марти с.2019).

Бояд ба эътибор гирифт, ки аз тарафи респондентҳо дар бонк ҳамчун амонат (пасандоз) нагузоштани маблағҳои интиқоли пулии аз хориҷи кишвар воридгардида, ки сабабҳои худро доштанд, номбар намуданд (Диаграммаи 8).

Доир ба саволи “Сабабҳои ба бонк ҳамчун амонат (пасандоз) нагузоштани маблағҳои интиқолиро дар чӣ мебинед?” теъдоди 1554 ҷавоби респондентҳо пешниҳод карда шуд, ки таркиби онҳо ба таври зерин тавсиф карда мешавад: 33,6% -и ҷавобҳо ба бонк боварӣ надоранд, 17,6% – мушкилоти бозпас гирифтани амонат ҷой дорад, 42,8% – фоизи амонатҳо паст мебошанд ва 6,0% доир ба ношаффоф будани фаъолияти бонкҳо изҳори ақида намуданд. Ҳиссаи муайяни респондентон дар рафти назарсанҷӣ ошкоро баён намуданд, маблағҳоеро, ки аз хориҷи кишвар дастрас менамоянд, барои пеш бурдани рӯзгори хеш нокифоя мебошад. Аз ин лиҳоз, онҳо имконияти ба бонк гузоштани маблағи интиқолиро

Диаграммаи 8. **Сабабҳои дар бонк ҳамчун амонат нагузоштани интиқоли маблағҳои пулӣ**




ҳамчун амонат надоранд.

Тавре равиши тадқиқот нишон медиҳад, яке аз сабабҳои дар бонкҳо нагузоштани маблағҳои озоди интиқоли пулӣ ҳамчун амонат (пасандоз) аз он иборат мебошад, ки то имрӯз мардуми кишвар ба таври васеъ истифода бурдан аз хизматрасониҳои бонкӣ қариб, ки одат накардааст. Аз ин лиҳоз, онҳо доимо нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулиро дар хона афзалиятноктар мешуморанд.

Бо вуҷуди ин, бояд тазаккур дод, ки дар ҷумҳурӣ ташаккулёбии раванди нигоҳдорӣ, талабот ва одати нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли маблағҳои пулӣ ҳамчун амонат аз тарафи аққалияти аҳолӣ дар бонкҳо ба вуҷуд омадааст. Тавре аз ҷавобҳои додашудаи респондентҳо маълум гардид, ҳиссаи муайяни онҳо хоҳиши онро доранд, ки маблағҳои интиқолии пулиеро, ки аз кишварҳои гуногун мегиранд, дар бонк гузоранд.

Ба саволи “Агар ҳа, дар кадом намуди амонат (пасандоз) маблағҳои интиқоли пулии худро дар бонк нигоҳ медоред?” муайян карда шуд, ки 31,4%-и ҷавобҳои додашудаи респондентҳо хоҳиши дар бонк дар намуди амонати (пасандози) дархостшаванда, 39,9% - мӯҳлатнок, 13,4% - пасандозӣ ва 15,2% - ба дигар намуди амонатҳо гузоштани маблағҳои интиқоли пулиро доранд. Ба эътибори ҷиддӣ гирифтани чунин ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба ҷалби маблағҳои интиқоли пулӣ ба намудҳои гуногуни амонатгузорӣ (пасандозӣ) аз тарафи бонкҳои кишвар барои бемайлон вусъат бахшидани фаъолияти хеш дар оянда мусоидат менамояд.

Тибқи теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо муқаррар карда шуд, ки аксарияти шахсони воқеӣ омода мебошанд ба таври муттасил ҳиссаи муайянеро аз маблағҳои интиқолгардидаи пулӣ ҳамчун амонат (пасандоз) дар бонк гузоранд.

Ба саволи “Агар ҲА, чанд фоизи интиқолҳои воридшударо ҳамчун амонат (пасандоз) дар бонк мегузоред?” ҳиссаи

Диаграммаи 9. **Намудҳои ба амонат (пасандоз) гузоштани интиқоли маблағҳои пулӣ дар бонк**




ҷавобҳои додашудаи респондентҳо аз рӯи фосилаҳои фоизӣ (%) чунин аст: аз 10% то 20% - 44,4%, аз 20% то 30% - 22,7%, аз 30% то 40% - 12,8%, аз 40% то 50% - 8,6% ва зиёда аз 50% - 11,5%. Ҳиссаи маблағи интиқолҳои воридшуда, ки дар бонк ҳамчун амонат (пасандоз) гузошта мешаванд, ба ҳисоби миёна 27,0%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда оид ба пайдоиши зарурият, талабот ва пайдарпай одатшавии аҳолӣ доир ба нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулӣ ҳамчун амонат дар бонкҳои ҷумҳурӣ далолат медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки респондентон ба саволи "Андешаи Шумо нисбат ба бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда чӣ гуна аст?" ҷавобҳои мухталиф доданд.

Ҷамъбасти ҷавобҳои додашудаи респондентон оид ба саволи мазкур чунин аст: 50,2% - дар оянда бонкҳои кишвар рушд меёбанд, 20,1% - бетағйир боқӣ мемонанд, 6,2% - коҳиш меёбанд, 3,5% - муфлис мегарданд, 19,0% - намедонам ва 1,0% - дигар.

Натиҷаҳои асосии бадастовардашудаи тадқиқот:

1. Маблағҳои пулие, ки шахсони воқеӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳанд, бояд яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ дар дохили кишвар ба ҳисоб раванд. Зеро ҷалб ва самаранок истифода бурдани интиқоли маблағҳои пулӣ ба рушди минбаъдаи фаъолияти бонкҳо, соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд;

2. Ҷуғрофияи кишварҳое, ки дар ҳудуди онҳо шахсони воқеӣ фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ мегузаронанд, гуногун буда, аз ҳама бештар аз кишвари Русия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути бонкҳо ва низомҳои интиқолӣ маблағҳои пулӣ ирсол менамоянд. Айни замон, сатҳи фарогирии расонидани интиқоли маблағҳои пулӣ тавассути бонкҳо бо истифода аз низомҳои интиқолӣ ба аҳолиро муътадил шуморидан мумкин аст. Зеро тавассути бонкҳо, низомҳои интиқолӣ гирифтани маблағҳои пулӣ ба сабукгардии яке аз шартҳои дастрасии мардум нисбати гирифтани маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар гувоҳӣ медиҳад. Бо вуҷуди он ки сатҳи истифодабарии кортҳои пардохтӣ, онлайн – банкинг, ҳамёни электронӣ, мобайлбанкинг аз тарафи респондентон барои дастрас намудани маблағҳои интиқоли пулӣ назаррас намебошанд;

3. Тибқи маълумотҳои ҷамъбастии ҷавобҳои додашудаи

Диаграммаи 10. **Ҳиссаи (фоизи) гузоштани интиқоли маблағҳои пулӣ дар бонк ҳамчун амонат (пасандоз)**



респондентҳо барои тахминан ҳисоб намудани ҳиссаи пасандозҳо аз ҳисоби интиқоли маблағҳои пулӣ муодилаи “Даромад = хароҷот + пасандоз” таҳия ва саҳеҳ кунонида шуд. Дар асоси муодилаи мазкур, сатҳи моилнокии миёнаи хароҷот (истеъмолот) ва моилнокии миёнаи пасандозҳо аз интиқоли маблағҳои пулӣ муайян карда шуд. Муқаррар карда шуд, ки сатҳи моилнокии миёнаи хароҷот (истеъмолот) назар ба моилнокии миёнаи пасандозҳо бо андозаи 12,06% (56,03% - 43,97%) зиёд аст. Дар ҳолати бемайлон зиёдшавии сатҳи моилнокии миёнаи хароҷоти (истеъмолоти) интиқоли маблағҳои пулӣ нисбат ба сатҳи моилнокии миёнаи пасандозҳо бевосита мушкилотҳои зиёдеро барои ҷалби пасандозҳо ба рушди низоми бонкӣ ва фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ дар дохили иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд меорад;

4. Мушоҳида мегардад, ки афзалиятнокии нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулӣ дар бонкҳо нисбат ба хона он қадар зиёд нест. Ҳамзамон, афзалиятнокии ҳамчун амонат (пасандоз) гузоштани интиқоли маблағҳои пулӣ дар бонкҳо низ бо бартарии калон назаррас намебошанд.Тахмин меравад, ки тамоюли камшавии ҷалби маблағҳои интиқоли пулии шахсони воқеӣ ба бонкҳо ба як қатор мушкилиҳо меорад, аз

Диаграммаи 11. **Андешаҳои респондентон нисбат ба бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда.**




ҷумла:

- ҳолати вазниншавии вазъи номувозинатии тавозуни захираҳои (ресурсҳои) бонкӣ;
- идома ёфтани вазъи коҳишёбии пастшавии додани қарзҳо аз тарафи бонкҳо;
- муттасилан заифгардии фузунсозии (мултипликатсияи) пул дар иқтисодиёт дар натиҷаи коҳиш ёфтани қарздиҳии бонкӣ;
- коҳишёбии рақобатпазирии бонкҳо дар самти ҷалби пасандозҳои аҳолӣ, ки аз хориҷи кишвар маблағҳои пулӣ мегиранд.

5. Ҷавобҳои респондентон аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳиссаи маблағҳои интиқоли пулӣ, ки дар бонк ҳамчун амонат гузошта мешаванд, ба ҳисоби миёна 27,0%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда доир ба ташаккули талабот ва пайдарпай одатшавии аҳолӣ оид ба нигоҳ доштани маблағҳои интиқоли пулӣ ҳамчун амонат дар бонкҳои ҷумҳурӣ далолат медиҳад.

**Пажӯҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон**

# World Bank endorses new Country Partnership Framework for Tajikistan




Tajikistan aims to achieve sustained economic growth, boost exports, and create more and better jobs for its citizens, through enhanced private-sector development and greater investment in human capital and public services. The World Bank Group will support Tajikistan in achieving these goals through its new Country Partnership Framework for the period 2019–23, endorsed on May 9 by the Group's Board of Executive Directors, the Bank said.

The Country Partnership Framework supports Tajikistan's efforts to complement its remittance-financed, import-reliant economic model with a focus on boosting private-sector development and exports. Tajikistan has an opportunity to reconnect to the legacy of the ancient Silk Road and capitalize on its resources, including abundant water and hydro-energy supplies, agriculture and food processing, minerals, and tourism. By improving the business environment and confidence among enterprises, Tajikistan can encourage private investments which would create greater opportunities for its young and growing population.

"Tajikistan has a window of opportunity to start transitioning toward becoming a continental energy and trade hub, with access to huge markets in South, East and Central Asia. This could help the country build the foundation of a modern economy that can generate wealth and employment to benefit all of its citizens," said Jan-Peter Olters, World Bank Country Manager for Tajikistan. "At this stage of Tajikistan's development, the country needs to expand contributions from a viable private sector, effective public institutions, and a healthy and productive population to reach its development goals in a changing global environment. The new Country Partnership Framework will provide support in these critical areas."

Over the past decade, Tajikistan has made steady progress reducing poverty and growing its economy. Between 2000 and 2017, the poverty rate fell from 83 percent of the population to 29.5 percent, while the economy grew at an average

> The five-year Country Partnership Framework will benefit from the three institutions of the World Bank Group—the World Bank, the International Finance Corporation (IFC), and the Multilateral Investment Guarantee Agency (MIGA)—and will be implemented in close coordination with local and international development partners.

rate of 7 percent per year.

However, the rate of job creation has not kept pace with the growing population, leaving the economy vulnerable to external shocks, while the role of the private sector in the economy remains limited, contributing to only 13 percent of formal employment and 15 percent of total investments. Non-monetary poverty indicators in rural areas remain high, with only 36 percent of the population in rural regions having access to safe drinking water.

Tajikistan's high vulnerability to climate change and natural disasters represents an additional challenge to successful economic management. Between 1992 and 2016, natural and climate-related disasters caused GDP losses of around US$ 1.8 billion, affecting almost 7 million people.

To help Tajikistan address the challenges and capitalize on the opportunities, the new Country Partnership Framework aims to:

**1.** Build human capital, by investing in early childhood development programs, clean water, electricity supply, and employment and education opportunities for youth and women;

**2.** Improve the effectiveness of public institutions by increasing efficiency in the energy and water sectors, supporting financial stability; and

**3.** Foster private sector growth, boosting export potential and improving regional integration.

Tajikistan is a recipient of additional financing under the Risk Mitigation Regime (RMR), with which it seeks to strengthen resilience against risks of fragility. As part of the new Country Partnership Framework, activities funded by the Risk Mitigation Regime in Tajikistan will focus on creating better economic and employment opportunities for particularly vulnerable people in the most-at-risk regions of the country.

The five-year Country Partnership Framework will benefit from the three institutions of the World Bank Group—the World Bank, the International Finance Corporation (IFC), and the Multilateral Investment Guarantee Agency (MIGA)—and will be implemented in close coordination with local and international development partners.

IFC, with its focus on private sector development, will explore possibilities to improve the investment climate by addressing gaps in business related regulations and trade. As part of the new Country Partnership Framework, IFC will also support financial intermediaries in Tajikistan to boost their capacity to finance small and medium enterprises, while also exploring opportunities in the energy, transport and telecom sectors.

"With a key focus on improving the business environment so as to accelerate private sector-led growth, IFC is committed to creating markets and opportunities for private sector investments in Tajikistan," said Manizha Mamadnabieva, IFC Tajikistan Country Officer.

The new strategy was prepared in close collaboration with the Government of Tajikistan and involved consultations with the private sector, civil society, academia, local experts, and development partners. It drew from critical analytical work, such as the Systematic Country Diagnostic, the Country Economic Memorandum, the Risk and Resilience Assessment Report, the Job Diagnostic and Strategy for Tajikistan, and other studies and reports. It is closely aligned with the goals of the 2030 National Development Strategy.

**By The Times of Central Asia**

# Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ: **рушди тиҷорати электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ**

Қабл аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки масъалаи васеъ кардани пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар маҷмӯъ аз ҷониби иштирокдорони бозори молиявӣ дастгирӣ меёбад.

Вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба мустаҳкамии интизоми молиявии субъектҳои хоҷагидор, коҳиш додани саркашӣ аз андоз ва беҳтар намудани шаффофияти иқтисодиёт, аз ҷумла амалиёт дар бахши молиявӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, фаромӯш набояд кард, ки барои истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ ҳавасмандгардонии шаҳрвандон зарур мебошад.

Коҳиш додани ҳаҷми пули нақд ба коҳишёбии ҳаҷми бозори ноаён мусоидат карда, ба афзоиши даромади андозҳо ва маблағҳои иловагӣ ба буҷет оварда мерасонад ва имконияти додани музди меҳнати ғайрирасмӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ камтар мегардад.

Тадбирҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии шаҳрвандон барои амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ ин паст кардани хатари пардохтҳои ғайринақдӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисодии онҳо (пардохтҳои ғайринақдӣ аз пардохтҳои нақдӣ арзонтар бояд шаванд) мебошанд.



**Бозоралӣ Бекматов,** иқтисодчӣ, мушовири давлатии дараҷаи дуюм

> Вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба мустаҳкамии интизоми молиявии субъектҳои хоҷагидор, коҳиш додани саркашӣ аз андоз ва беҳтар намудани шаффофияти иқтисодиёт, аз ҷумла амалиёт дар бахши молиявӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, инчунин инкишофи тиҷорати электронӣ дар давлатҳои рушдкарда қонун оид ба низоми пардохти миллӣ қабул карда шудааст ва амалӣ мегардад.

Айни замон заминаи ҳуқуқии пардохтҳои миллӣ Қонуни ЧТ «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” мебошад ва дар моддаи 20 он чунин омадааст: «Агар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Бонки миллии Тоҷикистон ба таври мустақим ё ғайримустақим дар идоракунии низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ иштирок намоянд, он гоҳ низоми пардохти миллӣ дониста мешавад...»

Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» барои суръат бахшидани рушди бозори молиявӣ саривақтӣ мебошад.

Омилҳои муносибӣ, таъмини бехатарии пардохтҳо ва дар ҳама ҷо қобилияти қабули кортҳои пардохтии бонкӣ барои рушди пардохтҳои ғайринақдӣ мусоидат мекунанд. Агар шаҳрвандон пули кироя роҳро бо кортҳои бонкӣ пардохт карда тавонанд,

ҳавасманд гардида, минбаъд низ ин кортро ба ҷои пули нақд истифода мебарад.

Илова бар ин, бояд дар назар дошта шавад, ки на ҳамаи сокинони кишвар дорои суратҳисобҳои бонкӣ мебошанд. Бинобар ин, барои дар тамоми ҷо паҳн намудани пардохтҳои ғайринақдӣ дар навбати аввал бояд сатҳи маданияти молиявии аҳолӣ, аз ҷумла истифодабарии кортҳо ё дигар воситаҳои пардохтии бонкӣ баланд бардошта шавад.

Дар марҳилаи ибтидоӣ чораҳои ҳавасмандгардонии андозӣ ва маъмурӣ барои пардохтҳои ғайринақдӣ бояд натиҷаҳои самарабахш диҳанд ва сипас ба таври мунтазам дохил намудани монеаҳои андозӣ ва маъмурӣ дар ин самт мувофиқи мақсад мешавад.

Гузаронидани марҳила ба марҳилаи чунин тадбирҳо ба иштирокчиёни бозор имконият медиҳанд, ки дар воқеияти нав таълим гирифта, вақти кофиро барои омода шудан истифода баранд.

Чораҳои манъкунӣ танҳо дар якҷоягӣ бо ҳавасмандгардонии тадбирҳо самаранок мебошанд, дар акси ҳол дарёфти натиҷаҳои мусбӣ дар самти пардохтҳои ғайринақдӣ душвор хоҳад буд.

Агар ҳамаи корхонаҳои тиҷоратӣ вазифадор шаванд, ки кортҳои пардохтии бонкиро қабул намоянд, аз ҷониби иштирокчиёни бозор ин талабот рад карда мешавад. Аммо якҷояшавии тадбирҳои манъкунанда ва ҳавасмандкунонӣ ба монанди андозбандии имтиёзнок, натиҷаҳои хуб медиҳад.

Мисоли чунин муносибат дар давлатҳои Кореяи Ҷанубӣ, Колумбия, Мексика ва Уругвай, ки ин тарзи корро ба роҳ мондаанд, дида мешавад.

Имтиёзҳои андоз барои пардохтҳои ғайринақдӣ низ чораи самарабахш буда метавонанд. Масалан, дар Аргентина барои шаҳрвандоне, ки маблағи молу хизматрасониро бо кортҳои бонкӣ пардохт мекунанд, қисми андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) бозпас дода мешавад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои дилхоҳ дар самти афзоиши шумораи пардохтҳои пулӣ истифодаи якҷояи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудкунанда зарур аст.

Танҳо маҷмӯи чораҳо, ҳам таъсири маъмурӣ ва ҳам ҳавасмандии иқтисодӣ ба зиёд гардидани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ таъсири мусбат расонида метавонад.

Масалан, дар асоси қонун ташкилотҳои тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ вазифадор карда мешаванд, ки барои пардохти маблағҳои пулӣ аз POS-терминалҳо истифода баранд (бо дарназардошти ноилшавӣ ба ҳадди муайяншудаи даромади соли гузашта), қабули пардохтҳо дар сурати аз арзиши муайяншуда зиёд будани маблағи ҳаққдиҳӣ танҳо дар шакли ғайринақдӣ бо кортҳои пардохтии бонкӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, барои хариди POS-терминалҳо ба соҳибкорон дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ пардохтҳои дотатсионӣ аз ҳисоби буҷет бояд ворид карда шавад ва дараҷаи гуногуни андозбандии ААИ барои пардохти ғайринақдии молҳо ва хизматрасониҳо муқаррар карда мешавад. Чорабиниҳо барои ҳавасмандкунонии пардохти ғайринақдӣ метавонанд бисёр бошанд, вале ташвиқи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ аз ҳама муҳимтар мебошад.

## МАҲДУДИЯТҲО ПАРДОХТҲОИ НАҚДӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Белгия, Италиё ва Юнон барои муносиб намудани гардиши амалиётҳои пардохтӣ нисбати пардохтҳои маблағҳои нақдӣ, ки ҳангоми хариди калон аз ҳадди ниҳоии муқарраргардида зиёд мебошад, маҳдудият ворид карда шудааст. Дар Норвегия, Голландия, Австрия барои даст кашидан аз истифодаи пули нақд кӯшиш ба ҳарҷ медиҳанд ва дар Олмон, Испания, Шветсия ва Литва имконияти манъи пардохти харид бо пули нақдро дар айни замон баррасӣ карда истодаанд.

Дар баробари ин, дар хотир бояд дошт, ки маҳдудияти пардохтҳои пули нақд набояд ба Конститутсия, ки кафолати озодии гардиши мол, хизматрасонӣ ва захираҳои молиявиро дар кишвар кафолат медиҳад, мухолифат кунад.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани ухдадории ҳатмии пардохтҳои ғайринақдӣ (аз андозаи маблағи муайян зиёд) шахсони инфиро-

диро маҷбур месозад, ки бо ташкилоти қарзӣ барои кушодани суратҳисоби бонкӣ, созишнома бананд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки дараҷаи пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ дар кишвар баробар нест ва метавонад барои сокинони минтақаҳои алоҳида ҳангоми хариди молҳои қимат монеа эҷод намояд.

Тартиби нав бояд фурӯши молҳо дар бозорҳои чакана, хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок ва амволи ғайриманқулро танзим намояд, чунки ин омилҳо комилан ҷараёни марказҳои пардохтҳои пулӣ мебошанд.

Дар ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳануз ҳеҷ гуна маҳдудият нисбат ба ҳисоббаробаркунӣ вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, қонунгузории давлатҳои ИДМ аз он далолат медиҳад, ки ҳисоббаробаркуниҳо бо иштироки шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ алоқаманд нестанд, дар маблағгузорӣ маҳдуд намебошанд. Илова бар ин, Русия, Белорус, Қазоқистон ва Қирғизистон аъзои Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодию савдо буда, ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳандаи он барои таъсиси бозори озод барои ҳаракати молҳо, хизматрасониҳо ва сармоягузорӣ пешбинӣ шудаанд. Маҳдуд кардани маблағҳои ҳисоббаробаркуниҳое, ки ба фаъолияти тиҷоратии шаҳрвандон алоқаманд нестанд, дар яке аз ин давлатҳо, метавонанд ба ноустувории тавозуни ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодии ин кишварҳо таъсир расонанд.

Солҳои охир дар Озарбойҷон санадҳои гуногуни қонунгузорӣ барои ҳавасманд намудани пардохтҳои ғайринақдӣ қабул шуданд. Пардохтҳои нақдии соҳибкорони калон дар соҳаҳои савдо ва хӯроки умумӣ то 18000 доллари ИМА дар як моҳ маҳдуд мебошанд. Чунин маҳдудият ба соҳибкороне, ки гардиши савдои ҳармоҳаи онҳо 118000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, тааллуқ дорад. Маҳдудият барои дигар андозсупорандагон маблағи баробар ба 9000 доллари ИМА дар як моҳро ташкил мекунад.

Илова бар ин, ҳамаи маошҳо дар кишвар танҳо дар шакли ғайринақдӣ пардохт карда мешаванд, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои нақд намудани пул маҷбуранд як фоиз ҷарима пардохт намоянд.

Бо вуҷуди он ки ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ҳамаҷониба самарабахш мебошад, зарур аст, то роҳи ҳавасмандкунонии рушди бозори молиявӣ мутавозини комплексӣ бошад.

## ФОИДАИ ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ БЕШТАР АСТ

Афзоиши ҳиссаи гардиши муомилоти ғайринақдии пардохтҳо барои давлат, барои бонкҳо ва ҳам барои аҳолӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад. Инчунин, он ба афзоиши ҷамъоварии андоз, шаффофияти тамоми низоми молиявӣ мусоидат намуда, табодули пули нақди «сиёҳ»-ро коҳиш медиҳад.

Қабули тартиби нави ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ дар ҳама ҳолат муфид буда, ба рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, манъ намудани додани ваколатҳои татбиқи амалиётҳои қабули пули нақд барои интиқоли минбаъдаи маблағҳо ба шахсони дигар (масъалаи қабули пули нақд барои интиқоли минбаъдаи он бо воситаи таҷҳизоти пардохт ва тавассути нуқтаҳои қабул) аз ҷониби агентҳои тиҷоратии бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ барои ҳавасмандкунонии пардохтҳои ғайринақдӣ мусоидат мекунанд. Бо ин тартиб Бонки миллӣ ҳамчун танзимкунанда дар бозори молиявӣ тадбирҳои худро оид ба рушди пулҳои электронӣ идома дода, амалиётҳои ҳисоббаробаркуниро тавассути бахши бонкӣ ба рушди маблағҳои ғайринақдӣ ҳавасманд мегардонад.

Дар Тоҷикистон низ ба монанди дигар давлатҳо имтиёзҳои андозӣ барои объектҳои савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ дода мешаванд.

Ба таҷрибаи муосири байналмилалӣ мутобиқ намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ шароити мусоидро барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон ҷиҳати рушди пардохтҳои ғайринақдӣ фароҳам меорад.

Айни замон дар назди Вазорати адлия Гурӯҳи кории байниидоравӣ вобаста ба таҳияи лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасонии давлатӣ" фаъолият дорад, ки масъалаҳои қабули пардохти ҳизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва истифодаи кортҳои

бонкиро ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо бояд зимни омода кардани лоиҳаи конуни мазкур ба инобат гирад.

Аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор барои баррасӣ ҳамчунин бояд лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мувофиқашуда ва бо Кодекси шаҳрвандӣ мутобиқ барои васеъ намудани истифодабарии пардохтҳои ғайринақдӣ бо назардошти сабукиҳои андозӣ ва чораҳои ҳавасмандкунанда ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Дар Кодекси андоз зарур аст, ҷиҳати бо андоз аз даромад мавриди андозбандӣ қарор надодани маблағи бонусҳо, кешбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муштариён ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегардад, пешбинӣ карда шавад. Ҳамзамон, дар Кодекси андоз меъёри андози содакардашуда барои амалиётҳои ғайринақдӣ нисбат ба меъёри амалкунанда фоизи муайян кам ва барои амалиётҳои нақдӣ фоизи муайян баланд пешбинӣ карда шавад.

Яке аз рукнҳои фарққунандаи ин лоиҳа дар он аст, ки шаҳрванд бо шахсони ҳуқуқӣ метавонад бо пули нақд ҳисоббаробаркуниро анҷом диҳад, агар нархи умумии маҳсулот ё шартнома, масалан аз 10 ҳазор сомонӣ зиёд набошад. Ҳамзамон, ҳуҷҷати мазкур маҳдудияти пардохти маблағҳои пулии байни шаҳрвандон ва ҳисоббаробаркуниҳои шаҳрвандон бо соҳибкорони инфиродиро муқаррар намекунад.

> Солҳои охир дар Озарбойҷон санадҳои гуногуни қонунгузорӣ барои ҳавасманд намудани пардохтҳои ғайринақдӣ қабул шуданд. Пардохтҳои нақдии соҳибкорони калон дар соҳаҳои савдо ва хӯроки умумӣ то 18000 доллари ИМА дар як моҳ маҳдуд мебошанд.

Мувофиқи ин ҳуҷҷат, танҳо ҳисоббаробаркуниҳои шаҳрвандон бо шахсони ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ машғуланд, вобаста карда мешаванд.

## СУДИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

Ҳукумат барои фаъолона истифода бурдани кортҳои пардохтӣ бояд сиёсати ҳавасмандкунонии истеъмолкунандагон ва ташкилотҳоро пеш гирад. Барои онҳое, ки кортҳои пардохтиро истифода мебаранд, ҳарсола даромад дар ҳаҷми масалан то 50 ҳазор сомонӣ аз андозбандӣ озод карда мешавад. Барои ширкатҳои тиҷоратӣ ва марказҳои савдо бо гардиши савдои солона, ба таври мисол зиёда аз 200 ҳазор сомонӣ ҳатман истифода намудани кортҳои пластикӣ ҷорӣ карда шавад.

Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст, ки барои шахсони воқеӣ дар соли 2019 маблағи камтарини пардохти нақдӣ то 100 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2020 то 50 ҳазор сомонӣ муайян шавад ва маблағҳои аз ин зиёд бояд бо усули ғайринақдӣ анҷом дода шаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки имтиёзҳо на дар шакли кам кардани андозҳо дар назар аст, балки ба вусъати заминаи андозбандӣ дахолат менамояд, яъне муомилоти гардиши савдои ширкатҳое, ки ба андозбандӣ ҷалб карда мешаванд, таъсири худро мерасонад.

Имтиёзҳои андозӣ объектҳои савдои чакана ва хӯроки умумиро ба он ҳавасманд мегардонад, ки амалиётҳоро бо пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути POS - терминалҳо ва кортҳои бонкӣ анҷом диҳанд. Дар ин ҳолат сатҳи андозҳо боқӣ мемонад, вале нисбати гардиши ғайринақдии ширкатҳо имтиёзҳо ҷорӣ карда мешавад ва манбаи андоз метавонад то андозае (то 20%) кам карда шавад. Дар сурати қабули ин дигаргуниҳо гардиши ғайринақдии объектҳои савдои чакана ва хӯроки умумӣ қисман аз андозбандӣ озод карда мешаванд.

Дар навбати худ, ҷорӣ намудани ин гуна имтиёзҳо ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки хароҷоти худро кам намуда, сарфаи хизматрасонӣ ва арзиши маҳсулотро ба роҳ монад.

Ислоҳоти қонунгузории андоз, аз ҷумла ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз нисбат ба корхонаҳои хурду миёна раванди ҳамоҳангсозӣ мақомоти мутасаддӣ дорад ва

метавонад дар соли равон ҷорӣ карда шавад.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо оид ба истифодаи васеъи ҳисоббаробакуниҳои ғайринақдӣ ҳаҷми гардиши пули нақд дар соҳаи хариди мол, хизматрасониҳо, музди меҳнат ва пардохтҳои хизматрасониҳои давлатӣ метавонад то чанд баробар коҳиш ёбад.

Дар айни замон Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо БДА ҶТ "Амонатбонк" бо назардошти талаботи Кумитаи андоз қабули андозҳоро ба таври ғайринақдӣ тавассути шабакаи Интернет ба роҳ мондаанд. Акнун андозсупорандагон имконият пайдо карданд, ки бе ташриф овардан ба бонк, андозҳои худро ба таври ғайринақдӣ бо воситаи алоқаи интернетӣ пардохт намоянд.

Дар баробари ин, лоиҳаи Тартиби қабули маблағҳои андоз, боҷҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва маблағҳои дигари буҷети давлатӣ тавассути терминалҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасон дар ҷараёни мувофиқа бо мақомоту идораҳои дахлдор қарор дорад.

Ҳамчунин ташкилотҳои қарзии ватанӣ технологияҳои муосири хизматрасонии пардохтҳо, аз ҷумла, бонкдории мобилӣ, Интернет-банкинг, пардохтҳо тавассути QR-кодро татбиқ намуда, ба муштариён имконияти осони ба таври ғайринақдӣ пардохт кардани маблағҳои молу хизматрасониҳоро пешниҳод намуда истодаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳиссаи тиҷорати электронӣ дар ММД-и иқтисодиёти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон босуръат меафзояд. Соли 2018 дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳаҷми умумии молҳои тавассути савдои электронӣ фурӯхташуда 1,125 триллион доллари амрикоиро ташкил намудааст, ки зиёда аз 80 фоизи он бо истифода аз интернети мобилӣ анҷом дода шудааст.

Дар робита ба ин, ба мақсади ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва рушду татбиқи воситаҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон ва бо назардошти манфиатҳои иқтисодии иштирокдорони бозори молиявӣ андешидани тадбиру чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- гузаштан аз низоми амалкунандаи ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ ба низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо;
- ҷорӣ намудани технологияҳои Blockchain, ҳамчун воситаи иловагӣ ба моделҳои хизматрасониҳои мавҷуда ва татбиқи барномаи ташаккули иқтисодиётӣ рақамӣ, инчунин рушди соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар хизматрасониҳои давлатӣ, бахши бонкӣ ва тиҷоратӣ;
- ташкили инфрасохтор барои хизматрасониҳои электронии рақамӣ дар бозори молиявӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шабакаҳои муосири интиқолӣ, паст намудани нарх ва дастрасии интернети баландсуръати мобилӣ.

Дар ҷараёни фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравии назди Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» мақоми мутасаддӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи низоми ҳисобборабаркунии ғайринақдӣ ва вусъат додани истифодаи ҳатмии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо, аз ҷумла амалӣ намудани қабули ҳаққи ҳамаи намудҳои хизматрасониҳоро аз аҳолӣ бо таври ғайринақдӣ мувофиқи мақсад мешуморад.

Ва ниҳоят, тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бояд яке аз қисматҳои асосии ҳадафи татбиқи иқтисодиёти рақамӣ, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дарҷ гардидааст, ҳисобида шавад.

# Бозори қарзҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон

Дар замони муосир ташаккулёбӣ ва рушди бозори қарзҳои бонкӣ яке аз омилҳои муҳимтарини пешрафти иқтисодиёти миллӣ ва бахусус бахши молиявии он ба ҳисоб меравад.

Бозори қарзҳои бонкӣ ҳамчун қисми асосӣ, доимоамалкунанда ва зудинкишофёбандаи бозори қарзӣ дар азнавтақсимкунии воситаҳои молиявии муваққатан озоди субъектҳои иқтисодӣ, нақши калидӣ мебозад.

Тағйирёбии ҳолати бозори қарзҳои бонкӣ на танҳо ба қисматҳои алоҳидаи иқтисодиёт, балки дар маҷмӯъ, ба тамоми иқтисодиёт таъсири мустақим мерасонад. Аз ҷумла, дар ҳолати паст будани фоизҳои қарзҳои ипотекӣ талабот дар бозори манзилӣ зиёд шуда, он боиси рушди соҳаи сохтмон мегардад. Аз фоизи қарзҳои истеъмолӣ талаботи аҳолӣ ба молу хизматрасониҳо вобастагӣ дорад, ё ин ки фоизи қарз барои соҳаи кишоварзӣ ба нархи молу маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бевосита таъсир мерасонад.

Яке аз бахшҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ дар замони муосир, ин рушди мукаммали бозори қарзӣ ба шумор меравад.Ташаккулёбӣ ва рушди бозори қарзҳои бонкӣ аз устуворӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ, сатҳи боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ, дараҷаи даромаднокии аҳолӣ ва мавҷудияти инфрасохтори зарурии пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии муосир ба аҳолӣ, вобастагӣ дорад.

Дар замоне, ки бухрони иқтисодию молиявӣ қариб тамоми мамлакатҳоро фаро гирифта, сол аз сол зоҳиршавии он хусусиятҳои навро ба худ касб намуда истодааст, ҳолати бозорҳои молиявӣ, бахусус бозори қарзҳои бонкиро дар вазъи ногувор ва номуайянӣ қарор медиҳад, омӯзишу тадқиқи ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии омилҳои ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсиррасон, пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои манфӣ, инчунин, вусъатбахшии бозори қарзҳои бонкӣ барои иқтисодиёти миллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, ки як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба мунтазам рушд намудани бозори қарзҳои бонкӣ таъсири мустақим ва ё ғайримустақим мерасонанд. Ин омилҳо ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди бозори мазкур ё таъсири манфӣ ва ё таъсири мусбӣ расонида метавонанд. Аз ин рӯ, муайян намудани омилҳое, ки ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд ва қабули қарорҳои фаврӣ аз ҷониби Ҳукумат, Бонки марказӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо, бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи олимон ва коршиносони соҳаи бонкӣ аз ҷумлаи омилҳое, ки ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсир мерасонанд, омилҳои зеринро номбар кардан мумкин аст:

- тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;
- сатҳи бекорӣ;
- қобилияти харидории пули миллӣ;
- қобилияти харидории аҳолӣ;
- рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра.

Омилҳои ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсиррасонро ба ду гурӯҳ – омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ба омилҳои берунӣ омилҳое дохил мешаванд, ки мустақиман аз фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста набуда, дар маҷмӯъ ба тамоми иқтисодиёт хусусан ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири худро мерасонанд. Ба монанди:

- тағйирёбии ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ ба ҷумҳурӣ;
- вазъи геосиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон;
- сатҳи рушди бозорҳои молиявӣ;
- сиёсати пулию қарзии бонки марказӣ;



**Ҷӯраев Беҳзод,** сардори шуъбаи танзими асъори ДИЗБ ва СҚА-и БМТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

- сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ;
- сатҳи даромадҳои аҳолӣ;
- сатҳи боварии сармоягузорон ва амонатгузорон ба бозори қарзии мамлакат;
- сатҳи андозҳо барои ташкилотҳои қарзӣ;
- қурби пули миллӣ;
- мавҷудияти воситаҳои пулӣ барои истифодабарии дарозмуҳлат ва ғайраҳо.

Омилҳои мазкур дар ҳолати муътадил буданашон ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири мусбӣ расонида, дар ҳолати ноустувор ва бад будан, таъсири манфӣ мерасонанд.

Ба ақидаи мо, вобаста ба хусусиятҳои хоси худ ба бозори қарзҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ, инфрасохтори бозори мазкур, маърифати молиявии аҳолӣ ва ғайра таъсири мустақим мерасонанд.

Боиси зикр аст, ки кам шудани ҳаҷми интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ба вазъи бозори қарзҳои бонкӣ таъсири амиқ мерасонад. Мо барои исбот намудани таъсири омили мазкур ба бозори қарзҳои бонкӣ, алоқамандии байни ҳаҷми интиқоли маблағҳо ва бақияи қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба шахсони воқеӣ додашударо муайян намудем, ки натиҷаи он дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

Маълумоти диаграммаи 1 аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми зиёд шудани ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ ба ҷумҳурӣ бақияи қарзҳои додашуда ба шахсони воқеӣ зиёд шудаанд ва баръакс, ҳангоми кам шудани ҳаҷми онҳо бақияи қарзҳои додашуда ба шахсони воқеӣ кам шудаанд. Тамоюли афзоиши интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар сабаби зиёд шудани даромадҳои аҳолӣ гардида, ба зиёд шудани талабот дар иқтисодиёт оварда



**Абдулқайси Саидҷаббор,** мутахассиси пешбари шуъбаи назорати асъори ДИЗБ ва СҚА-и БМТ, докторанти PhD-и Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои ҶТ

мерасонад, ки ин дар ниҳояти кор қобилияти пардохтпазирии аҳолиро баланд мебардорад. Дар натиҷа талабот ба қарзҳои бонкӣ низ зиёд мешаванд. Вале ҳангоми кам шудани даромадҳои аҳолӣ (аз ҳисоби кам шудани интиқоли маблағҳо) талаботи онҳо низ кам шуда, қобилияти пардохтпазириашон кам ме-

Диаграммаи 1. **Алоқамандӣ байни ҳаҷми интиқоли маблағҳо ва бақияи қарзҳои ба шахсони воқеӣ додашуда**



гардад. Дар натиҷа қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ ба мизоҷон кам мешавад.

Гуфтаҳои боло далели онанд, ки дар Ҷумҳурӣ байни ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва сандуқи қарзии низоми бонкӣ вобастагӣ дида мешавад.

Ба омилҳои дохилии ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсиррасон бошад, омилҳоеро шомил намудан мумкин аст, ки мустақиман ба низоми бонкӣ рабт дошта, бартараф намудани онҳо аз иштирокчиёни бозори қарзҳои бонкӣ (Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ) вобастагии калон доранд. Ба гурӯҳи омилҳои дохилӣ, ки бевосита ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсир мерасонанд ва идора намудани онҳо аз иштирокчиёни бозори мазкур вобастагӣ дорад, омилҳои зеринро шомил намудан, мумкин аст:

- ҳаҷми хароҷоти амалиётии ташкилотҳои қарзӣ;
- сатҳи фоизи қарзҳо барои муштариён;
- ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ;
- дурустии таҳлили пардохтпазирии мизоҷ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ;
- баҳогузории нархи амволи багаравгирифташуда;
- қарздории аз ҳад зиёди як муштарӣ аз чанд ташкилоти қарзӣ;
- сифати хизматрасонӣ ба муштариён;
- сатҳи рушди инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ.

Диаграммаи 2. **Меъёри миёнавазни фоизи солонаи қарзҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар солҳои 2009-2018**




Дар робита ба ин, диққати хосро таҳлили омилҳои дохилии ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсиррасон талаб менамояд. Зеро омилҳои дохилӣ аз фаъолияти иштирокчиёни бозори мазкур вобаста буда, ба ҳолати бозор таъсири бевосита мерасонанд.

Тавре қайд кардем, яке аз омилҳои асосие, ки ба вазъи бозори қарзҳои бонкӣ таъсир мерасонад, ин хароҷоти амалиётии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад. Зиёд будани хароҷотҳои амалиётӣ сабаби баланд шудани фоизи қарз шуда, метавонад ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири манфӣ расонад. Аз рӯи маълумотҳои фаврии Бонки миллии Тоҷикистон, дар низоми бонкӣ хароҷоти амалиётӣ дар муайян намудани арзиши аслии қарз зиёда аз 11 фоизро ташкил менамоянд, ки бевосита ба фоизи қарзҳои бонкӣ таъсир расонида, онро баланд менамоянд. Баъзе ташкилотҳои қарзии молиявӣ хароҷоти бемантиқу ношаффофи зиёд доранд, ки ҷуброни он ба дӯши муштариён гузошта шудааст. Аз ҷумла, хароҷоти зиёд барои сафарҳои хизматӣ, ҳақи хизмати зиёд барои мушовирони хориҷӣ, масрафи калон барои сӯзишворӣ, сохтмони зиёди амволи ғайриманқул ва ғ.

Омили дигаре, ки ба тағйирёбии вазъи бозори қарзҳои бонкӣ таъсир мерасонад, ин меъёри фоизи қарзӣ мебошад. Бидуни шак, чӣ қадаре, ки фоизи қарз паст бошад, ҳамон қадар талабот ба қарз зиёд мешавад ва ё баръакс дар ҳолати баланд будани фоизи қарз талабот ба қарз кам мегардад. Маълумот оид ба меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо дар солҳои 2009-2018 дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

Таҳлили маълумоти диаграммаи 2 нишон медиҳад, ки меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ то соли 2013 нисбат ба меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо пули миллӣ нисбатан баланд буданд. Аз соли 2014 инҷониб фоизи қарзҳо бо пули миллӣ нисбат ба меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ баланд шудаанд. Яке аз сабабҳои баланд будани

Диаграммаи 3. **Муқоисаи тағйирёбии таркиби сандуқи қарзӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар солҳои 2009-2018** *(бо млрд.сомонӣ)*




фоизҳо бо асъори хориҷӣ то соли 2013 ин зиёд будани сатҳи доллпришавии (долларизатсия) иқтисодиёт мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар муқоиса ба сатҳи миёнаи фоизи қарзҳо дар сатҳи байналмилалӣ фоизҳои қарзӣ дар кишвари мо баланд ба ҳисоб мераванд. Дар робита ба ҳалли ин мушкилӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ оид ба муайян намудани арзиши қарз ташкил карда шудааст, ки барои баҳои воқеӣ додан ба фоизи қарзҳо ва коркарди тавсияҳо бахри паст намудани фоизи қарзӣ фаъолият намуда истодааст.

Дар ҳолати паст шудани фоизи қарз шумораи муштариён афзоиш меёбад, рақобатпазирӣ ба миён меояд ва дар ин замина доираи интихоб намудани муштариёни фаъол васеъ шуда, сифати сандуқи қарзӣ беҳтар мегардад, ки ин боиси аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ гирифтани даромади фоизии бештар мешавад.

Аммо зиёд будани ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ омили дигаре ба шумор меравад, ки он ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ташкилотҳои қарзии молиявии мамлакат барои додани қарз асосан аз хориҷа сармоя ҷалб менамоянд, бинобар ин, дар таркиби сандуқи қарзии онҳо асъори хориҷӣ бештар мебошад. Дар диаграммаи 3 тағйирёбии сандуқи қарзӣ аз рӯи асъори хориҷӣ дар давраи 2009-2018 муқоиса карда шудааст.

Таҳлили маълумоти диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки аз соли 2011 то соли 2018 дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ ҳаҷми қарзҳо бо асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ зиёдтар мебошад. Зиёд шудани қарзҳо бо асъори хориҷӣ хавфи асъориро ҳам барои мизоҷ ва ҳам барои ташкилоти қарзӣ зиёд менамояд. Дар назар бояд дошт, ки дар ҳолати болоравии қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ пардохтпазирии мизоҷ паст гашта, муштарӣ имкони сари вақт пардохт намудани қарзро аз даст медиҳад. Ин раванд дар навбати худ боиси зиёд шудани қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ, сари вақт иҷро накардани уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди муштариён оид ба баргардонидани амонатҳо гардида, дар ниҳояти кор ба хавфи бад шудани вазъи молиявии низом оварда мерасонад.

Омили дигари ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсиррасон ин дурустии таҳлили қобилияти пардохтпазирии муштарӣ ба шумор меравад. Таҳлили нодурусти пардохтпазирии муштарӣ аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ боиси он мегардад, ки муштарӣ қарзи аз тавони пардохташ зиёдро гирифта, онро ба ташкилоти қарзӣ баргардонида наметавонад. Дар натиҷа ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтода дар сандуқи қарзӣ зиёд гардида, сифати сандуқи қарзӣ паст мешавад. Таҷрибаи мазкурро мо дар фаъолияти баъзе бонкҳои низомсози кишвар дидем, ки яке аз сабабҳои асосии ба буҳрон дучор шудани онҳо маҳз дар нодуруст баҳогузорӣ намудани қобилияти пардохтпазирии муштариён буд.

Дар баробари дурустии таҳлили қобилияти пардохтпазирии муштарӣ дуруст баҳогузорӣ намудани нархи амволи гарав омиле мебошад, ки таъсири бевоситаи худро ба бозори қарзҳои бонкӣ мерасонад. Мутаассифона дар низоми бонкии мамлакат раванди баҳогузории нархи амволи гарав дар сатҳи на он қадар хуб қарор дорад. Вобаста ба ҳолати мазкур дар санаи 10 майи соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,

Диаграммаи 4. **Ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ дар солҳои 2009-2018** *бо млрд.сомонӣ*




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкҳо низ изҳори нигаронӣ намуда, аз Бонки миллии Тоҷикистон талаб намуданд, ки раванди мазкурро таҳти назорати ҷиддӣ қарор диҳад. Таъсири манфии омили мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳолати нодуруст баҳогузорӣ намудани нархи амволи гарав, рӯёнидани қарзи ғайрифаъол аз ҳисоби амволи ба гаравгирифташуда, ғайриимкон мегардад ва барои ташкилоти қарзӣ мушкилоти молиявиро ба бор меорад.

Қарздории аз ҳад зиёд (қарз гирифтани як муштарӣ аз чанд ташкилоти қарзӣ) омили дигарест, ки ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои мисол, як муштарӣ барои қонеъ гардонидани талаботаш ба воситаҳои пулии дарозмуддат аз якчанд ташкилоти қарзии молиявӣ қарз мегирад. Дар ҳолати дуруст ба роҳ намондани фаъолият, муштарӣ ба мушкилиҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мегардад ва ниҳоят барои баргардонидани қарзи аз як бонк гирифтааш ба бонки дигар муроҷиат менамояд ва дар натиҷа қарздории муштарӣ ва хавфи ташкилотҳои қарзӣ дар самти баргардонидани қарз низ меафзояд.

Дар алоқамандӣ ба ҳалли ин масъала, яке аз дастовардҳои муҳими низоми бонкӣ - ташкили Бюрои таърихи қарзӣ ба шумор меравад. Бешубҳа, барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин пойгоҳ имкон медиҳад,ки муштариёни таърихи қарзии манфӣ доштаро шиносанд ва ба онҳо қарз надиҳанд.

Тамоюли қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2009-2018 дар диаграммаи 4 оварда шудааст.

Зиёдшавии маблағҳои қарзҳои батаъхирафтода дар давраи таҳлилшаванда дар охири давра нисбати аввали давра 13 маротиба зиёд шудааст. Аммо боиси қайд аст, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ пас аз соли 2016 тамоюли камшавиро дорад ва аз 47% дар соли 2016 то ба 29% дар соли 2018 кам шудааст, ки ин аз беҳтар шудани таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Барои дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, муайян намудани қобилияти пардохтпазирии муштариён, муайян намудани нархи бозории амволи ба гарав гузошта ва суғуртаи он, кор аз болои баргардонидани қарзҳои мушкилситон ва паст намудани дигар хавфҳои эҳтимолӣ, дар бозори қарзҳои бонкӣ бояд институтҳои махсус фаъолият намоянд, то ин ки ташкилотҳои қарзи молиявӣ аз онҳо истифода баранд.

Институтҳо ё ширкатҳои мазкур дар якҷоягӣ инфрасохтори бозори қарзҳои бонкиро ташкил менамоянд. Иштирокчиёни инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим дар раванди қарздиҳӣ иштирок намуда, хавфи қарзро барои ташкилотҳои қарзӣ паст менамоянд.

Рушди инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ омилест, ки шояд аз ҳама бештар таъсир ба рушди бозори мазкур таъсири амиқ расонад. Тибқи таҳлилҳо инфрасохтори бозори қарзҳои бонкии Тоҷикистон айни замон дар ҳоли ташаккулёбӣ ва рушд қарор дорад ва баъзе институтҳои он то дараҷаи лозимӣ рушд наёфта, баъзеи дигараш тамоман ташаккул наёфтаанд. Бе рушди мукаммали инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ дар пешниҳоди қарзҳо хавфи баланди барна-

гаштани қарзҳо, паст шудани сифати сандуқи қарзӣ, бад шудани ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст.

Иштирокчиёни инфрасохтори бозори қарзҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Бонки миллии Тоҷикистон, бюрои таърихи қарз, ширкатҳои аудиторӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, ассотсиатсияи бонкҳо, ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайраҳо ба шумор мераванд. Ба ҳолати аввали соли 2019 дар ҷумҳурӣ ду бюрои таърихи қарз, 18 ташкилоти суғуртавӣ ва 11 ширкатҳои аудиторӣ фаъолият менамоянд.

Ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда, дар ҳолати номуътадилӣ боиси афзоиши ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ, паст шудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, коҳиш ёфтани боварии сармоягузорон ва амонатгузорон ба бозори қарзии мамлакат, ба буҳрон дучор шудани ташкилотҳои қарзии молиявӣ, афзоиши сатҳи бекорӣ, кам шудани қарздиҳӣ ва дигар оқибатҳои манфӣ оварда мерасонанд.

Барои таъмин намудани рушди босуботи бозори қарзҳои бонкӣ ва боло бурдани нақши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат, пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба бозори қарзҳои бонкӣ монеаэҷодкунанда, ба сомон расонидан чунин корҳоро зарур мешуморем:

- Баландбардории масъулият ва ҷавобгарии роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ нисбати ҷалби сармояи арзони дохилӣ ва хориҷӣ, истифодаи роҳу услуби сарфакорӣ ва кам намудани хароҷоти амалиётӣ, инчунин баланд бардоштани сифати сандуқи қарзӣ;
- Ҷоннок намудани фаъолияти Бюрои таърихи қарзӣ ва такмил додани махзани бюрои таърихи қарз барои ташкилотҳои қарзӣ ва муштариён инчунин, ҷоннок намудани фаъолияти дигар иштирокчиёни инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ;
- Таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқии махсус роҷеъ ба тартиби муайян намудани арзиши аслии қарз;
- Таъсисдиҳии институтҳои молиявии нав аз қабили ширкатҳои кор бо қарзҳои мушкилситон, ширкатҳои баҳогузорӣ ва раддабандии ташкилотҳои қарзӣ (рейтингӣ), ширкатҳои баҳодиҳандаи нархи амволи гарав ва ғайраҳо.

# Интернетбанкинг дар Тоҷикистон

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир интернетбанкинг ба таври сареъ густариш меёбад. Ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ бо дарки он, ки зиндагӣ дар замони муосир бе интернет тасаввурнопазир мегардад, талош мекунанд, хадамоти интернетбанкингро барои мизоҷони худ то ҳадди имкон фароҳам созанд. Интернетбанкинг тадриҷан ба яке аз ҷузъҳои асосии ҳаёти молиявии кишвар табдил меёбад.**




## БОНКДОРӢ АЗ ДОХИЛИ ХОНА

Шаҳрвандони Тоҷикистон бо истифода аз бонкдории интернетӣ аз хона набаромада, амалиёти зарурии бонкиро анҷом медиҳанд. Онҳо агар хоҳиш дошта бошанд, метавонанд ба воситаи интернети компютеру телефони худ пули барқу хизматрасониҳои маиширо пардохт кунанд ва ба суратҳисоби наздикони худ пул интиқол диҳанд ва ё ҳамин тавр аз тариқи интернет молу маҳсулот харидорӣ кунанд.

Ба ибораи дигар гӯем, интернетбанкинг низоми идоракунии суратҳисобҳои бонкӣ тавассути шабакаи ҷаҳонии интернет мебошад. Ҳар як муштарии ташкилоти қарзӣ, ки ба ӯ хизматрасонии интернетбанкинг пешниҳод мешавад, ба воситаи интернет бо дохил намудани логин ва рамзи худ (парол) ба сомонаи ташкилоти қарзӣ аз хона набаромада, амалиётҳои гуногуни бонкиро иҷро мекунад. Масалан, ӯ ба ин тариқ метавонад, пули телефонашро пардохт кунад, ё аз мағоза чизеро харид кунад ва ё бо пардохти маблағ ғизои шомашро аз дилхоҳ тарабхона фармоиш диҳад. Ҳамчунин ҷаримаҳои БДА, пули барқу маблағҳои хизматрасониҳои маиширо бидуни комиссия аз хонаи худаш ё аз дилхоҳ ҷойи дигар пардохт кунад.

Инчунин интернетбанкинг ба мизоҷ имкон медиҳад, ки ҳаҷми маблағҳои мавҷуд дар суратҳисобашро бинад ва ё хароҷоти худро таҳлил кунад. Ҳоло барои иҷрои ин амалҳо компютер доштан шарт нест, мизоҷ метавонад ба воситаи планшет ё смартфони дорои интернет низ амалиёти бонкӣ анҷом диҳад.

Дар маҷмӯъ, хизматрасонии бонкдории интернетӣ иҷро намудани амалҳои бонкиеро ба мисли дидани тавозун ва бақияи маблағ дар суратҳисоб, фаъол намудан ё бастани корти бонкӣ ва ё суратҳисоби бонкӣ, ташкил намудани фармоиши пардохтӣ аз рӯи мушаххасоти бонкии муштарӣ, банақшагирии

интиқолҳо, интиқоли маблағ байни суратҳисоби кортӣ ва суратҳисоби амонатии худ, интиқоли маблағ аз суратҳисоби кортӣ ба суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бонки дилхоҳ ва интиқоли маблағ ба кортҳои пардохтии хориҷӣ ва кортҳои пардохтии миллиро хеле осон мегардонад.

Барои мисол, дар сурати дастрасӣ ба интернет барои интиқоли маблағ ба корти пардохтӣ танҳо шумораи корти пардохтии пулгирандаро донистан кифоя аст. Дар сурати истифодаи интернетбанкинг барои анҷом додани ин амал, дигар зарурат барои ба бонк рафтан намемонад.

Далер Раҳимов коршиноси масоили иқтисодӣ мегӯяд, интернетбанкинг ин пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ба аҳолӣ ба воситаи шабакаи ҷаҳонии интернет мебошад:

- Низоми интернетбанкинг ба мизоҷон шароит фароҳам меорад, ки новобаста аз он, ки онҳо дар куҷо қарор доранд, бо ёрии компютеру ноутбуку смартфонҳо амалиёти бонкӣ анҷом диҳанд. Дар замони рушди фанновариҳои иттилоотӣ дигар барои анҷом додани амалиёти молиявӣ зарурати ба шуъбаи бонк рафтану дар қатор навбат поидан намемонад. Интернетбанкинг пардохти ҳаққи хизматрасониҳо, фиристодани пул ба хешовандону дӯстон, иваз намудани асъор, назорати суратҳисоб ва корҳои дигарро барои мизоҷон дар давоми 24 соат дар ҳафт рӯзи ҳафта имконпазир кардааст.

Интернетбанкинг имкони пардохти пули хизматрасониҳои анҷомшударо дар дилхоҳ вақту соат фароҳам меорад. Бо истифода аз хадамоти онлайнии бонкии ташкилотҳои қарзӣ барои мисол, пардохти пули интернет, телефон, телевизиони рақамӣ, андозу ҷаримапулиҳо ва ҳақи хизматрасониҳои дигар хеле осон аст. Инчунин ба воситаи он амалиётҳое чун интиқоли пул аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар, пардохти қарзҳо, пур кардани ҳамёнҳои электронӣ ва хариди молу амвол сода аст. Мизоҷ барои пардохти ҳақи ин хизматрасониҳо вақташро барои ба бонк рафтану пур кардании расидҳо сарф накарда, метавонад, аз маҳали дилхоҳаш, аз хона ва ё коргоҳ , ё дар ҳар куҷое, ки бошад, истода, ба суратҳисобҳои даркорӣ пул гузаронад.

Дар баъзе кишварҳо бонкҳо хизматрасонии "пардохти худкор ё автоматӣ"-ро пешниҳод мекунанд, ки тавассути пайвастан ба он аз суратҳисоби мизоҷ ҳар моҳ ё ҳар вақти муайяншуда, пардохтҳои он мустақилона амалӣ мешаванд. Бо ин тартиб интернетбанкинг вақти мизоҷи бонкро сарфа мекунад.

Қобили қайд аст, ки бо фароҳам овардани ин ҳама имкониятҳои муҳим бархе бонкҳо барои амалиёт бо интернетбанкинг комиссия намегиранд ва ин хизматрасониро ройгон анҷом медиҳанд.

## ТАВАҶҶӮҲ: ИНТЕРНЕТБАНКИНГ ЭҲТИЁТКОРИРО ТАЛАБ МЕКУНАД

Дар робита ба рушд ва татбиқи фанновариҳои иттилоотӣ қайд карданием, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбат он ҷанбаҳои дигареро дорост, ки аз истифодабарандагони интернетбанкинг эҳтиёткориро талаб мекунад. Бояд мизоҷ эҳтиёткор бошад, ки риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифодаи интернетбанкинг метавонад ба талаф додани маблағ низ боис шавад. Мутахассисон бо исрор тавсия медиҳанд, ки, ҳангоми гузаронидани амалиёти молиявӣ дар интернетбанкинг бояд ба он аҳамият дод, ки оё дар воқеъ бо сервери бонк (нишонаи интернетии ташкилот) пайваст шудаед, ё не. Чунин амал ба хотири пешгирӣ аз ҳолатҳои қаллобӣ сурат мегирад.

Илова бар ин, мутахассисон таъкид менамоянд, ки ба қадри имкон бояд аз истифодаи интернетбанкинг дар нуқтаҳои дастрасии умумӣ ба интернет худдорӣ кардан зарур аст ва умуман дар чунин нуқтаҳо бо интернетбанкинг набояд кор кард. Зеро дар чунин ҷойҳои ҷамъиятӣ имкони ба дасти шахсони дигар расидани рамзи махфӣ ва рақами суратҳисобҳо вуҷуд дорад.

Абдуҳафиз Кенҷаев, мутахассиси соҳаи амнияти иттилоотӣ дар бонкҳо мегӯяд, ки бояд ҳангоми кор бо интернетбанкинг аз барномаҳои антивирусии муҷаввиздор исти-

фода бурд, то суратҳисоб аз барномаҳои иттилоърабобоянда дар амон бошад:

- Бояд ҳар сари чанд вақт пардохтҳо аз ҳисобҳоро ба хотири дучор нашудан ба ҳолатҳои қаллобӣ ё дуздӣ аз назар гузаронд ва дар ҳолати зарурӣ ба ташкилоти қарзӣ муроҷиат кард. Барои пешгирӣ аз чунин ҳолатҳо зарур аст, ки ҳар моҳ рамзи дохилшавӣ ба интернетбанкинг иваз карда шавад.

Хушбахтона, хизматрасониҳои онлайнии бонкии ташкилотҳои қарзӣ имкон медиҳанд, ки суратҳисоб ҳамавақт зери назорати мизоҷ бошад. Мизоҷ ҳамеша метавонад, бақия ва ҳаракати воситаҳои пулиашро тафтиш кунад.

## ИНТЕРНЕТБАНКИНГ АЗ КУҶО ПАЙДО ШУД?

Аввалин низомҳое, ки имконияти аз фосилаи дур назорати суратҳисоби бонкиро пешниҳод мекарданд, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар солҳои 80-уми асри бист пайдо шуда буданд. Онҳо номи “Home Banking” ё худ бонки хонагиро доштанд ва имкон медоданд, ки бо ёрии телефон ба компютери бонк пайваст шуда, амалиёти оддитарини бонкиро анҷом диҳанд. Ин низом дар замоне пайдо шуд, ки ташкилотҳои қарзии ИМА тибқи қонунгузорӣ фаъолияти маҳдуде доштанд ва ҳақ надоштанд, ки филиалҳои худро дар иёлатҳои дигар боз кунанд.

Вале каме баъдтар рушди фанноварихо ба мукамалшавии низоми бонкдории интернетӣ мусоидат кард. Дар соли 1997 дар Амрико аввалин бонки маҷозӣ дар ҷаҳон бо номи Security First Network Bank ба вуҷуд омад. Дертар дар соли 2001 саҳмдорони бонки машҳури Bank of America аллакай метавонистанд, мустақилона дар сомонаи бонк ба ҳуҷраи шахсии худ ворид шуда, суратҳисоби худро тафтиш намоянд ва амалиёти оддиеро чун гирифтани маълумотнома, пардохту интиқоли маблағҳоро анҷом диҳанд.

Дар Тоҷикистон бошад, аз нимаи дуюми солҳои 2000-ум бонкҳо хадамоти интернетбанкингро ба роҳ монданд. Ин раванд ҳоло идома карда, аксари ташкилотҳои қарзӣ талош мекунанд, ки интернетбанкингро густариш диҳанд.

## ГӮШАИ INTERNETBANKING-И БОНКҲОИ ТОҶИКИСТОН

Дар ҳоли ҳозир аксари бонкҳои Тоҷикистон хизматрасонии интернетбанкингро ба роҳ мондаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин самт БДА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” ҶСП “Спитаменбонк”, ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСК “Бонки Эсхата” ва ҶСП "Казкоммертсбонки Тоҷикистон" талошҳои бештару назаррасро барои ҷорӣ намудани интернетбанкинг анҷом додаанд.

ҶСК “Ориёнбонк” дар сомонаи худ гӯшаеро бо номи InternetBanking ҷойгир намудааст, ки муштариён аз он метавонанд, истифода баранд. Дар ин сомона интернетбанкинг яке аз роҳҳои осонтарини идоракунии суратҳисобҳои худ унвон гардида, зикр шудааст, ки мизоҷон метавонанд бо истифода аз он бақияи маблағҳоро дар суратҳисобҳои худ дар реҷаи онлайн бинанд, иқтибос чоп намоянд ва пардохтҳоро анҷом диҳанд. Мизоҷони ин бонк метавонанд, ҳамчунин ҳуҷҷатҳоеро, чун супоришномаи пардохтӣ бо сомонӣ, ариза барои интиқол бо асъори хориҷӣ, супоришнома барои хариду фурӯши асъор ва ариза барои мубодилаи асъор ба бонк бо истифода аз интернетбанкинг фиристонанд. Хадамоти интернетбанкинг дар ҶСК“Ориёнбонк” дар сомонаи www.mybank.tj дастрас аст.

БДА ҶТ “Амонатбонк” низ дар саҳифаи аслии сомонаи худ гӯшаеро таҳти унвони интернетбанкинг ҷой дода, хадаметеро бо истифода аз интернетбанкинг ба роҳ мондааст. Дар сомонаи БДА ҶТ “Амонатбонк” маълумотҳо барои пайвастшавӣ ба интернетбанкинг ба мизоҷон пешниҳод шудааст. Инчунин бонки мазкур тавсияҳоеро барои таъмини бехатарӣ ҳангоми истифода аз интернетбанкинг ба мизоҷон манзур намудааст. Аз он ҷумла, дар ин тавсиянома бо хитоб ба мизоҷон омадааст, ки ҳеҷ гоҳ дар ягон ҳолат рамзи воридшавии худро ба касе нагӯед, ҳатто ба кормандони бонк ва хадамоти дастгирии техникӣ онро нишон надиҳед.

Ҳамеша дар ҳолати кӯшишҳо пайдо шудан барои донистани рамзатон ба кормандони масъули бонк хабар диҳед. Инчунин дар сомонаи БДА ЧТ "Амонатбонк" ба хотири ҳифзи амнияти иттилоотии мизоҷ таъкид мешавад, ки рамзи воридшавӣ ба интернетбанкингро ҳеҷ гоҳ дар файлҳои компютер ё воситаҳои дигари ҳомили иттилоот нигоҳдорӣ накунанд.

## АЗ "ALIF.MOBI" ТО "ҲУМО ОНЛАЙН"

Ташкилотҳои амонатии қарзии хурди Тоҷикистон низ ҳоло ба қадри имкон хадамоти интернетбанкингро ба таври васеъ ба мизоҷон пешниҳод мекунанд. ТАҚХ "Алиф-Сармоя" номгӯи васеъи хизматрасониҳои интернетиро ба воситаи сомонаи худ ба мизоҷон пешниҳод мекунад. Ин ташкилоти қарзӣ барномаҳои вижаеро барои смартфонҳо сохта, барои насб кардан ба мизоҷон пешкаш кардааст. Яке аз ин барномаҳо ҳамёни электронии alif.mobi аст, ки ба воситаи он мизоҷон метавонанд якчанд кортҳои бонкии худро пайваст карда, мустақиман пардохтҳои худро анҷом диҳанд. Мизоҷон метавонанд, аз маблағҳои кортҳои «Корти миллӣ», Visa ва MasterCard суратҳисоби онро пур карда, ҳангоми хароҷоти электронӣ истифода баранд. Ҳамчунин онҳо бо истифода аз ин барнома метавонанд пулҳои дар суратҳисоби он бударо ба корти пардохтии «Корти миллӣ»

> Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин самт БДА ЧТ "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк" ҶСП "Спитаменбонк", ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСК "Бонки Эсхата" ва ҶСП "Казкоммертсбонки Тоҷикистон" талошҳои бештару назаррасро барои ҷорӣ намудани интернетбанкинг анҷом додаанд.

гузаронида, онҳоро аз банкомат ба таври накд гиранд.

Ҳамёни электронии alif.mobi барои анҷоми пардохтҳо ва ворид шудани маблағҳо барномаи бисёр осон буда, мизоҷон ба воситаи он метавонанд дар дилхоҳ вақту соат ҳақи хизматрасонӣ ва пули молҳоро пардохт кунанд. Барномаи alif.mobi барои низомҳои амалиётии мобилии iOS ва Android дастрас мебошад.

Ба замми ин хизматрасониҳои онлайнии бонкии ташкилотҳои қарзӣ имкон медиҳанд, ки суратҳисоб ҳамавақт зери назорати мизоҷ бошад. Мизоҷ ҳамеша метавонад, бақия ва ҳаракати воситаҳои пулиашро тафтиш кунад.

Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Имон Интернешнл» низ барномаеро бо номи IMON ibank барои смартфонҳо сохта, дар низомҳои Google Play ва App Store дастрас намудааст. Ин ташкилоти қарзӣ дар сомонаи худ дар бораи хизматрасониҳояш бо интернетбанкинг маълумот дода, роҳи истифода аз интернетбанкингро нишон додааст. Барои истифодаи низоми интернетбанкинг мизоҷ бояд бо шиноснома ва РМА ба зерсохтори бонк муроҷиат намуда, бо қоидаҳои истифодабарии низоми интернетбанкинг шинос шавад ва аризаи пайвастшавии хизматрасониро пешниҳод намояд. Баъдан бонк ҳуҷҷатеро бо логин ва рамзи махфӣ барои дастрас будан ба низоми интернетбанкинг медиҳад ва хизматрасонӣ фаъол мегардад.

Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" низ барномаи "Хумо Онлайн"-ро сохтааст, ки бо он осон шудани беш аз 70 намуд хизматрасониҳои бонкӣ дар назар аст. Ин барнома дар шабонарӯз 24 соат фаъол аст. Муштариён бо насби он дар смартфонҳои худ метавонанд, ҳар гуна амалиёти интиқоли маблағ ва пардохти хизматрасониро бидуни коммиссия ва омадан ба филиал анҷом диҳанд.

Дар бахши "Смарт интиқол"-и ин барнома муштариён метавонанд маблағро байни суратҳисобҳои худ интиқол диҳанд. Интиқолҳо бо рақами телефон, бо QR-рамз, бо NFC-технология, бо email имконпазир аст. "Ҳумо Онлайн" пардохти ҳисобҳоро дар 3 пахш, дар давоми якчанд сония имконпазир карда, расиди (квитансия) электронӣ пешниҳод мекунад.

Ба ин тартиб оҳиста-оҳиста бонкдории интернетӣ дар Тоҷикистон теъдоди зиёди ода-

монро фаро мегирад ва дастрасии онҳоро ба хизматрасониҳои бонкӣ беҳтар мекунад.

### ИНТЕРНЕТБАНКИНГ ВА ОЯНДАИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Ба гуфтаи коршиносон, бо назардошти дар минтақаи кӯҳистон ҷойгир будани Тоҷикистон ва аз ҳам дур қарор доштани маҳалҳои зисти сокинон афзалиятҳои интернетбанкинг аз хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ хеле зиёд мебошанд. Масалан, хизматрасонии бонкдории интернетӣ ба як сокини кӯҳистон имкон медиҳад, ки то маркази ноҳия масофаи зиёдеро тай накарда, аз хонаи худ амалиёти бонкиро анҷом диҳад.

Фарҳод Содиқов, коршиноси соҳаи фанноварихои иттилоотӣ бар он аст, ки интернетбанкинг дар Тоҷикистон шароитеро фароҳам меорад, ки хизматрасониҳои бонкӣ ҳатто дар дурдасттарин ноҳияҳои кишвар дастрас шаванд:

-Интернетбанкинг ба муассисаҳои бонкӣ имкон медиҳад, ки аҳолии бештари Тоҷикистонро аз ҷумла, онҳоеро, ки дар ноҳияҳои дурдасти кишвар зиндагӣ мекунанд, фаро гиранд. Ҳамчунин он имкон медиҳад, ки ҳаҷми пули нақд дар гардиш коҳиш ёбад, ки он барои низоми бонкии кишвар омили мусбат мебошад.

Дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир будани қисмати зиёди деҳоту манотиқи аҳолинишини кишвар интернетбанкингро ба яке аз имконоти дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ табдил хоҳад дод. Мардум метавонанд бо дастрасӣ ба интернет ва истифодаи интернетбанкинг аз маҳали худ дур нарафта, амалиёти бонкиро анҷом диҳанд. Талабот ба хадамоти интернетбанкинг бо баробари густариши интернет ва рушди иқтисоду бозорҳои молия афзоиш хоҳад ёфт. Бинобар ин, дар оянда дар Тоҷикистон интернетбанкинг ба яке аз бахшҳои муҳими бонкдорӣ табдил хоҳад ёфт.

> Ҳамёни электронии alif.mobi барои анҷоми пардохтҳо ва ворид шудани маблағҳо барномаи бисёр осон буда, мизоҷон ба воситаи он метавонанд дар дилхоҳ вақту соат ҳақи хизматрасонӣ ва пули молҳоро пардохт кунанд. Барномаи alif.mobi барои низомҳои амалиётии мобилии iOS ва Android дастрас мебошад.

Дар айни замон бонкдории интернетӣ ба муштариёни бонкҳо шароитеро фароҳам меорад, ки амалиёт бо суратҳисоби худро аз роҳи дур дар дилхоҳ маҳал ва дилхоҳ вақт амалӣ кунад ва вақти омадурафт ба бонк сарфа шавад. Муҳимтар аз ҳама, мизоҷ барои истифодаи ин хизматрасонӣ маблағи изофӣ пардохт намекунад, зеро истифода аз интернетбанкинг дар аксари бонкҳо ройгон аст.

Мутахассисон пешбинӣ мекунанд, ки бо ин доираи фаъолияти интернетбанкинг маҳдуд намешавад. Дар оянда имкон дорад, ки ҳатто агар бо суратҳисоби шумо ҳодисаи номуайяне рӯй диҳад, ба воситаи фанноварихои навтарин ба шумо худи низом хабар хоҳад дод.

Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои анҷомдодаи созмонҳои байналмилалӣ дастрасӣ ба интернет сол аз сол дар Тоҷикистон густариш ёфта, бисёре аз сокинон аз он истифода мебаранд. Афзоиши истифодабарандагони интернет яке аз омилҳои асосӣ барои тавсиаи муваффақонаи бонкдории интернетии мувофиқ ба меъёрҳои байналмиллалӣ дар кишвар хоҳад буд. Бино ба иттилоъи сомонаи Internet Live Stats шумораи корбарони интернет дар соли 2018 дар Тоҷикистон ба 3 миллион нафар расидааст. Аз 9,1 миллион аҳолии Тоҷикистон, дар соли гузашта 33 дарсади мардум ба интернет дастрасӣ доштаанд.

Хушбахтона, ба ҳамон андозае, ки интернет ба ҳаёти мардум ворид мегардад, ба ҳамон андоза интернетбанкинг низ густариш пайдо хоҳад кард. Аз ин рӯ, тавре болотар қайд карда будем, интернетбанкинг дарояндаи наздик ба яке аз бахшҳои муҳими бонкдорӣ мубаддал хоҳад шуд.

**Таҳияи**
**Аслам Мӯминов,**
**"БТҶ"**

# БМТ ва чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ



Бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҷлили сазовори ҷашни аҷдодии Наврӯзи байналмилалӣ дар қаламрави кишвар, бо иқдоми Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳори имсол дар майдончаҳои варзишӣ-фароғатие, ки давоми солҳои 2017-2018 дар ҳудуди шаҳри Душанбе аз ҳисоби вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо сохта ба истифода дода шуданд, як силсила чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ ва солимгардонӣ роҳандозӣ гардид. Аз рӯи ҷадвали тасдиқгардида ҷавонон ба чанд намуди варзиш, аз ҷумла футбол, волейбол, баскетбол, тӯби дастӣ, теннис, шоҳмот ва шашка ҷалб карда шуданд.

Бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи чорабиниҳои мазкур, аз санаи 19 то 27 марти соли 2019 дар майдончаҳои варзишие, ки дар кӯчаи Ҷаббор Расулов ва хиёбони Ҳофизи Шерозии шаҳри Душанбе аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон қаблан сохта ва ба истифода дода шуданд, байни наврасону ҷавонони маҳаллаҳои мазкур мусобиқаи футболи хурд гузаронида шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар мусобиқоти мазкур 6 даста дар майдончаи варзишии хиёбони Ҳофизи Шерозӣ ва 6 дастаи дигар аз ҳисоби ҷавонони маҳаллаи кӯчаи Ҷаббор Расулов миёни ҳам рақобат намуданд.

Дар маросими ҷамъбастии ин мусобиқаҳо, ки 28 марти соли





2019 дар майдончаҳои мазкур доир гардиданд, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ширкат варзида, ҳозиринро бо ҷашни Наврӯзи аҷам табрику таҳният гуфт ва иброз дошт, ки ҳадаф аз ташкили мусобиқаи мазкур ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷавонон ба намудҳои гуногуни варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим буда, баргузории он дар таҳкими дӯстиву рафоқат миёни ҷавонон ва оммавӣ гардонидани варзиш мусоидат хоҳад намуд.

Сипас, ба ғолибон аз ҷониби Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ва Раиси Шӯрои ҷавонони БМТ Абдулқайси Саидҷаббор ифтихорномаҳо, ҷом, медалҳо ва тухфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

**Барои ташкили истироҳати бофароғати фарзандонатон дар соҳилҳои зебоманзари “Баҳри тоҷик” ба ҶДММ “ШОҲИН-БМТ” даъват менамоем.**



Барои маълумоти бештар ба сомонаи www.shohin-bmt.tj ташриф оваред ва бо телефони +(992) 92-603-00-20 дар тамос шавед.
Суроға: 735750, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд ,ш.Гулистон, минтақаи истироҳатӣ, ҶДММ "Шоҳин-БМТ"

# *Ба Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон, хуш омадед!*














**Синфхонаҳои таълимӣ дорои таҷҳизотҳои мултимедӣ буда, дар онҳо лексия-суҳбатҳо, семинарҳои мавзӯӣ, мизҳои мудаввар, бозиҳои корӣ, дарсҳои телевизионӣ ва ғайра гузаронидан мумкин аст.**

Нишонии мо:
Вилояти Суғд, ш. Гулистон. Тел.: +(992 44) 630-45-99; +(992 44) 630-45-92;
Моб.: +(992 92) 787-57-70; e-mail: info@tcnbt.tj; www.tcnbt.tj

***Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳили зебоманзари обанбори Гулистон "Баҳри тоҷик" ҷойгир аст.***